**ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

**ТДУ:39+572+930(0758)**
**ТКБ:63,3+902,7+5А1(2+Тоҷ)**
**Т-65**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ШАМСИЯИ ТОИРХОН**

# САҲМИ МУҲАҚҚИҚОНИ РУС ДАР ОМӮЗИШИ ЭТНОГРАФИЯ ВА АНТРОПОЛОГИЯИ ТОҶИКИСТОНИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБӢ (СОЛҲОИ 1920 – 2000)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯи ихтисоси 6D020300 –Таърих (6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
номзади илмҳои таърих,
дотсент Боқиев Р.У.

**КӮЛОБ – 2026**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ................3**

**МУҚАДДИМА..........................................................................................4**

**БОБИ 1. САҲМИ МУҲАҚҚИҚОНИ РУС ДАР ОМӮЗИШИ МАРДУМШИНОСИИ ТОҶИКИСТОНИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБӢ..........................................................................................16**

1.1. Инъикоси фарҳанги моддии сокинони Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг ва Рашт дар осори муҳаққиқони рус...................................16

1.2. Нақши Р.Л. Неменова ва А.К. Писарчик дар омӯзиши мардумшиносӣ ва фарҳанги аҳолии Варзоб ва вилоятҳои Ғарму Кӯлоб.............................................................................................39

**БОБИ 2. ИНЪИКОСИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ВА ФАРҲАНГИ ЛИБОСИ АНЪАНАВИИ СОКИНОНИ ТОҶИКИСТОНИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБӢ ДАР ОСОРИ МАРДУМШИНОСОНИ РУС..................67**

2.1. Омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус.......67

2.2. Матоъҳои ҳунарӣ ва фарҳанги либоси миллӣ дар таҳқиқоти мардумшиносон...........................................................................88

**БОБИ 3. НАҚШИ МУҲАҚҚИҚОНИ РУС ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ЭТНИКӢ ВА ЭТНОГЕНЕЗИ АҲОЛИИ НОҲИЯҲОИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБИИ ТОҶИКИСТОН.....................................119**

3.1. Саҳми мардумшиносони рус дар омӯзиши таърихи этникӣ ва этногенези мардуми ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистон ..... 119

3.2. Омӯзиши антропологии аҳолии Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ дар таҳқиқоти антропологҳои рус ........................................................ 130

ХУЛОСА ......................................................................................... 150

Номгӯи адабиёт..........................................................................156

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

| | |
|---|---|
| АМИТ – | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| БДТН ҶТ – | Бойгонии давлатии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҶҶР – | Ҷамъияти ҷуғрофии Рус |
| ИТБМ АМИТ – | Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| ИТЗА ФТАИ ИҶШС – | Институти таърих, забон ва адабиёти Филиали тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС |
| ОАМ АИР – | Осорхонаи антропологӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои Россия |
| МТБ ИҶШС – | Мавод ва таҳқиқот доир ба бостоншиносии ИҶШС |
| ФТАИ ИҶШС – | Филиали Тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС |
| РБХХ ФТАФ ҶШСТ – | Раёсати баҳисобгирии хоҷагии халқ. |
| ФТ АФ ҶШСТ – | Филиали Тоҷикистонии Академияи фанҳои ҶШС Тоҷикистон |

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Таърих омили муҳимми худшиносии миллӣ буда, гузаштаи ҳар як халқу миллатро инъикос менамояд. Ҳар як шахс метавонад ба воситаи аз худ кардани донишҳои таърихӣ дар замири худ ҳисси шаҳрвандӣ, ахлоқ, ваҳдати миллӣ ва тарбияи ватандӯстиро ташаккул диҳад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин бора чунин фармудааст: «Одамонеро, ки дар бораи сарнавишти миллат, дар бораи гузаштаи таърихи халқи худ тасаввуроте надоранд, расму оинҳои гузаштагони худро намедонанд, ба қадру қимати нақш ва мавқеи беҳтарин фарзандони Ватани худ баҳои сазовор дода наметавонанд, ба гумон аст шаҳрвандони ҳақиқӣ, комил номид» [208, с.7].

Ҳудуди таърихии иқоматгоҳи тоҷикон тӯли чандин даҳсолаҳо ҳамеша мавриди баҳсу мунозираи олимону муҳаққиқони соҳа қарор гирифта буд. Қаламрави иқомати тоҷикон ва мафҳуми «ҳудуди этникӣ» -и тоҷикон то имрӯз боиси ихтилофи муайяне миёни бархе аз муҳаққиқон гаштааст.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳи олимону донишмандони тоҷикро борҳо ба зарурияти омӯзиши давраи қадимтарини таърихи этникии тоҷикон равона карданд. Сарвари давлат дар баромадашон аз минбарҳои гуногун таъкид мекарданд, ки «хато мебуд агар мо давлати Сомониёнро оғози давлатдории тоҷикон номем. Зеро ҳанӯз пеш аз давраи Сомониён тоҷикон як қатор давлатҳоро таъсис дода, ба ҳайси яке аз халқҳои қадимтарини Осиёи Марказӣ, ки аввалин шуда саҳифаҳои тамаддунро дар ин сарзамин кушоданд, эътироф шудаанд» [208, с.6].

Дар солҳои Ҳокимияти Шуравӣ илм, фарҳанг ва санъати ҳамаи халқҳои ИҶШС бо суръат рушду такомул ёфт. Маҳз дар ҳамин давра

илми таърих, ки рисолати омӯзиши таърихи халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ, аз ҷумла таърихи халқи тоҷикро ба дӯш дошт, пайваста рушду нумуъ мекард. Дар ин давра олимон ва сайёҳони рус ба омӯзиши масоили гуногуни таърихии Осиёи Миёна, хусусан Тоҷикистон машғул шуданд. Ҳамзамон, онҳо сарфи назар аз мушкилиҳои мавҷуда дар раванди бунёди тартиботи нави Шуравӣ дар қаламрави Тоҷикистони Шуравӣ ширкати фаъол доштанд.

Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки солҳои 20-ум-90-уми асри XX оид ба урфу одат, анъана, расму оинҳо ва этногенези халқи тоҷик аз тарафи муҳаққиқони рус, аз ҷумла В.В. Бартолд, М.С. Андреев, Г.А. Арандаренко, А.Д. Гребенкин, В.В. Гинзбург, Н.А. Кисляков, А.М. Манделштам, Т.П. Кияткина, Д.Н. Логофет, А.З. Розенфелд, С.П. Русяйкина, Р.Л. Неменова, Л.В. Ошанин, Е.М. Пешерова, А.К. Писарчик, З.А. Широкова ва дигарон таҳқиқоти мардумшиносӣ ва антропологӣ сурат гирифта, ҷанбаҳои гуногуни тарзи зист, урфу одат, эътиқод, оиладорӣ, маданият ва маърифати зиндагии ниёгони тоҷикон дар асарҳои онҳо инъикос ёфтааст.

Муҳаққиқони рус ба мушкилоти даврони аввали барқароршавии давлати ҷавони Шуравӣ нигоҳ накарда, кӯшиш мекарданд, ки мактабҳои навро дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода, мардуми маҳаллиро ба таълим ва тарбия фаро гиранд. Онҳо тавонистанд тадриҷан оид ба таърих ва ҳаёти гузаштаи тоҷикон маълумоти зарурӣ ҷамъоварӣ кунанд. Осори гаронбаҳои онҳо айни ҳол метавонад объекти омӯзиш бошад. Аз ин сабаб имрӯзҳо зарурати омӯзиши саҳми муаррихону сайёҳони рус дар омӯзиши таърихи ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистон пеш омадааст.

Муҳиммияти мавзуи таҳқиқотӣ боз аз он иборат аст, ки омӯзиш, таҳлил ва истифодаи таҷрибаи муҳаққиқони рус дар бунёди мактаби таърихӣ-мардумшиносии тоҷик, ҳалли масъалаҳои мубрами таърихӣ,

рушди илми таърих дар Тоҷикистон ва тарбияи насли нави муҳаққиқон мусоидат намояд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баҳри аз нав эҳё намудани анъанаҳои тоҷикӣ ва ҳунарҳои мардумӣ икдомҳои гуногунро ба роҳ монданд.

Баррасии масоили мардумшиносӣ ва антропологии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикисон дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус аҳаммияти илмӣ, назариявӣ ва амалӣ дошта, дар шароити соҳибистиқлолии кишвар ба раванди ташаккулёбии худшиносии миллии халқи тоҷик такони тоза мебахшад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ**. Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши масоили мардумшиносӣ ва антропологии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон то кунун мавриди омӯзиш ва таҳқиқи амиқи илмӣ қарор нагирифтааст. Аммо паҳлуҳои гуногуни ин мавзуъ дар асару мақолаҳо, асарҳои бунёдӣ, мақолаҳои илмиву оммавӣ инъикос шудаанд, ки онҳоро ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудан мумкин аст:

**Гурӯҳи якумро** ду асари бунёдӣ: «Этногенез ва таърихи этникии халқи тоҷик» [211, 845 с.] ва «Таджики» [190, 1002 с.] ташкил медиҳанд, ки солҳои охир ба табъ расидаанд. Дар ин ду асар бори аввал дар илми ватанӣ таърихи этникии тоҷикон ба таври муфассал таҳлил шуда, масъалаи мавриди назари мо дар онҳо қисман зикр гашта, маводи этникии мавҷуда доир ба тоҷикон таҳлил ва факту рақамҳои фаровон гирд оварда шудааст. Бахусус, зербобҳои фасли дуюми китоби «Этногенез ва таърихи этникии халқи тоҷик», «Раванди этнофарҳангии қисмати ҷанубу ғарбии Тоҷикистон» ва «Маълумоти антропологӣ доир ба мушкилотҳои этногенези тоҷикон» барои мо муҳим буданд. Аз ҷумла, дар ин асари бунёдӣ қайд мегардад, ки «Таҳлили муқоисавии иттилооти мавҷуда дар навиштаҳои муаррихони асримиёнагии тоҷик бо натиҷаҳои мушоҳидаҳои муҳаққиқони рус ва аврупоии дар миёнаҳои

асри XIX аз Осиёи Миёна дидан намуда, ҳамчунин натиҷаҳои таҳқиқоти илмии олимони шарқшиноси рус ва аврупоӣ баъди ба Россия ҳамроҳ шудани кишвар, онҳоро ба хулоса овард, ки тоҷикон, ки ба гурӯҳи эронии халқҳои ориёӣ мансубанд, аҳолии аз ҳама қадимаи Осиёи Марказӣ мебошанд» [211, с. 219]. Вале, мутаассифона, масъалаи этногенези ноҳияҳои ҷанубу марказии Тоҷикистон ва саҳми олимони рус дар инъикоси онҳо дар адабиёти илмӣ дар ин асарҳо муфассал баррасӣ нашудаанд.

**Гурӯҳи дуюмро** асару монографияҳо ва мақолаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ, ки дар онҳо саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши таъриху фарҳанги халқҳои маҳаллии Осиёи Миёна ва асару мақолаҳои нашркардаи онҳо инъикос гардидаанд [34, с. 171; 65, с. 82-89; 66, с. 80-84; 67, с. 49-53; 141, с. 195; 163, с. 129; 212, с. 180; 194, с. 73-76; 213, с. 209] ташкил медиҳад. Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши таърих ва мардумшиносии на танҳо қисми марказӣ ва ҷанубӣ, балки тамоми қаламрави Тоҷикистони имрӯза дар меҳвари таҳқиқоти илмии муҳаққиқони соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, муаррихон, этнографҳо, забоншиносон, ҷуғрофидонҳо, бостоншиносон ва сайёҳон низ қарор гирифтааст. Хусусан, Ошанин оид ба пайдоиш ва ташаккулёбии тоҷикони ҷануби Тоҷикистон қайд менамояд, ки «тоҷикони қисмати ҷануби Тоҷикистон ба нажоди аврупоӣ мутааллиқ мебошанд».[143, с.53]

**Ба гурӯҳи сеюм** рисолаҳои илмии муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ [217, 25 с.; 218, 202 с.; 219, 230 с.; 220, 50 с.; 221, 436 с.; 222, 54 с.; 223, 171 с.; 225, 206 с.] шомиланд, ки дар онҳо баъзе ҷузъиёти масъалаи баррасишаванда инъикос ёфтаанд. Қариб дар ҳамаи ин диссертатсияҳо саҳми олимони рус дар ин ё он бахши этнографияи тоҷикон нишон дода шудааст.

**Ба гурӯҳи чаҳорум** маводди электронӣ, хусусан мақолаҳои илмии электронӣ дохил шуданд, ки ба ҳаёт ва фаъолияти илмии олимони

алоҳида бахшида шуда, тавассути интернет ба даст оварда шуданд. Агар маводҳоеро, ки ҳаёт ва фаъолияти илмии олимонро дар бар мегиранд, таҳлил кунем, метавон гуфт, ки то имрӯз дар матбуоти даврӣ оид ба осори этнографии онҳо мақолаҳои алоҳидаи илмӣ-оммавӣ хеле кам ба табъ расидаанд [33, с. 264-268; 34, с. 179; 65, с. 82-89; 66, с. 80-84; 68, с.79].

**Ба гурӯҳи панҷум** хулоса, натиҷаҳо ва маводди саҳроӣ ва коллексияҳое, ки дар натиҷаи экспедитсияҳои таъсисдодашуда аз тарафи мардумшиносон ва антропологҳои ватанӣ ва рус ба даст оварда шудаанд, дохиланд, ки дар онҳо масъалаҳои муҳимми илми мардушиносӣ - этногенез ва таърихи этникии халқи тоҷик инъикос гардидааст [24, с. 121-140; 26, с. 217-231; 27, с. 26; 62, с. 34-43; 83, с. 130-134; 87, с. 239; 96, с. 67-77; 104, с. 105-111; 110, с. 405-452; 116, с. 107-121; 117, с. 174-191; 125, с. 66; 130, с. 89; 132, с. 31-44; 144, с. 174; 145, с. 67; 146, с. 197; 156, с. 134-141; 164, с. 34-69; 166, с. 72-78; 174, с. 75-84].

Қайд кардан ба маврид аст, ки аз солҳои 80-уми асри гузашта нашри маҷмӯаи мақолаҳои «Этнография дар Тоҷикистон» оғоз гардида, дар он мақолаҳои илмии бисёре аз муҳаққиқону олимон, муаррихон ба табъ расид, ки ин асарҳо ба омӯзиши таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Тоҷикистон бахшида шудаанд.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи нақшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои солҳои 2016-2021 дар мавзуи «Омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар замони Шуравӣ» иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз он иборат аст, ки муаллиф дар асоси таҳқиқоти

муҳаққиқони рус масоили этнографӣ ва антропологии аҳолии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистонро дар солҳои 1920–2000-ум мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, дурустии инъикоси воқеъаҳоро дар рисолаҳои онҳо мушаххас ва ҷойгоҳи онҳоро дар байни дигар муҳаққиқон муайян карда, ахбори тоза ба дастомадаро ба доираҳои илмӣ ворид намояд.

Муаллифи рисола барои расидан ба ин ҳадафҳо иҷрои вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:

– муайян намудани дараҷаи омӯзиши фарҳанги моддии сокинони Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг ва Рашт дар осори муҳаққиқони рус;

– инъикоси масоили мардумшиносӣ ва фарҳангии тоҷикони ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар таҳқиқотҳои Р.Л. Неменова ва А.К. Писарчик;

– баррасии масоили ҳунарҳои мардумӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус;

– омӯзиши матоъҳои ҳунарӣ ва фарҳанги либоси миллӣ дар таҳқиқоти мардумшиносон;

– муайян кардани саҳми мардумшиносони рус дар омӯзиши таърихи этникӣ ва этногенези аҳолии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон;

– омӯзиши антропологии этногенези ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон.

**Объекти таҳқиқотро** асарҳои илмии муҳаққиқони рус, аз ҷумла, осори гаронбаҳои А.Н. Кандауров, А.К. Писарчик, А.З. Розенфелд С.П. Русяйкина, Р.Л. Неменова, З.А. Широкова, Н.А. Кисляков, В.В. Гинзбург, Л.В. Ошанин, Т.П. Кияткина ва дигарон ва муқоисаи татбиқии онҳо ташкил медиҳад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** маълумоти таърихӣ, мардумшиносӣ ва антропологии аҳолии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар асарҳои муҳаққиқони рус мебошад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърих, ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст, ки се марҳиларо дар бар мегирад.

***Марҳилаи якум*** – солҳои 2016–2018-ро дар бар гирифта, дар ин марҳила интихоби роҳбари илмӣ ва тасдиқи мавзуи илмӣ  дар шурои олимони Донишгоҳ, инчунин ҷамъоварии маводи илмӣ доир ба мавзуи таҳқиқот сурат гирифт.

***Марҳилаи дуюм*** – солҳои 2019–2021-ро фаро  мегирад, ки дар ин марҳила доир ба мавзуи илмӣ мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмии КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷмуаҳои конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ  ба нашр расонида шудаанд.

***Марҳилаи сеюм*** – солҳои 2022–2024-ро дар бар мегирад, ки дар ин марҳила таҳқиқи рисола пурра ба анҷом расонида шуда, хулосаи кори диссертатсионӣ ва таҳияи автореферти кор омода гардида, рисола расман ба ҳимоя  пешниҳод гардид.

**Асосҳои назариявӣ – методологии таҳқиқот**ро принсипи инъикоси объективии фаъолияти муаррихони намоён, этнографҳо ва антропологҳо дар омӯзиш ва баррасии масъалаҳои таърих ва фарҳанги минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон ташкил мекунад. Ҳангоми таҳияи рисола усулҳои гуногуни таҳқиқи таърихӣ - омӯзиши далелҳо, таҳлили муқоисавии таърихӣ, тавсиф, муқоиса, хулосабарорӣ, таҳлили мантиқӣ-таърихӣ истифода шудааст.

Ба сифати асоси методологии таҳқиқот маҷмӯи усулҳое истифода шудаанд, ки дар байни онҳо таърихияти илмӣ, муқоисавӣ-таърихӣ,

масъалагузорӣ, солноманавӣ, инчунин усулҳои таҳлили иҷтимоӣ-таърихӣ мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Дар асоси усули муқоисавӣ-таърихӣ таҳқиқи осори муҳаққиқони то замони Шуравӣ дар қиёс бо асарҳои таърихӣ ва таҳқиқоти таърихнигории дигар давраҳои таърихӣ, аз ҷумла, даврони Шуравӣ, хусусиятҳо ва усулҳои таҳқиқ, сабки баён ва ғайраҳо анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст ба доираҳои илмӣ таҳқиқоти диссертатсионие пешниҳод мегардад, ки он ба саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи мардуми ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар солҳои 1920- 2000 бахшида шудааст.

Навгони илмии рисола ҳамчунин дар нуқоти зерин баён мегардад:

– дар асоси осори муҳаққиқони рус масоили фарҳанги моддии сокинони Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг ва Рашт муайян карда шуд;

– масоили мардумшиносӣ ва фарҳангии тоҷикони ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар таҳқиқотҳои Р.Л. Неменова ва А.К. Писарчик инъикос гардид;

– тасвири ҳунарҳои мардумӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус баррасӣ шуд;

– матоъҳои ҳунарӣ ва фарҳанги либоси миллӣ дар асоси таҳқиқоти мардумшиносони рус мушаххас шуданд;

– саҳми мардумшиносони рус дар омӯзиши таърихи этникӣ ва этногенези аҳолии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифт;

– масоили антропологии аҳолии ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистон дар таҳқиқоти антропологҳои рус муайян гардид.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

Дар асоси таҳқиқоти илмии гузаронидашуда ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Дар даврони истиқлол, ки халқҳои пасошуравии Осиёи Марказӣ ба субъекти мустақили ҷомеаи ҷаҳонӣ табдил ёфтанд, таърихи халқи тоҷик амиқан ба риштаи таҳқиқ кашида шуд ва дар ин замина собит гардид, ки муҳаққиқони рус аввалин муҳаққиқоне буданд, ки падидаҳои муайяни иҷтимоии таърихи тоҷиконро таҳқиқ карданд. Дар ҳудуди ҷануби Тоҷикистон, ки ҳудуди васеъро, аз Амударё то қаторкӯҳҳои Олой ва Ҳисор фаро мегирад, аз ҷониби онҳо як қатор таҳқиқот ба анҷом расиданд, ки аҳаммияти муҳимми таърихӣ дошта, аз саҳми бузурги муҳаққиқони рус дар омӯзиши таърих ва этнографияи сокинони ин минтақа дарак медиҳанд.

2. Умумияти этникӣ, ягонагии асли тоҷикони навоҳии ҷануби Тоҷикистон - Рашт, Дарвоз, Ҳисор ва Кӯлоб, ки тоҷикони ноҳияҳои мазкур умумияти фарҳангии ягона доштанд. Вале бештар аз ҳама ягонагии маданияти моддӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамояд, ки гувоҳи он шабоҳати раванди корҳои кишоварзӣ ва манзили зисти сокинони ин навоҳӣ маҳсуб меёбад. Ба мисли раванди корҳои кишоварзӣ, баъзан ҳатто камтарин ҷузъиёт, аз ҷумла асбобҳои кишоварзӣ, олотҳои меҳнат, асбобу анҷоми рӯзгор дар ноҳияҳои Қаротегину Дарвоз ба ҳам шабоҳат доранд.

3. Маълумоти антропологии муҳаққиқони рус В.В. Гинзбург, Л.В. Ошанин, Т.П. Кияткина дар бораи аҳолии ҳудуди ҷануби Тоҷикистон аз нуқтаи назари илмӣ хеле арзишманданд. Аз ҷониби муҳаққиқон – антропологҳои рус қиёфаи нажодии тоҷикон хеле хуб омӯхта шудааст. Таҳқиқоти саҳроии муаррихони рус А.К. Писарчик, Р.Л. Неменова, А.З. Широкова то ба ҳол объекти омӯзиши мушаххаси таърихӣ қарор нагирифта, оиди ин маводи илмӣ таҳлили мушаххаси таърихию этнографӣ гузаронида нашудааст. Дар доираи таҳқиқоти

диссертатсионии баррасишаванда маводи илмии муҳаққиқони рус мавриди таҳлили мушаххаси таърихию этнографӣ қарор гирифт.

4. Натиҷаҳои экспедитсияи этнографии солҳои 1932, 1936, 1940, 1948–1949, 1952–1953, 1954 дар ҳудуди ноҳияҳои қисми Тоҷикистони ҷанубӣ то ҳол объекти омӯзиши мушаххаси таърихию этнографӣ қарор нагирифта буданд. Таҳлили маводҳо ва таҳқиқотҳои илмӣ - этнографии олимони рус имкон медиҳад, ки оид ба таърихи ноҳияҳои алоҳидаи таърихӣ, махсусан минтақаи Кӯлоб ва водии Ҳисор хулосаҳои муайяни илмӣ бароварда шавад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии рисола** аз он иборат аст, ки натиҷаҳои таҳқиқоти мазкурро метавон дар таҳия ва навиштани бахшҳои алоҳидаи таърихи халқи тоҷик, инчунин таърихи вилоятҳо ва минтақаҳои алоҳидаи ҷануби Тоҷикистон, хондани курсҳои махсус дар мактабҳои олӣ, ҳангоми таҳияи воситаҳои таълимӣ-методӣ истифода бурд.

Мавод ва хулосаҳои рисоларо метавон дар таҳқиқи масъалаҳои мардумшиносӣ ва таърихи этникии Тоҷикистон, инчунин дигар масъалаҳои мубрам таърихӣ ва баланд бардоштани худшиносии миллии халқи тоҷик ва тарбияи ватандӯстии ҷавонони Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол самаранок истифода кард.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертатсиониро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқот, коркарди натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, муқоисаи илмию амалӣ, инчунин таҳлили сарчашмашиносӣ ва интиқодӣ-илмӣ таъмин менамоянд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6D020300 – Таърих; 6D020303 – Таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои

таърих), ки аз ҷониби Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар он ифода меёбад, ки натиҷаҳои илмии таҳқиқот, аз ҷумла, хулосаҳои назариявӣ, нукоти ба ҳимоя пешниҳодшаванда бевосита аз ҷониби диссертант мустақилона таҳия, баррасӣ ва исбот шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар конференсияҳои илмӣ-назариявӣ ва амалии байналхалқӣ, ҷумҳуриявӣ ва дигар ҳамоишҳои илмӣ-оммавӣ, аз ҷумла конференсияи илмию амалии ҷумҳурявии «Научное наследие Н.А. Кислякова в фондах архива Музея антропологии и этнографии РАН», конфереренсияҳои «Ҷавонон ва рушди илми муосир» (Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа (ш. Қӯрғонтеппа, 17 майи 2016.) [102, с. 28], «Изучение горных таджиков русскими этнографами и исследователями (вторая половина XIX – начало XX веков)», «Археолого-этнографические исследования Южного Таджикистана в конце XX – начало XXI вв» [87, с. 288]. «Нақши муҳақиққзанони рус дар муаррифии либосҳои миллии тоҷикон» (Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳ Рӯдакӣ, ш. Кӯлоб 23–25 апрели 2023), «Антропология ва этнологияи мардуми тоҷик: Муҳаққиқон, лоиҳаҳо, экспедитсияҳо» (Душанбе, АМИТ, 23-июни соли 2023), «Таърихнигории этнологияи Тоҷикистон дар асрҳои XX - аввали асри XX1: нигоҳи нав ба ниёгон» (Душанбе, ИТБМ ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, 5 декабри соли 2024 маърӯза шудаанд [119, с. 12-17].

Диссертатсия дар ҷаласаи якҷояи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ва иштироки намояндагони шуъбаи таърихи навтарини Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А.Дониши АМИТ

(суратҷаласаи № 10 аз 30 маи 2025) баррасӣ гардида, ба ҳимоя тавсия шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Муқаррароти асосии диссертатсия дар як қатор интишорот, аз ҷумла, 1 монография, 4 мақолаи илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 12 мақола дар дигар нашрияҳо ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия дар ҳаҷми 182 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, се боб, шаш зербоб, хулоса, рӯйхати сарчашмаҳо ва адабиёти истифодашуда (237 номгӯй) таркиб ёфтааст.

# БОБИ 1. САҲМИ МУҲАҚҚИҚОНИ РУС ДАР ОМӮЗИШИ МАРДУМШИНОСИИ ТОҶИКИСТОНИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБӢ

## 1.1 Инъикоси фарҳанги моддии сокинони Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг ва Рашт дар осори муҳаққиқони рус.

Омӯзиш ва баррасии масоили мардумшиносӣ яке аз самтҳои муҳимми таърихи халқи тоҷик ба ҳисоб меравад. Он имконият медиҳад, ки расму анъана, урфу одат, маросимҳо, тарзи зиндагӣ ва дигар паҳлӯҳои ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар гузашта муайян карда шавад. Ин масъала дар давраи Шуравӣ ва ҳатто пеш аз он низ диққати муҳаққиқони соҳаи таърих, ба хусус мардумшиносони русро ба худ ҷалб намуда буд.

Нахустин асарҳои муаррихон ва мардумшиносони рус оид ба омӯзиши мардумшиносии тоҷикони ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар охири асри XIX – ибтидои асри XX таълиф гардиданд. Вале сарфи назар аз таҳқиқоти бисёрсолаи хусусиятҳои мардумшиносӣ дошта, дар қаламрави Тоҷикистони имрӯза минтақаҳое низ вуҷуд доштанд, ки роҷеъ ба аҳолии онҳо дар адабиёти илмӣ, ки то солҳои 30-юми асри гузашта ба табъ расиданд, маълумот мавҷуд набуд. Баъзе маълумоти пароканда оид ба тоҷикони ин минтақаҳо дар китоби «Мавод барои омори кишвари Туркистон»-и Н.А. Маев, якчанд асари Д.Н. Логофет [99, с. 357; 101, с. 8; 102, с. 208], очерки муҳаққиқи рус М.А. Варигин [49,с.803] «Опыт описания Кулябского бекства», ки баъди сафари муаррих дар соли 1916 ба минтақаи Кӯлоб ба табъ расидааст, инчунин дастури таълимии олими ҷуғрофиёшиноси рус Н.Г. Маллитский [109, с. 137] ва баъзе ёддоштҳои дигар то ба имрӯз боқӣ мондаанд.

«Дар солҳои аввали барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ ба Тоҷикистон олимону муҳаққиқони зиёди рус ба ҳайси бунёдкорони тартиботи Шуравӣ ва ширкат дар раванди маҳви бесаводӣ омада буданд» [89, с. 46; 178, с. 76]. Онҳо дар радифи ҳарбиён ба ҳар роҳ талош мекарданд, ки дар манотиқи дурдасти кӯҳистони Тоҷикистон аз ҳукумати нав дифоъ намоянд.

Қайд намудан ба маврид аст, ки фарҳанги моддии тоҷикон дар тӯли чанд аср ташаккул ёфта, пурғановат гардидааст ва бахшҳои фарҳанг, хусусан манзили зист, либос ва хӯрокро дар бар мегирад. Манзил – аз падидаҳои муҳимми бунёдкориҳои таърихӣ-фарҳангии инсон аст. Хусусиятҳои бунёди он метавонад баёнгари вазъи иқтисодӣ ва маънавии ҷомеа ва халқи он бошанд. Тавсифи ибтидоӣ ва муфассали манзилҳои мардумии аҳолии бумии Осиёи Миёна, аз ҷумла, тоҷикон ба миёнаи асри XIX тааллуқ дорад. Аввалин экспедитсияҳо дар Тоҷикистон нишон доданд, ки иншооти нодири фарҳанги моддӣ собиткунандаи таърихи қадими этникии тоҷикон аст.

Тавсифи манзили анъанавии тоҷикон натанҳо аз ҷониби мардумшиносон, балки дар солҳои 20–30-юми асри XX аз тарафи олимони дигар – иқтисодшиносон, ҷуғрофидонон ва антропологҳо низ дода шудааст. Масалан, корҳои Н.Г. Малитский [109, с. 139] ва В.В. Гинзбург [54, с. 16] дар баробари тавсифи намудҳои манзилҳо, ҳамчунин дар бораи манзилҳои тоҷикони кӯҳистон баъзе маълумотҳо доранд. Тамоми сарчашмаҳои омӯхташуда – монографияҳо, асарҳо ва дигар таълифоти дар давраи аввали мавҷудияти Ҳокимияти Шуравӣ нашршуда арзиши муайяни илмӣ доранд. Равандҳои этнофарҳангӣ дар фарҳанги моддии тоҷикон дар давраи аввали Шуравӣ яксон ҷараён надоштанд. Унсурҳои фарҳанги моддӣ – манзил, хӯрок ва либос ба тағйироти ҷиддӣ дучор шуданд. Хусусиятҳои муҳити ҷуғрофӣ ва

анъанаҳои мардумӣ сабаби гуногунии навъҳои манзил дар миёни тоҷикони минтақаҳои гуногуни таърихӣ-фарҳангии Тоҷикистон буд.

Муаррих ва шарқшиноси маъруф А.А. Семёнов дар бораи манзилҳои тоҷикон маълумот додааст. Ӯ аз маъхазхои хаттии қадим ва асримиёнагӣ, маводди бостоншиносӣ ва маълумоти мардумшиносӣ фаровон истифода кардааст. Методи ӯ густариши доираи таҳқиқоти манзилгоҳҳо бо истифода аз манбаъҳои аз назари хусусият ва замон гуногун имкон медиҳад, ки таърихи рушду такомули манзилҳои тоҷикон аз замонҳои қадим то рӯзҳои мо огоҳ шавем. А.А. Семёнов дар асоси маъхазҳои таърихию мардумшиносие, ки шахсан дар охири асри XIX ҷамъ оварда буд, аввалин шуда манзилҳои тоҷикони кӯҳистонро тавсиф ва сохти берунию дохилӣ, ороиш ва асбобу анҷоми манзилро баррасӣ кардааст [185, с. 39].

Олимони дигари тоҷикшинос низ аз солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ ба омӯхтани манзилҳои тоҷикон таваҷҷуҳи махсус зохир намудаанд. Дигаргуниҳои ҷиддӣ дар бахшҳои иқтисод ва фарҳанг, тағйироти иҷтимоие, ки дар Тоҷикистон баъд аз Инқилоби Октябр ба амал омадаанд, ба қоидаҳои муҳоҷиркунӣ, хусусан ба ташкили маҳаллаҳои нави сукунати тоҷикон бетаъсир набуданд. Аз солҳои 30-юм ҷамъоварии маводди вобаста ба тарзи нави зиндагии колхозчиён дар Тоҷикистони Шуравӣ оғоз шуд. Олимон маводди нодири марбут ба сохтмони сотсиалистӣ дар шаҳру деҳот, мавод дар бораи ба вуҷуд омадани муносибатҳои нави сотсиалистӣ дар оила, ҷамъият, дар зиндагӣ ва истеҳсолотро қисм-қисм ва тадриҷан ҷамъ кардаанд. Маводди мазкур, ки дар солҳои минбаъда пурра карда шуданд, ба маҷмуаи «Халқҳои Осиёи Миёна», ки онро Институти мардумшиносӣ таҳия мекард, дохил карда шуда буд ва нашри он ба сабаби сар задани Ҷангӣ Бузурги Ватанӣ (1941–1945) қатъ гардид.

Муҳаққиқони рус ба мушкилоти даврони аввали барқароршавии давлати ҷавони Шуравӣ нигоҳ накарда, кӯшиш мекарданд, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ мактабҳои нав таъсис дода, мардуми маҳаллиро ба таълим ва тарбия фаро гиранд. Ваҳшонияти ва таҳдидҳои сарвари босмачиён Фузайл Махсум дар ҳудуди водии Рашт ба кори мардумшиносони рус дахолат карда натавонист. Онҳо тавонистанд тадриҷан оид ба таърих, фарҳанг ва ҳаёти гузаштаи тоҷикон маълумоти зарурӣ ҷамъоварӣ кунанд. Таҳқиқоти онҳо ба таҳияи китоби дастаҷамии «Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз» асос гузошт.

Таҳқиқот ва осори илмии олимони барҷастаи рус, ба монанди М.С. Андреев [28, с. 191; 29, с. 521; 30, с. 250], В.В. Гинзбург [55 ,275; 56, с. 474], Л.В. Ошанин [140, с. 37; 142, с. 143], Н.А. Кисляков [82, с. 45; 83, с. 130; 85, с. 223; 90, с. 46], А.К. Писарчик [156, с. 134; 158, с. 85; 161, с. 45; 163, 129], Р.Л. Неменова [125, с. 66; 132, с. 31], З.А. Широкова [201, с. 111; 202, с. 246] ба таърихи халқи тоҷик навовариҳои зиёд ворид сохт. Муҳаққиқон барои баланд бардоштани худшиносии миллию таърихии тоҷикон ва тарбияи ватандӯстии ҷавонони Тоҷикистон корҳои зиёд анҷом доданд, ки дар илми таърихнигории шуравӣ ва тоҷик мавқеи хосса доранд. Имрӯз бархе аз «донишмандон» бо пешниҳоди «консепсияҳо» ва «фарзияҳои» мухталифи дорои хусусияти пантуркистӣ ва ифротӣ, бо мақсади арзёбии коста ва нодуруст нишон додани нақши тоҷикон дар таърихи Осиёи Миёна воқеиятҳои таърихиро ҳадафмандона таҳриф мекунанд. Бар хилофи ин гуна «донишмандон» муҳаққиқон ва олимони рус равандҳои таърихию фарҳангӣ ва этникии аҳолии ҷануби Тоҷикистонро беғаразона, бетарафона ва холисона омӯхта, ҷойгоҳ ва нақши воқеии аҷдодони тоҷикро дар таърихи тамаддуни минтақа ва ҷаҳон муайян кардаанд. Аз ин лиҳоз, асарҳои муҳаққиқони рус дар баробари нигоҳ доштани мавқеи пешсафӣ дар доираҳои илмӣ, ҷиҳати коркард ва таҳқиқи

мушкилоти мураккаби таърих, фарҳанг, масъалаҳои этникии аҳолии минтақаи Осиёи Марказӣ ва умуман, масъалаи ориёиҳо аҳаммияти калони илмию назариявӣ доранд.

Бинобар кам будани маълумот оид ба аҳолии ноҳияҳои қисмати ҷануби Тоҷикистон дар соли 1932 аз ҷониби Академияи фанҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ба минтақа Экспедитсияи маҷмӯии мардумшиносии Тоҷикистону Помир созмон дода шуд. Он аз ду гурӯҳ иборат буд. Ба гурӯҳи «шарқӣ» мардумшиноси рус Е.В. Крючков, забоншинос А.З. Розенфелд, антрополог В.В. Гинзбург ва роҳбари гурӯҳ С.М. Абрамзон [12; 21, с. 113-119] дохил мешуданд. Гурӯҳи дуюм (ҷанубӣ) дар ҳайати Д.С. Комиссаров – сардори гурӯҳ, мардумшиносони рус А.Н. Кондауров, Х. Межеритская, А.К. Смирнов ва Ғуломҷонова (дар бойгонӣ номаш номуайян омадааст) таъсис дода шуд, ки бо номи экспедитсияи мардумшиносии «Ҷануби Тоҷикистон» маълум аст. Давоми чаҳор моҳ аъзои экспедитсия дар ноҳияҳои вилояти Ғарм (Вахё, Дарвоз) оид ба масъалаҳои муносибатҳои авлодӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сохтмони миллӣ-фарҳангӣ, саноати косибӣ, антропология ва тавсифи иҷтимоии тоҷикон таҳқиқот бурданд. Яке аз масъалаҳои асосие, ки дар ин давра дар назди Ҳукумати навтаъсис ва ҷавони Тоҷикистони Шуравӣ меистод, ин озод кардани занони тоҷик аз зери истисмор ва ҷаҳолати даврони феодалӣ буд. Аз ин рӯ, Ҳукумати Тоҷикистон занҳоро ба корҳои давлатӣ ҷалб мекард.

Тибқи дастхатҳои маводди саҳроии мардумшиноси рус А.Н. Кандауров (1906–1942) «дар манотиқи қисмати ҷануби Тоҷикистон аз тарафи ҳукумати ҷавони Шуравӣ муассисаҳои маданӣ-маърифатӣ таъсис дода мешуданд, ки яке аз онҳо бо номи «Чойхонаи сурх» дар ноҳия ва деҳоти на танҳо вилояти Кӯлоб, балки Қурғонтеппа ва ноҳияи Қабодиёну водии Вахш маъруф буд» [16]. А.Н. Кондауров маводди саҳроиро оид ба таърихи ташаккулёбии колхозҳо дар деҳаҳои

тоҷикнишин ҷамъоварӣ намуда, равандҳои кишоварзии вобаста ба пахтакорӣ, вазъи зиндагӣ ва меҳнати тоҷикзанон, сохтмони манзилҳои зисти тоҷиконро омӯхтааст.

Соли 1932 дар натиҷаи ҷамъоварии маводи мардумшиносии А.Н. Кондауров [16] мақолаи «Меҳнат ва ҳаёти занҳои қисми ҷануби Тоҷикистон»-ро навишт, ки он бо сабабҳои номаълум чоп нагардид. Ин мақола дар бораи зиндагии вазнини тоҷикзанони ҷануби Тоҷикистон, хусусан ҳудуди Қӯрғонтеппа, водии Вахш ва Кӯлоб маълумот додааст. Ба ғайр аз ин, мақола дар бойгонии Осорхонаи антропология ва мардумшиносии шаҳри Санкт-Петербурги ба номи Пётри Кабир коллексияи аксҳои «Бригадаи занони тоҷик дар саҳро» [16, лл. 21], «Ҳашари занон дар саҳро» [16, лл. 23], «Боғчаи кӯдакон дар саҳро» [16, лл. 25] маҳфузанд. Дар акси овардаи А.Н. Кандауров [16, лл. 12] бо номи «Боғчаи кӯдакон дар саҳро» зани тоҷик дар дохили каппаи хасин, ки дар сояи он кӯдаконашро зери назорати мураббизан аз офтоби тафсон нигоҳ медошт, инъикос ёфтааст.

Соли 1935 А.Н. Кандауров муддати чор моҳ ба водии Варзоб ва мавзеи Зиддиро зери таҳқиқот қарор дода маълумоти зиёди саҳроӣ ҷамъоварӣ мекунад. Сафари Варзоб ба Кандауров имкон дод, ки хусусиятҳои зиндагӣ ва таъсири фарҳангӣ дар байни яғнобиҳои Варзобро, ки дар муҳити дигар зиндагӣ мекарданд, омӯзад ва бо маълумоти қаблии худ муқоиса намояд. Экспедитсия як қатор хусусиятҳои этнографии аҳолии ин минтақаро ошкор кард. Барои омӯзиши амиқтари таърихи маскунияти Варзоб, ӯ ривоятҳои тоҷикон ва яғнобиҳоро сабт намуд. Аз ҷумла, маълум шуд, ки тоҷикон худро насли муҳоҷирон аз минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон медонистанд ва сокинони водии Зиддӣ аз Қаротегин ва Дарвоз муҳоҷир омадаанд [16]. А.Н. Кондауров бо эҳтироми самимӣ меҳмоннавозии тоҷикони кӯҳистон – яғнобиҳоро чунин қайд кардааст: «Мусофир, хоҳ яғнобии аз

деҳаи дигар бошад ё намояндаи миллат ё минтақаи дигар, ҷойи хоб ва хӯрок меёбад. Барои меҳмон чой омода мекунанд, нон меоранд ва ҳамроҳ бо ӯ хӯрок хӯрда суҳбат мекарданд, бинобар ин дар байни тоҷикони деҳот хонаи умумии меҳмонон – меҳмонхона вуҷуд дошт» [16].

Қайд кардан ба маврид аст, ки маводи саҳроии ҷамъовардаи Кандауров масъалаҳои калидии этнографӣ, аз ҷумла сохтори манзил, ташкили ҷамоаи деҳот ва низоми хоҷагидории анъанавиро дар бар мегирад. Муҳаққиқ, инчунин, ба масъалаи меҳмондорӣ диққати махсус додааст. Ӯ мавҷудияти «меҳмонхона»-ҳои умумиро ҳамчун унсури муҳимми сохтори иҷтимоии ҷомеа арзёбӣ намуда, мефармояд, ки ин муассисаҳо на танҳо вазифаи қабули меҳмононро иҷро мекарданд, балки ҳамчун маркази муҳимми ҳаёти ҷамъиятӣ хизмат менамуданд. Маълумоти Кандауров оид ба иқтисоди анъанавӣ ва ғизои аҳолӣ нишон медиҳад, ки хоҷагидории кӯҳистон асосан ба зироати ҷав такя дошта, сохтори ғизоӣ бо шароити маҳдуди захираҳои табиӣ мутобиқ гардидааст. Ин мушоҳидаҳо имкон медиҳанд, ки робитаи зичи байни муҳити табиӣ ва шаклҳои зиндагии иҷтимоӣ равшан карда шавад. Ҳамзамон, дар дафтарҳои саҳроии ӯ таъсири равандҳои сиёсӣ ва иҷтимоии давраи шӯравӣ, аз ҷумла коллективизатсия ва мубориза бар зидди босмачигарӣ, инъикос ёфтааст. Ин маводҳо барои таҳлили трансформатсияи ҷомеаи анъанавӣ дар шароити модернизатсияи иҷборӣ аҳамияти махсус доранд.

Дар маҷмӯъ, методологияи Кандауров ба истифодаи маҷмуи усулҳои мушоҳидаи мустақим, мусоҳиба, сабти маводи шифоҳӣ ва таҳлили муқоисавӣ асос ёфтааст. Ин равиш ба ӯ имкон дод, ки тасвири нисбатан пурраи ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии аҳолии кӯҳистони Тоҷикистонро пешниҳод намояд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти ӯ дар як қатор асарҳо, аз ҷумла монографияи «Ҷамоаи патриархалии хонагӣ ва хонаҳои ҷамъиятии яғнобиҳо» (1940), инъикос ёфтаанд. Бо вуҷуди он ки қисми зиёди маводи саҳрой нашр нашудааст, онҳо то имрӯз ҳамчун сарчашмаи арзишманди илмӣ боқӣ мемонанд.

Дар охири соли 1940 Институти этнографияи Россия ният дошт китоби «Тоҷикон»-ро нашр кунад ва А.Н. Кандауров муаллифи 3 боби он буд. То соли 1941 ӯ се бахшро «Деҳа ва манзили зисти тоҷикон», «Хоҷагидорӣ ва машғулиятҳои тоҷикони водӣ», «Чорводорӣ», «Хулоса»-ро омода кард. Аммо ҷанг ва муҳосираи Ленинград ба нақшаҳои илмии А.Н. Кандуров таъсир расонид. Дар шароити муҳосира, бо вуҷуди душвориҳо ин мардумшиноси рус кори илмиашро оид ба тоҷикон идома медод.

Дигар маълумоти мардумшиносӣ оид ба ҳаёти занони қисми ҷануби Тоҷикистон аз тарафи аъзои экспедитсия А.З. Розенфелд [7, лл. 13] ҷамъоварӣ шуда, ба чоп нарасидааст, мақолаи «Занони кӯҳистони Тоҷикистон дар солҳои аввали барпо шудани ҳукумати Шуроҳо» мебошад, ки оид ба тарзи ҳаёти тоҷикзанони водии Рашт маълумоти мардумшиносӣ медиҳад [7, лл. 7] Ин мақола муносибатҳои оилавӣ, тарзи зисту зиндагӣ, иқтисодиёти давраи аввали ҳукумати Шуравиро дар водии мазкур инъикос кардааст.

Этнографи рус Елена Михайловна Пешерева(1897-1985) соли 1924 дар ҳайати экспедитсияи мардумшиносӣ маводҳои саҳрои-этнографии зиёдеро оиди зисту зиндагӣ, ҳаёти оилавӣ, урфу одатҳо, ҳунарҳои мардумии тоҷикони Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ ҷамъоварӣ карда, дар зусуси либосҳои занона ва кӯдакона, тоқиҳои мардонаи тоҷикони Балҷувон, Кангурт, Ховалинг, Кӯлоб, Ҳисор, Қаратоғ, Қаратегин, Ромит, Варзоб таҳқиқоти илмӣ анҷом додааст.

Дар бойгонии Осорхонаи мардумшиносии Академияи илмҳои Россия, дар фонди А. Е. Пешерова то имрӯз маводҳои ҳаҷман калони саҳроии омӯхтанашуда нигоҳ дошта мешаванд, ки ба тарзи оиладории тоҷикони марказӣ ва ҷанубӣ Тоҷикистон, фолклори мардумони яғноб, расму ойинҳо ва маросимҳо бахшида шудаанд (ф.30, оп.1, воҳиди нигоҳдорӣ 24, ҳамагӣ 389 варақ) ва дар архиви мазкур маҳфузанд[13]. Дар бойгонии Осорхонаи мардумшиносии Академияи илмҳои Россия (ф.30, оп.1, воҳиди нигоҳдорӣ 87) маводҳои омӯхтанашудаи А. Е. Пешерова таҳти унвони «Вазъи занони тоҷик дар хоҷагӣ ва оила» (солҳои 1925–1926, дар 146 варақ) нигоҳ дошта мешаванд[13,лл.1-87]. Инчунин, дар бойгонии Осорхонаи мазкур маводҳои саҳрой дар ҳаҷми 160 варақ маҳфузанд, ки ба омӯзиши маросими «Гулгардонӣ», ойинҳои марбут ба ҷашни Соли нав, муносибатҳои оилавию никоҳӣ, маросимҳои тӯй, инчунин ба ҳунарҳои мардумӣ - бофандагӣ, ресандагӣ, гулдӯзӣ (аз ҷумла гулдӯзӣ дар тоқӣ) ва коркарди пӯст дар минтақаҳои Балҷувон, Кангурт, Ховалинг, Кӯлоб, Ҳисор, Қаратоғ, Қаратегин, Ромит ва Варзоб бахшида шудаанд. [13].

Муаррих А.К. Писарчик қайд кардааст, ки «дар вилояти Кӯлоб шаҳрак ва ноҳияҳои хурде буданд». Ӯ дар тақвият ба ин гуфтаҳо шаҳраки начандон калони назди қишлоқи Курбоншаҳиди ноҳияи Восеъ, масҷид ва мақбараи Шоҳи Зиндаи деҳаи Лангари Муъминобод ва мақбараи Мир Саид Алии Ҳамадонии Кӯлобро мисол овардааст. «Аз солҳои 40-ум дар вилояти Кӯлоб,– овардааст, А.К.Писарчик, – дар байни аҳолӣ муҳоҷирати ихтиёрӣ зиёд ба назар мерасид». Танҳо дар соли 1946 дар дохили вилоят аз ҳисоби хоҷагиҳои муҳоҷиршуда 25 совхози пахтакор ташкил карда шуда, ба тараққиёти минбаъдаи хочагии қишлоқ ва мустаҳкам гардидани иқтисодиёти вилоят ва умуман ҷумҳурӣ саҳм гузоштанд. Тибқи далелҳои овардаи ин мардумшиноси рус дар соли 1946 дар ҳудудҳои вилояти Кӯлоб 1070, дар

ноҳияи Вахш 760, дар вилояти Сталинобод 665 хоҷагӣ кӯчонда шуда буд. Экспедитсияи мардумшиносӣ дар рафти муҳоҷират як қатор ҳодисаҳои қонунвайронкуниро низ ба қайд гирифт. Оилаҳое, ки аз ноҳияҳои Ҳоит ва Ғарм ба колхозҳои вилояти Сталинобод кучонида шуда буданд, моликияти давлатӣ ва колхозӣ дар ҳудудҳои муҳоҷиркунӣ сари вақт ба ҳисоб гирифта намешуд, ки дар натиҷа ҳодисаҳои талаф, исрофкорӣ, дуздидани чорво ва молу мулки колхозҳои кӯчондашуда ҷой дошт. Ин аҳволро роҳбарияти экспедитсияи мардумшиносӣ бо роҳбарии А.К. Писарчик ба Шурои Вазирони Тоҷикистон хабар дод. Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон бо фармони худ аз 27 октябри соли 1949 Вазорати хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ, комитетҳои иҷроияи вилоятҳои Сталинобод ва Кӯлобро вазифадор намуд, ки аз тарафи маъмурияти колхозҳо ҳамаи чорвои ҷамъиятӣ ва моликияти давлатӣ, аз ҷумла, ҳосили пахтаи колхозҳои ноҳияҳоро зери назорати қатъӣ гиранд.

Дар ташкили экспедитсияи мардумшиносии «Ҷануби Тоҷикистон», ки солҳои 1932–1933 доир гашт, саҳми мардумшиносони рус Д.С. Комиссаров, А.Н. Кондауров, А.З. Розенфелд, Х. Межеритская, А.К. Смирнов  калон буд [16, лл. 1–78]. Натиҷаи маводди ҷамъовардаи ин экспедитсияро чунин хулосагирӣ кардан мумкин аст:

– солҳои аввали барқароркунии Ҳокимияти Шуравӣ дар минтақаҳои ҷануби Тоҷикистон дар иқдомоти аввалини худ ҳукумати ҷавон ба нокомӣ дучор гашт;

– нокомиҳои ҳукумати навтаъсиси Шуравӣ натавонист ба зудӣ масъалаи ба занҳо додани озодии иҷтимоиро ҳаллу фасл намояд;

– ҳукумати ҷавони Шуравӣ дар даҳсолаи аввал мақому мартабаи зани тоҷикро дар ҷомеаи навтаъсис баланд бардошта натавониста, ба нокомӣ дучор гардид;

– барои ба истеҳсолот ҷалб кардани занони тоҷик аз тарафи мардум ва аҳолии кӯҳистони ҷануби Тоҷикистони ба ҳукумат, мардуми маҳаллӣ, хусусан дар ҳудуди водии Рашт муқовимати сахт нишон доданд.

Бинобар мавҷуд набудани тавзеҳоти муфассал оид ба тоҷикони кӯҳистон, соли 1940 бо мақсади ҷамъ овардани маводди мардумшиносӣ ба Кӯлоб экспедитсияи махсуси мардумшиносӣ зери роҳбарии мардумшинос Н.А. Кисляков [14, лл. 1–76] таъсис дода шуд. Николай Андреевич Кисляков (1901–1973) яке аз чеҳраҳои дурахшони олимони рус маҳсуб меёбад, ки дар бунёди ҳаёти нав дар сарзамини тоҷикон, дар ташаккул, инкишоф ва омӯзиши таъриху этнографияи халқи тоҷик саҳми арзанда гузоштааст.

Минтақаи Кӯлоб дар қисми ҷануби Тоҷикистон дар ҳудуди ҳавзаи дарёҳои Ёхсу ва Қизилсу (Сурхоб) ҷойгир аст. Иқлими вилояти Кӯлоб, алалхусус дар ноҳияҳое, ки дар ҳамворӣ воқеанд, гарм аст, гарчанде дар минтақаи кӯҳӣ (Сари Хосор, Ховалинг, ноҳияи Шамсиддин Шоҳин, Дашти-Ҷум) зимистони сербарф мушоҳида мешавад.

Яке аз минтақаҳои қисми ҷануби Тоҷикистон Ховалинг мебошад, ки диққати олимону мардумшиносонро ҷалб намуда буд. «Ин минтақаи таърихию фарҳангӣ бо таърихи миллионсолаи худ ва ҳунарҳои мардумӣ машҳур аст» [169, с. 66]. Дар ин ноҳия ҳунарҳои сӯзанидузӣ, ҷуроббофӣ, чакандузӣ, рафидадузӣ, заргарӣ, намадмолӣ, қамчинбофӣ, дутортарошӣ, сабадбофӣ, табақтарошӣ, оҳангарӣ ва ғайра рушд намудаанд. «Табақҳои чӯбини ин ноҳия қариб дар аксар хонадони мардуми Кӯлоб дида мешавад. Аз таомҳо ва ғизоҳо «кочӣ» хӯроки хосси мардуми ин мавзеъ ба шумор меравад, ки аз орд ва об омода мешавад ва онро бо ширу маска истеъмол мекунанд» [237].

Аҳолии Ховалинг 58,3 ҳазор нафар (мувофиқи маълумоти барӯйхатгирии соли 2022) буда, аҳолии он пурра тоҷикон буданд.

Ховалинг бо ноҳияҳои Муъминобод, Балҷувон, Рашт (Тавилдара) ҳамсарҳад аст. Аз баландиҳои Ховалинг дарёи Оби Мазор, дарёчаҳои Оби Тира ва Яхсу сарчашма гирифта, ба самти водии Кӯлоб ҷорӣ мешавад. Дар ноҳия мавзеъҳои зиёди таърихиву фарҳангӣ, ба монанди Чилчанор, Мамнуъгоҳи Ҳазрати Султон Увайси Қаранӣ, Хоҷа Аюби Ансорӣ, Авлиёи Зелолак ва ғайраҳо мавҷуданд. Ин ноҳия яке аз марказҳои савдо ва фарҳангии Бухорои Шарқӣ буда, аз ҳудуди он яке аз шохаҳои Роҳи Абрешим мегузаштааст.

Яке аз мавзеъҳои таърихиву фарҳангии дигари минтақаи Кӯлоб ноҳияи Муъминобод мебошад, ки таърихи зиёда аз ҳазорсоларо дорад. Бори аввал ин ном дар китоби «Таърихи Бадахшон» ҳанӯз дар асри XI ҳамчун шаҳр ёд гардидааст. Шуғли асосии мардум зироаткорӣ, чорводорӣ ва боғдорӣ ба ҳисоб меравад. Ин мавзеи таърихию этнографӣ дорои беш аз 100 ёдгории таърихӣ, ҷойҳои муқаддас, мавзеъҳои тамошобоб мебошад. Мавзеъ ва кӯҳи Чилдухтарон, Қалъаи Муъминобод, оромгоҳи Шоҳи Хомӯш дар деҳаи Лангар ва ғайра мавҷуданд. «Дар ин ноҳия як шаҳрак ва 6 ҷамоат бо теъдоди 99,3 ҳазор аҳолӣ (соли 2022) мавҷуданд» [237].

Мардуми Муъминобод мероси фарҳангии худро то кунун нигоҳ дошта, ҳунарҳои бофандагӣ (ҷуроббофӣ, қолинбофӣ), дӯзандагӣ (чакандӯзӣ, қаламарезгӣ, тоқидӯзӣ, чодардӯзӣ, зардӯзӣ, шероздӯзӣ), табақтарошӣ, гаҳворасозӣ, танурсозӣ, заргарӣ, оҳангарӣ ва ғайраро то имрӯз расидаанд. Хӯрокҳои махсуси ин мардум қалама, оши бурида, умоч, қурутоб, оши туппа, шакароб ба шумор мераванд. Деҳаҳои қадима ва калонтарини ноҳия бо номҳои Ҷаргии Калон, Момандиён, Хонатарош, Кулчашма, Деҳлоло, Тутқавул, Лангар, Чашмаи Ҷӯшон ва ғайра ба ҳисоб мераванд ва ҳар яки онҳо ба касбу кори гуногун машғуланд. Деҳаи Ҷаргии ҷамоати деҳоти Нуралишо Назаров, ки аҳолии он ба зироаткорӣ машғул аст, ба 3 қисм (Ҷаргии Поён, Ҷаргии

Боло ва Ҷаргии  Калон) тақсим шудааст. Аз ин ҷо то маркази ҷамоат 13 км ва то маркази ноҳия 8 км роҳ  аст.

Зироатҳои асосии дар ноҳияҳои баландкӯҳ кишт мешуда асосан гандуму ҷав буд. Дар доманакӯҳҳо ва ҳамвориҳо мардум шолӣ ва пахта парвариш мекарданд. Дар ноҳияҳои кӯҳӣ ба таври васеъ омоч ва дигар олоти кишоварзиро истифода мебаранд. Усулҳое, ки дар соҳаи зироаткорӣ истифода мешуданд, миёни мардуми Кӯлоб ва ноҳияхои тарофи он, инчунин сокинони вилоятҳои ҳамсоя, ки  асосан тоҷикон буданд, фарқ намекарданд. Танҳо баъзе истилоҳот дар бахши зироаткорӣ, ки пештар дар ноҳияҳои дигар шунида нашуда буд, ба қайд гирифта шудааст.

Маводди мардумшиносии қаблан ҷамъовардаи Н.А. Кисляков [88, 159] имкон  медиҳад хулосагирӣ намоем, ки «манзили зисти тоҷикони ҳар як ноҳияи алоҳидаи минтиқаи Кӯлоб бо ҳам то дараҷае шабоҳат дошт. Тарзи сохти манзили зисти аҳолии ноҳияҳои атрофи Кӯлоб ба намуди умумии манзили зисти тоҷикони Ҳисор монандӣ дошта, аз манзили тоҷикони вилояти ҳамсояи Рашт ва Дарвоз ба куллӣ фарқ мекарданд» [88, с. 161]. Ҳатто ривоятҳои дар байни мардуми маҳаллии аҳолии ҳавзаи дарёи Хингоб паҳншуда аз ривоятҳои ҳавзаи дарёи Ёхсу – Ховалинг ва Кӯлоб  фаркт доранд. Ҷолиб аст, ки ин тафовут танҳо бо шароити иқлимӣ шарҳ дода намешавад. Н.А. Кислияков манзили истиқоматии мардумони Кӯлоб ва Раштро чӣ дар мавриди сохтмони маскан ва чӣ бурдани корҳои хоҷагӣ ташреҳи мухолиф ва фарққунанда медиҳад.

Қад-қади чашмаҳои дарёи Қизилсу олими тоҷикшинос Н.А. Кисляков намуди манзили зистеро пайдо мекунад, ки он дар ҳамвориҳои атрофи Кӯлоб то ба ҳол мушоҳида мешавад. Бино бар таҳқиқоти ӯ «Манзили зист дар деҳаҳои собиқ ноҳияи Сари Хосор баланд ҳам бошад, лекин дар шарқтари онҳо, дар паси ағбаҳои баланду

барфпӯши ноҳияи Тавилдара манзилҳои зист намуди комилан дигарро доранд. Қаторкӯҳи сар ба фалак кашида, ки ҳавзаи поёноби дарёи Хингобро аз болооби дарёи Қизилсу ҷудо мекунад, охирин сарҳадди ғарбии намуди манзили тоҷикӣ дар ин минтақаи баландкӯҳ мебошад» [85, с. 11]. Мардумшинос Н.А. Кисляков дар ҳудуди ноҳияҳои вилояти Кӯлоб зиёда аз 20 манзили зистро омӯхта, ба хулосае омад, ки «бомҳои ин хонаҳо бо қамиш –чӯбпора пӯшонида шуда, аз болояш андова мекарданд, ки обпартои он ба як тараф ва дар баъзе ҳолатҳо ба ду тараф каме хамида буд. Дар деҳаи Лангари ноҳияи Муъминобод ва деҳаи Гулистони ноҳияи Ховалинг болопӯши манзилҳои зисти тоҷикон бо қамиш рӯпӯш карда намешуд, чунки иқлими ин ноҳияҳо сард буда, барфи зиёд меборад ва шамолҳои тез мевазид. Чунин ҳолат ба рӯфтани барф монеагӣ эҷод мекард, дар бисёр ҳолатҳо бомҳои аз қамиш рӯпӯшшударо шамоли тез канда мебарад. Дар дохили манзили зист, аҳолии ин қишлоқҳо чагдон (оташдон) месозанд ва аз пораи оташи чагдон сӯхтани қамиш имкон дорад. Сохти чагдонҳои аҳолии ин қишлоқҳо асосан ду намудаанд, қисми зиёди чагдонҳо (танур) дар замини манзили зист тайёр карда мешаванд, ки мурии он аз қабати девори хона бо хишти хом сохта шуда, ба чагдон пайваст карда мешуд» [82, с. 51].

Аз натиҷаҳои таҳлили мардумшиносӣ, ки Н.А. Кисляков анҷом додааст, чунин натиҷагирӣ мумкин аст:

– манзили зисти мардуми Кӯлоб ба манзили зисти тоҷикони муқими ҳамвориҳо ва ноҳияҳои қисми шимоли Тоҷикистон монанд аст;

– дар дохили манзили зист ва хонаҳо суфаҳои баланд – декун (баландӣ) вуҷуд надошта, ба ҷои роҳрав аз дари даромадгоҳ то ба дохили манзили зист, дар назди дари даромад як пастҷой вуҷуд дошт, ки онро «погаи дар» ва ё «таи пога» меномиданд. Дар байни манзили зист, дар болои фарши гилӣ «чагдон» тайёр мешуд, ки дар фасли

зимистон дар болои он «сандалӣ» ҷойгир мекарданд. Сурохии дудбароро мардум «рӯзан» меномиданд ва он барои манзили зисти мардумони Дарвозу Рашт низ хос аст. Дар манзили зисти мардумони дар баландкӯҳ зиндагӣ мекарда «рӯзан» вуҷуд надоштааст ва он бо сӯрохии начандон калоне дар сақф иваз карда шудааст [89, с. 142];

– хусусияти дигари манзили зисти мардуми Кӯлоб тарзи сохтани болопӯшест, ки обрав ва ё обпартои дутарафа дошта, он бо гилу лойи коҳдор пӯшонида шудааст. Солҳои 40-уми асри XX дар ноҳияҳои кӯҳистонии Кӯлоб танҳо дар биноҳо ва иншоотҳое, ки барои хоҷагиҳо сохта шудаанд, боми онҳо ҳамчун болопӯши айвон барои нигоҳдории захираи хӯроки чорво хизмат мекарданд.

То таҳқиқоти Н.А. Кисляков [88, с. 156] оид ба манзили зисти мардумони Кӯлоб ва дигар ҳудудҳои аҳолинишини ҷануби Тоҷикистон, аз ҷумла, тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз чунин хусусиятҳои хосси тарзи сохти манзили зист дар асарҳои муҳаққиқони дигари руси асрҳои XIX ва XX – Г.А. Арандаренко «Дарвоз ва Қаротегин» [31, с. 303], А.А. Семёнов «Очеркҳои мардумшиносии кӯҳистони Зарафшон, Қаротегин ва Дарвоз» [186, с. 123] зикр шудаанд.

Таваҷҷуҳи зиёди олимони мардумшиносро маросимҳои хонадоршавии тоҷикон ҷалб карда буд. Дорои хусусиятҳои хос будани маросимҳои хонадоршавии тоҷиконро қариб тамоми муҳаққиқон қайд кардаанд. Аввалин маълумотро дар бораи тӯйҳои тоҷикон дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ мусиқишинос И. Миронов дар китобаш «Музыка таджиков» соли 1932 овардааст. Бино бар таҳқиқоти ӯ «маъмулан тӯйҳоро дар вақти холӣ аз рӯзҳои корӣ барпо мекарданд». Расму оинҳои бақайдгирифтаи хонадоршавӣ дар замони тоинқилобӣ иҷро мешуданд. Духтаронро маъмулан дар синни 12–14-солагӣ ба шавҳар медоданд. Ҷавонписарон метавонистанд то синни 18-солагӣ зан гиранд. Солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ тағйироти мусбат дар ин

самт ба амал омада, ҷавонони хонадоршаванда мебоист тибқи қонун ба синну соли муайян бирасанд ва вазъи саломатии арӯсу домод тариқи назорати тиббӣ бо шаҳодатнома тасдиқ шавад. То инқилоб асоси муносибатҳои хонадоршавиро манфиати моддӣ ташкил медод. Масалан, марди пиронсол метавонист зани ҷавонро барои худ бигирад. Баъди барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ ва ташкили шуроҳои занон дар ҷумҳурӣ ин раванд таҳти назорат қарор гирифт ва чунин ҳолатҳо тадриҷан аз байн рафтанд.

Маводди мардумшиносии ҷамъоваришуда шумораи зиёди расму оинҳо ва урфу одатҳои тоҷиконро дар бар мегирифт, ки яке аз онҳо масъалаи истифодаи матои сафед ба сифати «пойандоз» буд. Онро зери пойи арӯсу домод ё ҳангоми зери чодари арӯсӣ даромадани домод мепартофтанд. Ин маросим бо изҳори таманниёти нек ба ҷавонон ва ҳозирин амалӣ мешуд. Маводди ҷамъоваришуда ташкили раванди хонадоршавиро аз интихоби арӯс, фотиҳа, корҳои ташкилии баргузор кардани худи маросими хурсандӣ, тӯйи хурд – фотиҳатӯй, баргузории маросими никоҳ, зиёфати калон, ба хонаи домод овардани арӯс нишон медиҳанд. Дар ин хона ҳам чанд маросими дигар иҷро мешуд, аз ҷумла, ордбезон, дар наздикии хонаи домод баъзеҳо гулхан афрӯхта арӯсу домодро дар ҳузури ду зани пиронсол се маротиба гирди он давр мезанонданд ва дар ҷои хоби арӯсу домод ворид мекарданд [188, с. 145].

Дар натиҷаи гузаронидани экспедитсия дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб Н.А. Кисляков [82, с. 45] ба омӯзиши зуҳуроти боқимондаи иҷтимоӣ, аз ҷумла, муносибатҳои иҷтимоӣ-оилавӣ диққат додааст. Бо ташаббуси ӯ экспедитсияи саҳроӣ оид ба омӯзиши анъанаҳои гузаронидани тӯйҳои арӯсии тоҷикони Кӯлоб [86, с. 291] маводди зиёди мардумшиносӣ ҷамъоварӣ кардааст. Аз таҳқиқоти ӯ бармеояд, ки онҳо бо урфу одат ва расму оинҳояшон ба тоҷикони Рашт ва Дарвоз наздикӣ доранд. Баъзе аз ин маводди ҷамъовардаи Н.А. Кисляков то ба ҳол ба

нашр нарасида, дар бойгонии Осорхонаи антропология ва мардумшиносии шаҳри Санкт-Петербург маҳфуз мондааст [3, лл. 1-10].

Ба ғайр аз одати дар байни ин мардум паҳнгаштаи тарзи бастани ақди никоҳ бо додани қалинг, никоҳҳое низ вуҷуд доштанд, ки дар байни аҳолии ноҳияҳои мазкур анъанаҳои худро то ба ҳол гум накардаанд ва онҳо бо номи «гаҳворабахш» ва ё «паймони таваллуд» то даврони мо омада расидаанд.

Кайд кардан ба маврид аст, ки осори муносибатҳои қавмӣ-авлодӣ дар байни оилаҳои калони патриархалии тоҷикони Кӯлоб нисбат ба ноҳияҳои дигар, хусусан дар байни мардумони қисми шарқии Тоҷикистон ба андозаи каме ҳам бошад, то солҳои 50-уми асри XX боқӣ монд [84, с. 186]. Дар байни тоҷикони Рашт ва Дарвоз, хусусан водии резишгоҳи байни дарёҳои Сурхоб ва Вахш, ки калонтарин шохаи Амударёро ташкил мекунад, муносибатҳои қавмӣ-авлодӣ то ба давраи зикршуда ба мушоҳида мерасид.

Аҳолии Рашт, тибқи назарсанҷиҳои шифоҳии Г.А. Арандаренко [31, с. 303], дар соли 1887 тақрибан 382 ҳазорро ташкил медод, аммо ин ба ҳақиқат рост намеояд. Муҳаққиқи дигари рус, капитан Василев ин оморро 51 ҳазор нафар зикр мекунад. Муаррих А.Е. Снесарев [187, с. 53] дар соли 1906 теъдоди аҳолии Раштро аз 120 то 150 ҳазор овардааст ва ин дар муқоиса бо маълумоте, ки дар доираи экспедитсияи соли 1952–1953 таъсисдодаи Н.А. Кисляков ба даст омад, ба ҳақиқат наздик аст.

Тибқи барӯйхатгирии соли 1926 аҳолии тамоми водии Рашт дар маҷмуъ 125 495 нафарро ташкил медод, аз ҷумла, дар Ғарм – 56 450 нафар, Ҷиргатол – 11 275 нафар, Оби Гарм – 18 601 нафар, Ҳоит – 88 860 нафар. Мувофиқи маводи УНХУ, ки С.П. Магидович соли 1932 ба нашр расонидааст, дар водии мазкур дар маҷмуъ 140 825 одам зиндагӣ мекарданд [103, с. 235]. Зичии аҳолӣ дар солҳои 30-юми асри XX дар 1 $км^2$ 13 нафар будааст. «Аз рӯи мансубияти миллӣ аҳолии Рашт аз

тоҷикон иборат аст. Танҳо дар шарқи водӣ, болотар аз Ҳоит, яъне ҳудуди Лахш (собиқ Ҷиргатол) қирғизҳо зиндагӣ мекарданд, ки теъдоди онҳо аз 8 ҳазор нафар зиёд набудааст (тибқи барӯйхатгирии соли 1926 – 11 000 нафар), аммо тибқи барӯйхатгирии соли 1932 онҳо 14 ҳазорро ташкил мекарданд, ки ин маълумотро Б.Х. Қармишева овардааст» [79, с. 95].

Аввалин маълумоти мардумшиносӣ оид ба Рашт ва Дарвоз, ки дар заминаи назарпурсиҳо таҳия гардидааст, дар асари «Сафар аз Оренбург ба Бухоро»-и Е.К. Мейендорф [115, с. 180], узви сафорати Русия, ки аз Бухоро соли 1820 дидан карда буд, мавҷуд мебошад. Дарвоз ва Раштро ташреҳ карда, ӯ мегӯяд, ки «аҳолии ин ду минтақаро на мусулмонҳо, балки ғайримусалмонҳо ташкил мекунанд» [115, с. 76].

Дар таҳқиқоти Н.А. Кисляков оид ба ғайримусалмонҳо ва сияҳпӯшон маълумотҳои дақиқ оварда шудааст [85, с. 19].

То инқилоби Октябр (1917) зери номи Қаротегин мулки мустақил фаҳмида мешуд, ки яке аз шоҳигариҳои феодалӣ дар кӯҳистон буд. Он ҳамчун шоҳигарии Қаротегин машҳур буду баъди ба аморати Бухоро тобеъ гардиданаш ба яке аз воҳидҳои маъмурии аморат – Бекигарии Қаротегин мубаддал гашт.

Маълумоти таърихӣ дар бораи Рашт ва Дарвозро мо дар асарҳои муҳаққиқони машҳури рус Г.А. Арандаренко «Қаротегин (аз рӯи маводди пурсуҷӯйӣ») [31, с. 140], «Дарвоз ва Қаротегин» (1883) [31], капитани артиши Русия – Кузнетсов «Дарвоз» (1883), В.Ф. Ошанин «Қаротегин ва Дарвоз» (1881) мебинем. Н.А. Кисляков ба як қатор ихтилофот дар корҳои муҳаққиқони зикршуда, ки ба таърихи ҳукмронии сулолаҳои шоҳони Дарвоз ва Қаротегин мутааллиқанд, ишора кардааст [89, с. 14].

Машғулияти асосии аҳолии тоҷикони Рашт аз давраҳои қадим кишоварзӣ, зироаткорӣ, тиллошӯйӣ [21, с. 113] ва шикори ҳайвонҳои

кӯҳӣ [85, с. 121] ба шумор меравад. Табиати душвор, камзаминӣ ва нарасидани чорво аз замонҳои пеш вахёчиҳоро (аз номи маҳаллаи Вахёи боло гирифта шудааст) маҷбур мекард ба шикор ва ҳунарҳои гуногун, аз ҷумла, тиллошӯйӣ машғул шаванд. Тиллошӯйӣ дар дарёҳои Хингоб, Сурхоб ва Ёхсу дар аҳди қадим амалӣ мешуд ва дар ин бора ҷуғрофишиносони араб маълумот додаанд. Тибқи маълумоти Ибни Русто ва Ибни Фақеҳ дар дарёи Вахоб (яке аз номҳои дарёи Панҷ), ки аз Тибет ҷорӣ мешуд, реги тилло (регреза) вуҷуд дошт ва он истихроҷ мегардид. Ибни Хурдодбеҳ аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ ба амал овардани ҷараёни тиллошӯйиро дар асрҳои IX–X дар соҳили дарёи Панҷ тасвир кардааст. «Коркарди тилло ба таври косибӣ дар кӯҳистонҳои Тоҷикистон дар дарёҳои Зарафшон, Ёхсу, Хингоб ва Панҷ сурат мегирифт. Сокинони деҳаҳои болооби дарёи Хингоб, ба истилоҳ «вахёчӣ»-ҳо ҷӯяндагони моҳир ва эътирофшуда буданд» [130; 136; 171; 174].

Онҳо малакаи худро доир ба истихроҷи тилло аз насл ба насл мерос мегузоштанд ва ҳамчун устодони беназир дар бахши тиллошӯйӣ машҳур шуда буданд. Онҳо на танҳо дар техникаи тиллошӯйӣ, балки дар ҷустуҷӯйи қуми тилло низ моҳир буданд. Барои шустани тилло аҳолии ҳавзаи дарёи Хингоб асбобҳои гуногунро сохта буданд. Дар ҷустуҷӯйи тилло вахёчиҳо маҷбур буданд ба мавзеъҳои болотари дарёи Хингоб рафта, тамоми фасли тобистонро дар он ҷойҳо гузаронанд [139; 171].

Ҳамаи ин мушкилиҳо тоҷикони ноҳияҳои баландкӯҳро, ки шароити сахти зиндагӣ доранд, бинобар нарасидани замин маҷбур месохт то муҳоҷират кунанд ва ба минтақаҳои дуртар аз зодгоҳашон раванд. Ҳамзамон, бо мушкилоти оилавӣ, ки ин раванд эҷод мекард, онҳо дар натиҷаи муҳоҷират аз истисмор ва худсарии амалдорони

амир, ки тоҷикони истихроҷкунандаи тиллоро андозҳои калон мебастанд, озод мешуданд.

Агар ба гузаштаи начандон дури тоҷикони кӯҳистон назар кунем, мебинем, ки онҳо амалан умумияти зиёд доштанд. Дар асри XIX тоҷикони Кӯлоб ва Рашт чандин маротиба бо ҳам муттаҳид шуда, бар зидди ҳокимон муқобилият карданд. Масалан, солҳои 60-уми асри XIX ҳокимияти сарвари муқтадири Дарвоз Исмоилхон ба Рашт ва Кӯлоб паҳн шуда буд, аммо раштиҳо дар иттиҳод бо кӯлобиҳо тавонистанд истиқлоли худро баргардонанд. Инчунин, тибқи маълумоти муҳаққиқони дар боло зикршудаи рус дар муқовимат алайҳи амири Бухоро низ иттиҳоди мардумони Кӯлоб ва Рашт дида мешавад.

Таҳлилҳо нишон дод, ки экспедитсияи мардумшиносии солҳои 1948–1949 дар вилояти Кӯлоб маводди зиёди боарзиш ҷамъоварӣ намуд.  Он имконият фароҳам овард, ки дар бораи расму анъана ва дигар масъалаҳои мардумшиносиву этникии мардум натиҷаҳои муҳимми илмӣ ба даст ояд. Аз ин рӯ, тавсия гардид, ки чунин экспедитсияҳо дар вилоятҳои дигар гузаронда шаванд. Ғайр аз ин,  ин кори густурда бояд бо қувваи коллективӣ ва дар муддати тулонӣ, яъне бештар аз он вақте ки дар Кӯлоб сипарӣ гардида буд, анҷом ёбад.

Аз соли 1952 шуъбаи мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶШС Тоҷикистон таҳқиқотро дар вилояти Ғарм шуруъ кард. Яке аз сабабҳои асосии интихоби ин вилоят аз он иборат буд, ки дар тули якчанд сол муҳоҷирати оммавии тоҷикони кӯҳистон ба заминҳои наве, ки дар ҷануби Тоҷикистон аз худ мешуданд, сурат мегирифт. Солҳои 1952–1953 маводди саҳроӣ дар ҳавзаи дарёҳои Сурхоб ва Вахш ҷамъоварӣ мешуд.

Маводди муфассали мардумшиносӣ оид ба таҳқиқи аҳолӣ, муҳоҷирати он, топонимика, маданияти моддӣ (либос, ғизо, манзил, шуғли аҳолӣ (зироаткорӣ, чорводорӣ), ҳаёти оилавӣ (таваллуд, тӯйи

арӯсӣ, дафну азодорӣ), муносибатҳои иҷтимоӣ дар давраи таҳаввулот, вақтхушиҳои (саргармиҳои) мардумӣ, маълумот дар бораи тағйирот дар маданияти деҳқонӣ дар натиҷаи барқарор шудани Ҳокимияти Шуравӣ ва ғалабаи сохти колхозӣ ба даст омад.

Дар натиҷаи сокиншавӣ қонунияти умумӣ ба мушоҳида мерасад, ки он бо маълумоти забоншиносӣ ва топонимикӣ тасдиқ мешуд. «Дар деҳаҳои тарафи чапи дарёи Сурхоб асосан зодагони Вахё маскун шудаанд, як теъдоди хеле кам зодагони Ҳисор ва оилаҳои алоҳида аз Мастчоҳ мебошанд. Дар аксар деҳаҳои соҳили рост оилаҳое мезистанд, ки аҷдодашон аз Хуҷанд ва Каттақӯрғон буданд» [85, с. 32].

Аз маводди ҷамъкардаи экспедитсия бармеояд, ки дар байни оилаҳои алоҳидае, ки дар Лахш (собиқ Ҷиргатол) зиндагӣ мекарданд, бештар тоҷиконе будад, ки аз деҳаи Арзинги Вахё муҳоҷир шуда буданд. Тибқи нақлу гузоришҳои мардуми маҳаллӣ вахёчиҳо ба ин ҷойҳо дар ибтидои асри гузашта, яъне асри XIX кӯч бастаанд. Тибқи маълумоти ҷамъоваришуда сабабҳои муҳоҷирати тоҷикон аз Вахё ба Рашт камзаминӣ ва шароити табиии сахти ин сарзамин будааст.

Дар иртибот ба масъалаи муҳоҷират ҳаминро бояд қайд кард, ки тибқи ривояти сокинон ва маводди таҳқиқоти мардумшиносӣ дар вилояти Фарғона, пас аз муҳоҷирати раштиҳо ба Фарғона дар баробари тоҷикони таҳҷойӣ шумораи муҳоҷирон аз Рашт дар ҳудуди имрӯзаи Ӯзбекистон ва Қирғизистон афзоиш меёфтанд. Н.А. Кисляков дар бораи муҳоҷирон аз Рашт ва Исфара маълумоти зиёд овардааст [85, с. 74]. С. С. Губаева бошад, дар бораи муҳоҷирати мардуми Қаротегин ва Вахиё ба водии Фарғона дар асри XIX – ибтидои асри XX маълумоти зиёд овардааст, ки ӯ низ сабаби асосии ин муҳоҷиратро дар камзаминӣ ва зимистонҳои сард мебинад [60, с. 86].

Ҳақиқат ин аст, ки мардуми минтақаи Рашт ба шаҳрҳои водии Фарғона муваққатан ба муҳоҷират рафта, бештари онҳо бармегаштанд.

Ин дар ҳоле сурат мегирифт, ки Қаротегин ба хони Қуқанд тобеъ буд. Пас аз ба аморати Бухоро дохил шудани Рашт шумораи муҳоҷирон нисбатан камтар гардид.

Мавод оид ба топонимика ва забон хеле васеъ ва гуногун мебошад, аз ин рӯ ҳам барои мардумшиносону муаррихон ва ҳам ҷуғрофишиносону забоншиносон ҷолибанд. Маълумот оид ба шуғли аҳолӣ, асосан чорводорӣ, ки дар инҷо соҳаи асосии хоҷагӣ буд, ҳамин хел гуногун аст.

Дар рафти экспедитсия дар ноҳияҳои таҳқиқшаванда хусусияти зироаткорӣ ва ҷанбаҳои алоҳидаи зироатҳои киштшаванда, тарзи кишти замин ва ҷамъ овардани ҳосил, нигоҳубини ҳосил дар давраҳои гуногуни афзоиши он ва ғайра муайян гардид. Усулҳои зиёди ба таври қадим коркард шудани замин ва зироатҳо ба қайд гирифта шуданд.

Тамоми олоти меҳнат сабт ва ташреҳ шудааст. Мавод дар бораи тақвими халқӣ ва ченакҳо, ҷашнҳои гуногуни зироаткорӣ алоқа дошта, ҷамъ оварда шудаанд. Решаи аксарияти инҳо ба давраи қадим рафта мерасад.

Маводди ҷамъшуда имкон медиҳад, ки на танҳо фарҳанги зироаткории тоҷикони кӯҳистон дар қадим, балки фарҳанги зироаткории колхозҳои замони шуравӣ бо ҷузъиёт ва ҳамчунин тағйироте, ки дар давраи коллективонӣ ба вуҷуд омада буд, ташреҳ шавад.

Маълумоте, ки экспедитсия доир ба муносибатҳои иҷтимоии тоҷикони тоинқилобӣ ҷамъ овардааст, нишон медиҳад, ки дар водии Рашт, мисли тамоми Бухорои Шарқӣ муносибатҳои феодалӣ ҳукмрон буданд. Ҳарчанд вобастагии деҳқон ба замин (низоми крепостноӣ) ба расмият дароварда нашуда бошад ҳам, дар асл деҳқонон ба замин пойбанд буда, аз бою заминдорони калон вобаста буданд.

Ғайр аз ин, аз маводди ҷамъкардаи экспедитсияи мардумшиносӣ бармеояд, ки дигаргуншавии шароити зист, муносибатҳои оилавӣ ва тағйирот дар тафаккуру шуури тоҷикони кӯҳистон, ки доимо эҳтиёҷманд буда, зиндагии пурмашаққат мебурданд ва дар зинаи пасти иҷтимоӣ қарор доштанд, дар давраи Шуравӣ вазъи иҷтимоиву фарҳангиашон беҳтар гардид. Чуноне қайд гардид, солҳои 1940–1950-ум муҳоҷирати оммавӣ ва муташаккили тоҷикони кӯҳистон ба заминҳои нав аз худкардашуда ва дигар ҳудуди водиҳои Тоҷикистон сурат мегирад ва ин, бешак, як далели (воқеияти) хеле мусбат буд. Бо ҳамин барои мардуми кӯҳистон  имконоти васеъ боз мешуданд.

Истифодаи техникаи пешрафта, баланд шудани сатҳи зисту зиндагӣ ва фарҳанг, наздикӣ ба маркази шаҳрҳо, таъминоти моддии беҳтар ва ғайра дар муддати кӯтоҳ ҳаёти муҳоҷиронро тағйир доданд.

Ҳамин тариқ, аз натиҷаи омӯзиши масоили мардумшиносӣ дар ду вилоят – Ғарму Кӯлоб чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст:

– гузаронидани корҳои таҳқиқотии мардумшиносон дар вилоятҳои Кӯлоб ва Ғарм боиси ба даст овардани далел ва рақамҳое гардиданд, ки  илми таърих дар давоми чанд садсолаи охир ноил нагардида буд;

– дар натиҷаи таҳқиқоти мардумшиносон маводди зиёд оид ба таърих, фарҳанг, забон, тарзи зисти аҳолии ноҳияҳои Дарвоз, Рашт, Кӯлоб, Ховалинг, Муъминобод ва дигар манотиқи Тоҷикистони Ҷанубӣ ба нашр расонида шуд;

– барои муайян ва таҳқиқ кардани этногенези тоҷикон ва пешбурди таҳқиқоти антропологӣ гурӯҳи антропологҳо, аз ҷумла, Л.В. Ошанин аз АФ ҶШС Ӯзбекистон ба кор ҷалб шуданд. Сардори ин гурӯҳи антропологӣ В. Я. Зезенкова таъйин шуда буд.

Ҳамин тариқ, муҳаққиқони рус дар омӯзиши масоили мардумшиносӣ, хусусан фарҳанги моддии сокинони Кӯлоб,

Муъминобод, Ховалинг ва Рашт саҳми калон дошта, аз солҳои 20-ум то солҳои 90-уми асри XX ба ин масъала ҷиддан машғул шуданд. Экспедитсияҳои ташкилнамудаи онҳо, ки аввалин экспедитсияҳои мардумшиносӣ ва антропологӣ дар ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон ба ҳисоб меравaнд, урфу одат, муҳоҷират, манзил ва тарзи зиндагии аҳолии ин минтақаҳоро муайян намудаанд. Таҳқиқотҳои муҳаққиқони мазкур имконият медиҳанд, ки равандҳои иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеъаи анъанавии Тоҷикистон дар давраи тағйироти амиқи таърихи ба таври комплекси ва илми таҳлил карда шаванд. Маводиҳои дастраснамудаи А.Н.Кондауров, А.Е.Пешерова А.Н.Кисляков, А.К.Писарчик, З.А.Широкова, Л.В.Ошанин ва дигар муҳаққиқон, ҳамчун сарчашмаи нодири таърихи дар ин раванд нақши асоси дошта, ба ғани гардидани донишҳои илми дар соҳаи этнография ва таърихи иҷтимоии тоҷикон мусоидат менамояд.

## 1.2. Нақши Р.Л. Неменова ва А.К. Писарчик дар омӯзиши мардумшиносӣ ва фарҳанги тоҷикони Варзоб ва вилоятҳои Ғарму Кӯлоб

Тавре қайд гардид, аз рӯзҳои аввали барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқони рус ба омӯзиши масоили мардумшиносӣ ва фарҳангии тоҷикони ноҳияҳои Бухорои Шарқӣ зиёд гардид. Яке аз чунин муҳаққиқон Розалия Львовна Неменова мебошад, ки дар таҳқиқоти худ ба масъалаи урфу одат, тарзи зиндагӣ, маросимҳои мардумӣ ва дигар анъанаҳои мардумии ноҳияи Варзоб ва ноҳияҳои Ғарму Кӯлоб таваҷҷуҳи хоса додааст. Ӯ 10 октябри соли 1908 дар Фарғона ба дунё омада, дар он ҷо ба воя расидааст. Вай дар Фарғона забони тоҷикиро аз коргарони мавсимии тоҷикони кӯҳистоние, ки дар корхонаҳои он ҷо кор мекарданд, аз худ менамояд

ва сипас ба шуъбаи эронии Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна дар шаҳри Тошканд дохил шуда, онро соли 1930 бо ихтисоси адабиётшинос ва забоншинос хатм менамояд. Р.Л. Неменова пас аз хатми донишгоҳ дар низоми Комиссариати халқии маорифи шаҳри Тошканд аз соли 1930 то соли 1934 фаъолият менамояд. Аз соли 1934 то 1938 дар рӯзномаи «Байрақи меҳнат» ба ҳайси тарҷумон, солҳои 1936–1940 устоди Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна кор карда, баъдан фаъолияти меҳнатии худро дар курсҳои омӯзишии кормандони роҳбарикунандаи назди Шурои Олии ҶШС Ӯзбекистон идома медиҳад. Ҳамроҳи Р.Л. Неменова ба ин факулта ҳамкорони оянадаи ӯ Е.М. Пешерева, А.К. Писарчик, Н.Н. Ершов низ дохил шуда буданд. Қисми зиёди фаъолияти минбаъдаи Р.Л. Неменова дар арсаи илм бо экспедитсияҳои муштараки Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ ва Институти таърихи ба номи А Дониши Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон алоқаманд буд.

Соли 1940 Р.Л. Неменова дар қатори дигар олимоне, ки бо ташаббуси Б.Ғ. Ғафуров барои баланд бардоштани сатҳи илм ва маориф ба Тоҷикистон даъват шуда буданд, ба Душанбе омад ва дар мактабҳои олии пойтахти Тоҷикистон кор ва фаъолияти илмиашро идома дод. Аз соли 1948 ӯ ба ҳайси корманди илмӣ дар ФТ АФ ҶШС Тоҷикистон дар Институти забон ва адабиёт, аз соли 1954 дар Институти таърихи АФ ҶШС Тоҷикистон фаъолияти илмиашро идома дод.

Хизматҳои шоистаи Р.Л. Неменоваро ба назар гирифта, ӯро бо Ҷоизаи ҶШС Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино сарфароз намуданд. Ҳамзамон, ӯ номзади илмҳои филологӣ, муҳаққиқи барҷаста ва чеҳраи калидии илми тоҷик мебошад. Дар байни асосгузорони илмҳои тоҷикшиносӣ ва мардумшиносии тоҷикон, ба мисли М.С. Андреев, А.К. Писарчик ва Н.Н. Ершов номи Р.Л. Неменоваро низ

ёдовар шудан мумкин аст. Р.Л. Неменова дар доираи фаъолияти экспедитсияи солҳои 1948–1949 зери роҳбарии мардумшиноси машҳур А.К. Писарчик ба вилояти Кӯлоб равон шуда, дар таҳқиқи шеваҳо ва лаҳҷаҳои сокинон саҳми калон гузоштааст. Соли 1949 баъди анҷоми таҳқиқоти лаҳҷаҳои Кӯлоб ба омӯзиши лаҳҷаҳои ноҳияҳои Муъминобод, Ховалинг, Балҷувон, Кангурт ва Сари Хосор шуруъ карда буд [68, с. 72].

Дар байни ҳуҷҷатҳои Р.Л. Неменова, ки дар бойгонии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш маҳфузанд, мактубҳои ӯ ба поягузори илми тоҷикшиносӣ ва помиршиносӣ, профессор И.И. Зарубин [68, с. 9], мукотиба бо ҳамсари ӯ ва ҳамчунин бо муҳаққиқи машҳури рус В.С. Расторгуева барои илми имрӯзаи мардумшиносӣ хеле муҳиманд (ҳамагӣ 25 мактуб ва барқия). Дар ҳар аз ин номаҳо ҳисоботи Р.Л. Неменова оид ба экспедитсияҳои анҷомдодашуда дар вилояти Кӯлоб, ки тайи солҳои 1948–1949 сурат гирифтаанд, инъикос шудаанд. Р.Л. Неменова қайд мекунад, ки «омӯзиши нокифояи лаҳҷаҳои вилояти Кӯлоб Институти забони ФТ АИ ИҶШС-ро водор кард, ки экспедитсияи лаҳҷашиносиро зери роҳбарии профессор И.И. Зарубин ва В.С. Соколова ба вилояти Кӯлоб равон кунад, то ин ки онҳо ба омӯзиши лаҳҷаҳои дар қаламрави вилояти мазкур паҳншуда шуруъ кунанд» [68, с. 23] Аз мактуби ба устодаш И.И. Зарубин [68, с. 71] равонкардаи Р.Л. Неменова [68, с. 73] маълум мегардад, ки экспедитсияи мардумшиносии вилояти Кӯлоб рӯзи 25 июли соли 1948 аз шаҳри Сталинобод (ҳоло Душанбе) ба Кӯлоб ҳаракат кардааст. «Ба ин гурӯҳ кормандони ФТ Институти забон ва адабиёти ИҶШС, аспиранти Институти забонҳо И. Богорад ва муаллими Институти омӯзгории Тоҷикистон В.В. Яблонская, донишҷӯи институти мазкур Ш. Шарапов, донишҷӯи ДДМ ба номи М.В. Ломоносов А. Алимов, аспиранти Институти забон ва адабиёти ФТ АИ

ИҶШС ва баъдан академики АФ ҶТ Тоҷикистон Раҷаб Амонов низ шомил буданд» [68, с. 72].

Экспедитсияи лаҳҷашиносӣ дар пеши худ вазифаҳои мушаххас гузошта буд. Соли 1948 мақсади асосӣ аз он иборат буд, ки ҳарчӣ зудтар лаҳҷаҳои вилояти Кӯлоб ва берун аз он пажуҳиш карда шаванд, аммо соли 1949 таҳқиқи лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ дар дигар минтақаҳои вилояти мазкур, аз ҷумла, Муъминобод, Сари Хосор, Балҷувон ва қисман Кангурт идома ёфт.

Соли 1948 объекти таҳқиқи лаҳҷаҳо ноҳияи Ховалинг гардид. Ховалинг бо ноҳияи сирф тоҷикӣ – Дарвоз ҳаммарз буда, дар маркази манотиқе, ки аҳолиаш сартосар тоҷик буд, қарор дошт. [68, 73].

Дар мактубҳои Р.Л. Неменова, ки аз бойгонияш дастрас гардид, доир ба тайёрии экспедитсияи лаҳҷашиносӣ ба таври муфассал маълумот оварда шудааст. Бино бар асноди ӯ тайёрии экспедитсия соли 1948 дар ду марҳила сурат гирифт ва ӯ онҳоро ҳамчун марҳилаҳои «ленинградӣ» ва «сталинободӣ» муайян кардааст.

Марҳилаи якум то моҳи декабри соли 1947 идома ёфта, дар чаҳорчӯбаи он семинари гузаронидаи И.И. Зарубин ва В.С. Соколова ба мақсади омӯзиши амиқи забони тоҷикӣ баргузор гардид. Дар марҳилаи дуюм ё марҳилаи сталинободӣ роҳбарони экспедитсия ба тартиб додани саволҳои асосӣ ва хатсайри экспедитсия машғул шуданд. Зери роҳбарии профессор И.И. Зарубин ва В.С. Соколова [68, с. 72] нақшаи корӣ барои ҳамон сол тартиб дода мешавад.

Соли 1949 дар маҷлиси ҳисоботии Институти таърих ва адабиёти Филиали Тоҷикистонии АИ ИҶШС ҳисоботи А.К. Писарчик дар бораи натиҷаи корҳои экспедитсияи мардумшиносии Кӯлоб [160, с. 45] ва инчунин ҳисобот дар бораи корҳои анҷомдодаи Р.Л. Неменова дар ин давра шунида шуд [129, с. 72].

Р.Л. Неменова барои кор дар ҳайати экспедитсияи Кӯлоб соли 1949 ба устодаш – профессор И.И. Зарубин мактуб навишта, нақшаи кориашро дар ҳайати ин экспедитсия ҳамчун этнограф-диалектолог мувофиқа кардааст, ки ин ва 24 мактуби дигари ӯ ба устодаш дар бойгонии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон маҳфуз мебошанд. Дар ин мактубҳо ӯ оид ба маводи ҷамъовардааш маълумот дода, барои анҷоми корҳои оянда маслиҳатҳо пурсидааст. Дар натиҷаи ширкат дар экспедитсияи мардумшиносии Кӯлоб (1948–1949) Р.Л. Неменова маводи мардумшиносӣ ва забоншиносии бойро на танҳо оид ба аҳолии Ховалинг, балки дигар ноҳияҳои вилоят, аз ҷумла, Балҷувон, Сари Хосор ва Муъминобод ҷамъ овард. Маводди мазкур имкон фароҳам овард, ки соли 1950 Р.Л. Неменова дар мавзуи «Лаҳҷаҳои забони тоҷикии Кӯлоб» рисолаи илмии худро бомуваффақият дифоъ намояд.

Солҳои 1952, 1953, 1955 ва 1956 ӯ ба ҳайси сардори экспедитсияи мардумшиносии Ғарми Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶШС Тоҷикистон фаъолият кардааст. Дар назди экспедитсия вазифаҳои зерин, аз ҷумла, санҷиши номи маҳалҳои аҳолинишин, ҷамъоварии мавод оид ба аҳолӣ, таърихи пайдоиши он дар ноҳияҳои таҳқиқшаванда ва ҳаракати он, дақиқ кардани таркиби этникии аҳолӣ дар шароити муосир, ҷамъоварии маълумот дар бораи таърихи деҳаҳои алоҳида ва топонимика гузошта шуда буданд. Ҷамъ овардани мавод ва таҳқиқи вазифаҳои зиёди мардумшиносӣ дар вилояти Ғармро Розалия Лвовна Неменова шахсан иҷро мекард. Ӯ хуб дарк мекард, ки яке аз аломатҳои хоссе, ки дар таҳқиқи этногенез ва таърихи этникии мардумон нақши асосиро мебозад, ин аломатҳои хоси забонии муоширати мардумон ва ё гурӯҳҳои этникӣ мебошад.

Кори экспедитсия дар ноҳияҳои вилояти Ғарм дар ибтидо аз 9 июл то 5 августи соли 1952 ва аз 1 то 5 август дар қишлоқи Шулмак идома ёфт. Дар рафти экспедитсия деҳшуроҳои зерини ноҳияи Ғарм зери таҳқиқ қарор дода шуданд: Қазноқ, Навдӣ, Қалъанак ва Ҷафр, воқеъ дар соҳили рости дарёи Сурхоб, инчунин Қалъаи Сурх ва Навдонак дар соҳили чапи Сурхоб. Дар маҷмуъ аз 10 деҳшуро 6 адади он таҳқиқ шуданд.

Корҳои саҳроии солҳои 1952–1953 оид ба таҳқиқоти саросарии мардумшиносӣ дар вилояти Ғарм зери роҳбарии Н.А. Кисляков ва иштироки Н.Ҳ. Нурҷонов [136, с. 49], Б.Х. Қармишева [164, с. 36], Р.Л. Неменова [124, с. 5], Ю.И. Богорад [68, с. 42], А.З. Розенфелд, М.Ҳ. Ҳамидҷонова, М.Р. Раҳимов [171, с. 67], рассомон Семчин ва М.Р. Габе гузаронида шуд.

Солҳои 1952–1953 Институти таърих, забон ва бостоншиносии АИ ҶШС Ӯзбекистон дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб зери роҳбарии Л.В. Ошанин экспедитсияи муштарак гузаронд. Сардори экспедитсия Я. Зезенкова буда, Н.Ҳ. Нурҷонов ва гурӯҳи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна дар кори он ҷалб гардиданд [136, с. 49]. Дар натиҷаи кори экспедитсияи муштарак қариб 2,5 ҳазор нафар тоҷикон мавриди таҳқиқи антропологӣ қарор гирифтанд.

Дар рафти ин экспедитсия 30 нафар сокини маҳаллии ноҳияи Ғарм ва 6 сокини деҳаи Шулмак таҳқиқ шуданд. Ин рақами назарраси деҳаҳои таҳқиқшударо бо вазифаҳое, ки дар назди экспедитсия истода буданд, бо хеле ба ҳам наздик будани деҳаҳо шарҳ додан мумкин аст. «Мавод қисман аз комитетҳои иҷроияи ноҳияҳо ва деҳшуроҳо, инчунин бо роҳи пурсишҳо, мушоҳидаҳои бевосита ва сабти суханони аҳолии таҳҷоӣ ҷамъоварӣ шудаанд. Рӯйхати маҳалҳои аҳолинишин дар комитетҳои иҷроия, баъдан дар раёсати деҳшуроҳо ва бевосита бо суханони худи сокинон, зодагони ин маҳалҳо муқоиса мешуданд. Р.Л.

Неменова ҳамчун забоншинос диққати зиёдро ба талаффуз ва транскрипсияи номи деҳаҳо равон карда, вариантҳоро қайд мекард» [68, с. 32].

Дар бойгонии шахсии Р.Л.Неменова ҳуҷҷатҳое, ба монанди «Ҷадвали пешакии номи иншооти ҷуғрофӣ ва топографӣ дар ҳудуди вилояти Кӯлоб», ки барои табақабандии маълумот роҷеъ ба гурӯҳҳои ҷуғрофӣ, қишрҳо, касбият, дин ва номи онҳо тартиб дода шудааст ва «Мавод доир ба Кӯлоб» (65 ҷузъи чопӣ ба тоҷикӣ (ба хатти лотинӣ) ва забони русӣ) маҳфуз мебошанд [126].

Р.Л. Неменоваро, асосан, филолог-тоҷикшинос меноманд. Аммо бояд қайд кард, ки ӯ ҳамчун мардумшинос дар вилояти дигари ҷануби Тоҷикистон – Рашт дар солҳои 1952–1953, 1955–1956 таҳқиқоти саҳрой анҷом додааст. Таҳқиқоти саҳроии Р.Л. Неменова дар фаъолияти илмӣ ва ҳаёти шахсии ӯ нақши муҳим бозид. Дар солҳои 60-уми асри XX Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон якчанд экспедитсияҳои мардумшиносӣ ва бостоншиносӣ дар минтақаҳои зериобшавандаи НБО- и Норак анҷом дод. Дар ҳайати экспедитсия ҳамроҳи Р.Л. Неменова солҳои гуногун И. Муҳиддинов, М. Ҳамидҷонова, Х. Эшонқулов, А. Мардонова, Т. Мезурнова ва Р. Қодиров кор карданд.

Солҳои 1964–1965 Р.Л. Неменова бо ҷамъоварии хусусиятҳои забоншиносии (лингвистии) минтақаи мазкур машғул шуда, асноди зарурӣ дар ин бора дар байни ҳуҷҷатҳои бойгонии ӯ нигоҳ дошта мешаванд. Дар маҷмуъ, фонди шахсии олима ва коллексияи аксҳои экспедитсияҳои гуногун, ки дар онҳо Р.Л. Неменова иштирок карда буд, дар Осорхонаи мардумшиносии Институт бахши муҳимтарин ва назаррасро ташкил медиҳанд. Барои муҳаққиқоне, ки на танҳо ба омӯзиши забони тоҷикӣ, балки бо дигар масъалаҳои алоқаманд ба

таърихи рушди илми этнология машғуланд, ин мавод метавонад кӯмаки ҷиддӣ расонад.

Дар бойгонии мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ду коллексияи аксҳои (№ 60, 63) экспедитсияи мардумшиносии Варзоб дар соли 1962 (Зиддӣ, Такоб, Зуманд, Роғ, Хоҷаоби Гарм, Ҳушёрӣ), ки Р.Л. Неменова роҳбар буд, нигоҳдорӣ мешаванд. Коллексияи якум аз 594 акс иборат буда, онҳо асосан соҳаи меъморӣ, зиндагии маишӣ, ҳунармандӣ, типи этникии сокинон, анъанаҳо, манзил, либос ва хусусияти дигари ҳамарӯзаи ҳаёти аҳолии маҳаллиро инъикос мекунанд.

Дар иртибот ба фаъолияти мардумшиносии Роза Львовна Неменова (1908–1988) дар минтақаи Ҳисор қайд мешавад, ки «ҳамзамон бо омӯзиши тоҷикони Қаратоғ таҳқиқи мардумшиносии ноҳияи дигари водии Ҳисор, аз ҷумла, ноҳияи Варзобро низ мебурд. Корҳои мардумшиносии Р.Л. Неменова дар солҳои 1961–1964 сурат гирифтанд» [132, с. 32].

Дар аксҳои гурӯҳи дуюм аз соли 1963, ки аз ҷониби З.А. Широкова тайёр шудаанд, ҳамон мавзуъҳо инъикос гардидаанд. Ин мавод асоси китоби бунёдии Р.Л. Неменова «Тоҷикони Варзоб»–ро ташкил доданд [133, с. 198]. Вай ҳангоми экспедитсия бо духтарчае вомехӯрад, ки падару модараш мехостанд ӯ дар Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон таҳсил кунад, аммо метарсиданд, ки духтарашон дар хобгоҳ маҷбур мешавад бидуни хешон зиндагӣ кунад. Он гоҳ ӯ ин духтарро ба оилаи худ пазируфта, ҳамроҳи фарзандони худ – Людмила ва Иосиф тарбия кард. Шиносоӣ бо ин оила аз Такоб олимаро водор кард, ки зиндагиашро каме тағйир диҳад. Ба духтархондӣ қабул карда, тарбия намудани духтарак Ҳусноро Мирзоева амали муҳимми инсонии Р.Л Неменова гардид.

Р.Л. Неменова дар Варзоб маводде ҷамъ овард, ки таркиб ва ташаккули аҳолии водӣ, шуғл, маишату фарҳанг, ҳаёти оилавӣ, хонавода, урфу одати гурӯҳи тоҷикони ин ноҳияро ташреҳ мекард. Ин мавод дар ибтидо дар шакли мақолаҳои гуногун нашр шуда, баъдан асоси монографияи ӯ – «Тоҷикони Варзоб» гардид.

Олимони мардумшинос Р.Л. Неменова ва А. Мардонова зикр мекунанд, ки «Дар охири солҳои 70-уми асри гузашта ба бекигарии Ҳисор як қатор ҳарбиён ва сайёҳони рус омада, дар бораи кишвар, роҳҳои байни водиҳо, тақсимоти маъмурӣ, ҳайати аҳолӣ ва кишоварзӣ маълумот ҷамъ овардаанд» [125, с. 66]. Онҳо қайд менамоянд, ки аксар вақт маълумоти мардумшиносии ин давра хусусияти тасодуфӣ ва пароканда доранд.

Барои таҳқиқоти бунёдии «Лаҳҷаҳои Тоҷикистони Ҷанубӣ» Р.Л. Неменова пас аз маргаш соли 1989 бо Ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ Ибни Сино сарфароз гардид. Мавсуф оид ба таърихи пайдоиши баъзе калимаҳои лаҳҷаи мардуми ин қисми Тоҷикистон луғати гӯйишҳои мардуми Кӯлобро ба чоп расонд. Бо ташаббуси тоҷикшинос-этнографи мазкур китобҳои дарсии забони русӣ барои синфҳои 8–10 барои мактабҳои тоҷикӣ солҳои 1978 ва 1979 таълиф шуданд ва ин китобҳо то соли 1985 чандин бор (бархе то 12 бор) ба нашр расиданд, ки ин саҳми бузурге буд дар соҳаи илму маорифи Тоҷикистон. Ҳоло тибқи иттилои «World Cat Identities» 17 асари Р.Л. Неменова дар 20 нашр бо се забон дар 38 китобхонаи ҷаҳон маҳфуз мебошанд.

Ҳамин тавр, қайд бояд кард, ки олими варзидаи соҳаи мардумшиносии Осиёи Миёна Р.Л. Неменова дар таҳқиқи бахши мардумшиносии ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистон саҳми арзанда ва бебаҳо гузоштааст.

Дигар аз муҳаққиқе, ки дар омӯзиши масоили мардумшиносии Тоҷикистон, хусусан расму анъанаҳои тоҷикон хизматҳои арзанда

кардааст, мардумшиносии Шуравӣ Антонина Константиновна Писарчик (1907–1995) мебошад. Ҳамзамон, ӯ аз зумраи муҳаққиқони барҷастае буд, ки дар ташаккул ва рушди мактаби мардумшиносии Тоҷикистон нақши муҳим гузоштааст. Ӯ нозукиҳои илми мардумшиносиро аз устодонаш М.С. Андреев, Н.А. Кисляков, Е.М. Пешерева ва О.А. Сухарева аз худ менамояд. А.К. Писарчик давоми 17 сол (1948–1965) сарварии бахш ва сипас роҳбари шуъбаи мардумшиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш буд ва тавонист самтҳои асосии пешбурди фаъолияти онро муайян намояд. Бахши мазкур соли 1947 таъсис ёфта буд ва дар муддати як сол онро М.С. Андреев роҳбарӣ кард. Ҷуғрофияи таҳқиқотҳои ӯ хеле васеъ буда, Самарқанд, Бухоро, Кармина, Нурота, Фарғона ва ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистонро дар бар мегирифт.

А.К. Писарчик ҳамчун ташаббускор ва роҳбари экспедитсияи солҳои 1948–1949 ба минтақаи Кӯлоб чанд нафар этнографҳоро аз ш. Санкт-Петербург даъват кард[160, с. 12]. «Яке аз онҳо эроншинос ва лаҳҷашинос Юлия Илинична Богорад буд, ки аз Институти таҳқиқотии забонҳои Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ зери роҳбарии профессор И.И. Зарубин ба Душанбе омада буд. Инчунин, барои иштирок дар кори экспедитсия аз ш. Санкт–Петербург В.С. Соколова, Р.Л. Неменова ва В. Яблонская ба Тоҷикистон омаданд» [68, с. 6]. Ин муҳаққиқон дар бораи маскуншавии тоҷикон дар минтақаи Кӯлоб маълумоти пурарзиш ҷамъ намуданд.

Оид ба асолати этникии тоҷикони минтақа олимони мардумшиноси зиёд таҳқиқот анҷом дода, андешаҳояшонро баён намудаад. Масалан, муҳаққиқи рус А. Брискин соли 1930 дар монографияи худ «Давлати тоҷикон» андеша баён дошт, ки «тоҷикони кӯҳистон на танҳо мустақилияти этнографии худро ҳифз карданд, балки таъсири амиқи тамаддуниашонро ба ғосибони худ расонданд»

[46, с. 74]. Ба гуфти ӯ, «онҳо (яъне тоҷикон) ӯзбекони кӯчиро, ки ба ҳаёти нимкӯчӣ гузашта буданд, зироаткорӣ ва косибиро омӯзониданд» [46, с. 74].

Бинобар он ки вилояти Кӯлоб яке аз минтақаҳои кам таҳқиқшуда ба ҳисоб мерафт, солҳои 1928–1929 ва 1940 дар он ҷо А.П. Колпаков [94, с. 273] ва Н.А. Кисляков маводди мардумшиносӣ ҷамъоварӣ карданд, аммо натиҷаи ин таҳқиқоти саҳрой-мардумшиносӣ, ба истиснои интишори мақолаи Н.А. Кисляков «Тоҷикони вилояти Кӯлоб» коркард ва ба чоп дода нашуд.

Институти таърих, забон ва адабиёт қарор дод, ки омӯзиши мардумшиносии худро дар Тоҷикистон маҳз аз вилояти Кӯлоб шуруъ намояд ва ба ин хотир соли 1948 ба вилояти номбурда экспедитсияи мардумшиносиро бо мақсади омӯзиши тоҷиконе, ки дар ноҳияҳои шимолии ин вилоят зиндагӣ мекарданд, созмон дод.

Экспедитсияҳои мардумшиносӣ, ки дар Тоҷикистон дар нимаи якуми асри ХХ гузаронда шуда буданд, барои ҷамъоварии маводи нав дар бораи тоҷикон ва дигар халқҳое, ки дар қаламрави ҷумҳурӣ мезистанд, мусоидат карданд. Маводди экспедитсияи Институти таърих, забон ва адабиёти филиали Академияи фанҳои ИҶШС (минбаъд ИТЗА ФТ АФ ИҶШС) дар вилояти Кӯлоб дар солҳои 1948–1949, ки зери роҳбарии мардумшиноси барҷастаи рус, тоҷикшинос А.К. Писарчик созмон ёфта буд, аҳаммияти махсус дошт.

Тибқи мақсад ва вазифаҳои асосии илми мардумшиносӣ дар солҳои 40–50-уми асри ХХ барои чопи китоби бисёрҷилдаи «Мардумони ҷаҳон» аз тарафи мардумшиносони рус дар қисмати Тоҷикистони Ҷанубӣ таҳқиқоти саҳрой сурат гирифт. Кабинети мардумшиносии ИТЗА ФТ АФ ИҶШС дар доираи вазифаҳои дар пеши худ гузошта ба таҳияи мавзуи «Омӯзиши сартосарии мардумшиносии Тоҷикистон» шуруъ кард. Маводи ин таҳқиқот бояд барои дақиқ

кардани сарҳади ноҳияҳо ва ноҳияҳои хурди таърихӣ-фарҳангӣ кумаки бузург расонида, барои таъсис додани харитаи муфассали мардумшиносӣ ва дар оянда тартиб додани атласи таърихии мардумшиносӣ асос мешуд.

Боиси зикр аст, ки вилояти Кӯлоб дар имтидоди кӯҳҳои Ҳисору Олой воқеъ буда, он замон минтақаи калони таърихӣ-фарҳангии Тоҷикистонро дар бар мегирифт. Вилоят 27-уми октябри соли 1939 бо маркази маъмурияш Кӯлоб, ки ҳанӯз соли 1934 мақоми шаҳрро гирифта буд, тибқи Фармони Раёсати Шурои Олии ИҶШС таъсис ёфта буд. Ба таркиби вилоят ба ғайр аз шаҳри Кӯлоб ноҳияҳои Балҷувон, Данғара, Даштиҷум, Кангурт (ҳоло ҷамоат), Қизил Мазор (ҳоло ҷамоат), Колхозобод (ҳоло ноҳияи Ҷалолиддини Румӣ), Кӯлоб, Фархор, Сари Хосор (ҳоло ҷамоат), Ховалинг, Муъминобод ва Ш. Шоҳин шомил шуданд. Дар давраи Шуравӣ вилояти Кӯлоб 12 ҳазор км$^2$-ро фаро гирифта, аҳолиаш 570 ҳазор нафарро ташкил мекард (соли 1987) ва он ҳамчун вилоят чандин маротиба барҳам дода шуда, сипас барқарор гардида буд.

Ба ҳайси манбаъҳои махсусан муҳим барои А.К. Писарчик ҳангоми омӯзиши вазъи этникӣ дар вилояти Кӯлоб солҳои 1948–1949 маълумоти Бурҳониддини Кӯшкакӣ, асарҳои В.В. Бартолд [38, с. 76], матолиби И.П. Магидович дар бораи аҳолии Ҷумҳурии Туркистон дар солҳои 20- уми асри XX ва маълумоти Т. Гаевский роҷеъ ба бекигарии Қӯрғонтеппа хизмат карданд. Ӯ ба таври хеле васеъ маълумоти Н. Маевро дар бораи бекигарии Кӯлоб, Н.Г. Малитскийро дар бораи ҷуғрофияи Осиёи Миёна роҷеъ ба минтақабандии Осиёи Миёна истифода бурдааст.

Дар маҷмуъ, тибқи маълумоти соли 1924 аҳолии бумии ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистонро тоҷикон ташкил медоданд. Дар байни ҳуҷҷатҳои

А.К. Писарчик қайдҳо аз мақолаи Р.Ю. Рожевитс «Сафар ба Бухорои ҷанубӣ ва миёна» маҳфуз мондаанд.

А.К. Писарчик баъди таҳқиқи вилояти Кӯлоб ба хулоса омадааст, ки вилояти Кӯлоб дар ҳоли мавҷудияти гурӯҳҳои гуногуни этникӣ намоёнгари «минтақаи сартосарии тоҷикон» мебошад.

Ҳама халқҳо ва қавму қабилаҳое, ки А.К. Писарчик ишора кардааст, аз як ҷониб бо умумияти сарнавишти таърихӣ, иқтисодӣ, этникӣ ва таъсири мутақобилаи фарҳангӣ дар байни худи онҳо ва, аз ҷониби дигар, бо тоҷикон сахт пайванд буданд. Дар натиҷаи тамосҳои тӯлонӣ дар бахшҳои моддӣ, фарҳанги маънавӣ, таҷрибаи ҳунармандӣ, меҳнатӣ ва маишӣ дар қатори хусусиятҳои хосси гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ анъанаҳои (маросимҳои) зиёд, ки «хусусиёти наздику монанд» доштанд, ташаккул ёфтанд (масалан, дар лексика, либос ва ғ.).

Дар баробари ҷамъоварии маводди илмӣ оид ба таркиби миллии ин ё он минтақа экспедитсия, ҳамчунин маводди мардумшиносиеро, ки ба хусусиятҳои хоси манзили зист мутааллиқ буд, ба қайд мегирад. Тахминан 200 хонавода зери таҳқиқот қарор гирифта шуд. Дар давоми як соли 1948 парастишҳо ва эътиқодоти динӣ, либос, маросимҳо ва ғайра мавриди пажуҳиш қарор гирифтанд. А.К. Писарчик қайд кардааст: «Маълумоти ҷамъкардаи экспедитсия барои муҳаққиқон оид ба гурӯҳҳои таҳқиқшуда, ҳарчанд иттиллооти гуногунро диҳад ҳам, аммо имкон дорад ҳамчун маводи хубе барои хулосабарорӣ хизмат кунад». [160с,32]

Дар маҷмуъ ин маводи арзишманд гувоҳи ҳаёти ҳамарӯзаи Тоҷикистони Шуравӣ буда, як навъ микросотсиологияи хурди сокинони қисмати ҷануби он мебошад.

Ба ғайр аз маводи бойи мардумшиносӣ дар ҳисобот далелҳои зиёди ҷолиб, ки аз ҷониби аъзои экспедитсия қайд гардидаанду ба таърих, бостоншиносӣ, меъморӣ ва ибодат мансуб мебошанд, ёфтан

мумкин аст. Масалан, А.К. Писарчик менависад: «Дар вилояти Кӯлоб дар гузашта шаҳрҳои сершуморе мавҷуд буданд, ки сохтмонҳои зиёди монументалӣ доштанд (масалан, шаҳраки калон дар наздикии деҳаи Қурбоншаҳиди ноҳияи Восеъ, мазорҳо, масҷидҳои Лангар, Муъминобод, Кӯлоб). Дар баъзе ҷойҳо осори иншооти обёрӣ боқӣ мондааст» [160, с. 56].

Дар вилояти Кӯлоб муҳоҷирати ихтиёрӣ дар солҳои 40-уми асри XX ба таври густурда доман паҳн кард. Танҳо дар соли 1946 аз ҳисоби хоҷагиҳои зикргардида дар дохили вилоят 25 колхози пахтапарварӣ аз миёни муҳоҷирон таъсис ёфтанд, ки онҳо ба рушди минбаъдаи соҳаи хоҷагии қишлоқ ва таҳкими иқтисоди ин минтақа ва дар маҷмуъ, тамоми ҷумҳурӣ мусоидат карданд. Чуноне ки далелҳо собит мекунанд, дар ҳамин сол аз дохили вилояти Кӯлоб 1070 хоҷагӣ муҳоҷир гардида буд, аз ин миён 760 хоҷагӣ ба водии Вахш, 665 хоҷагӣ ба вилояти Сталинобод кӯчиданд. Илова бар ин, муҳоҷирати колхозҳои мукаммал таҷриба мешуд.

Экспедитсияи мардумшиносӣ як қатор қонунвайронкуниҳоро дар ҷараёни муҳоҷират ба қайд гирифт. Дар миёни муҳоҷироне, ки аз Ҳойит ва Ғарм ба колхозҳои ноҳияи Сталинобод, инчунин колхозҳое, ки дар дохили вилоятҳои Сталинобод ва Кӯлоб муҳоҷир гардида буданд, дар ҷойҳои маскуншуда сари вақт моликияти онҳо сабт нагардидааст, аз ин рӯ ҳодисаҳои гумшавӣ, таллаву тороҷкунӣ, дуздии чорво ва моликияти колхозҳои муҳоҷиргардида ҷой доштанд. Дар ин иртибот Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон дар фармони худ аз 27 октябри соли 1949 Вазорати кишоварзӣ, кумитаҳои иҷроияи вилоятҳои Сталинобод ва Кӯлобро қатъиян уҳдадор кард, ки дар давоми 20 рӯз тамоми чорвои ҷамъиятӣ ва моликиятро қабул, колхозҳо, тамоми чорвои ҷамъиятӣ ва моликияти колхозҳои ба ноҳияҳо ва колхозҳои пахтапарварӣ муҳоҷиршударо сабт кунанд.

Ҳалли масоили гендериро, ки ба озодии (эмансипатсияи) занон дар ин давра дахл дорад, то дараҷае аз рӯи номҳо пайгирӣ кардан мумкин аст. Масалан, дар Шурои деҳоти «Саталмуш» колхози «Овози занон» вуҷуд дошт ва аз номи он хулоса кардан мумкин аст, ки ин колхоз маҳз дар даврони инқилоби мадании замони Шуравӣ ба вуҷуд омадааст.

«Шакли муносибатҳои оилавӣ левират (ба занӣ гирифтани зани бародари фавтида) ва сорорат (ба занӣ гирифтани хоҳари зани фавтида) то инқилоб (соли 1917) ҳамчун одат ба ҳисоб рафта, дар байни аҳолии Кӯлоб ба мушоҳида мерасид. Зани бевамонда бояд танҳо ба бародари хурдии шавҳари худ ба шавҳар мебаромад, аммо марди занмурда бошад, фақат хоҳари хурдии зани худро ба занӣ гирифта метавонист. Таърихи ҳаёти оиладории мардуми Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ дар таҳқиқотҳои Н.А. Кисляков зери таҳлил амиқ қарор гирифтааст» [87, с. 69; 80, с. 64].

Хислатҳои хоси рӯзгори ин ё он ақаллияти этникӣ афзалияти қалинг нисбат ба маҳр(ия) ва ё баръакс буд. Масалан, агар ҳазораҳо ҳангоми зангирӣ барои духтар қалинг намедоданд, ҷониби шавҳаршаванда барои ҳамаи хешовандон дар деҳа бояд ҷашни тӯёна доир мекард, аммо дар балуҷҳо маъмулан, ки духтари амак ва ё тағоро ба занӣ мегирифтанд, маҳр(қалинг) чандон калон набуд.

Дар байни арабҳо қалинг нисбат ба дигар қавму қабилаҳо зиёдтар буд. Одатан, вақте ки духтар ба синни 20 мерасид, вайро хостгорӣ мекарданд, баъди ин ӯ барои худаш маҳр тайёр мекард ва аксаран дар синни 25-солагӣ ба шавҳар мебаромаданд. Маҳри арӯсони лақайдухтар калон набуд ва ҳатто ҳодисаҳое ба амал меомаданд, ки духтарони лақай умуман маҳр надоштанд [34, с.76; 87, с. 97].

Аз ҷониби экспедитсия ҳамчунин хусусиятҳои хосси истеъмоли хӯрок қайд шудааст. Дар миёни тоҷикон чунин ғизо, ба монанди нон, шир, каду ва меваҳо аҳаммияти махсус доштанд [81, с. 11].

Экспедистия, ҳамчунин, ривоят ва эътиқодоти гуногунро, ки бо тасаввуроти ҷодугарӣ-соҳирӣ ва дар бораи ҳайвонот дар байни аҳолӣ иртибот дошт, омӯхта, урфу одатҳои қадимаи аҳолиро, ки дар зодрӯзи кӯдак, тӯй ва дигар ҷашнҳои мардумӣ баргузор мешуданд, мавриди таҳқиқ қарор дод [197, с. 86]. Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти мардумшиносӣ муайян карда шуд, ки бисёр мардумони туркзабони кӯчманчӣ ва дигар гурӯҳҳои этникӣ то ибтидои асри XX анъанаҳои санъати рақсро надоштаанд.

Дар ҷануби Тоҷикистон, дар минтақаи Тагнов (ноҳияи Ш. Шоҳин) аҳолии он – тоҷикон, аз улусволии Роғи Афғонистон, ки ба истилоҳ ҳамчун «роғӣ» низ номида мешуданд, омадаанд. Ҳунарҳои занони роғӣ – дӯхтани тоқӣ, пироҳан, ҳамчунин бофтани ҷӯроб низ буд. Эҳтимолан, ба қавли А.К. Писарчик, «лархобиҳо на танҳо забони тоҷикӣ, балки ин ҳунарҳоро низ аз тоҷикон ёд гирифтаанд». [158, с. 45].

Дар охир бояд дар бораи ду гурӯҳи дигар, ки бо забони тоҷикӣ муошират мекарданд ва то инқилоб (с. 1917) ба чорводорӣ машғул буданду зиндагии кӯманчигӣ доштанд, А. К. Писарчик ёдрас мешаванд. Ин гурӯҳҳо «шомарӣ» ва «суҷонӣ» буданд. Тибқи маълумоти ҷамъовардаи экспедитсия «шомарӣ» -ҳо дар деҳаи Вории колхози «Роҳи маданӣ» -и Шурои деҳоти Кодара мезистанд. Аз сабаби мавҷуд набудани роҳи автомобилӣ экспедистия натавонист ба шурои деҳот даромада, «шомарӣ»-ҳоро бубинад. Пештар онҳо дар деҳаи Ҷилгаи колхози «Сарҳадчӣ» мезистанд, аммо ҳоло дар онҷо боқӣ намондаанд.

Дар натиҷаи экспедитсияи солҳои 1948–1949 муайян гардид, ки дар ноҳияи Ш. Шоҳин арабҳо, ки забони худро кайҳо гум кардаанду бо

забони тоҷикӣ гап мезананд, зиндагӣ мекунанд [79, с. 98]. Онҳо чунин ҳисоб мекунанд, ки аслан аҳли Саройкамаранд, аммо ба ин ҷо дар вақти кӯч бастанҳо ва баъди инқилоб омадаанд.

Дар деҳаи Даштиҷум А.К. Писарчик гурӯҳҳои зиёди бошандагони минтақаҳои гуногунеро, ба мисли «ёхсучиҳо», ки ба ин музофот дар давраҳои гуногуни тоинқилобӣ (1917) аз ҳудуди болооби Ёхсу (шимоли ноҳияи Ховалинг) кӯчида омадаанд, ба қайд гирифтааст. Ӯ мефармояд: «Дар байни онҳо «дарвозӣ»-ҳо низ вуҷуд доштанд, ки аз ҳудуди Дарвоз дар давраҳои пеш аз инқилоб (1917) кӯч бастаанд. Дар байни онҳо муҳоҷирони алоҳидае буданд, ки дар арафаи инқилоб ба ин музофот ҳиҷрат намуданд. Дар музофоти Даштиҷум муҳоҷироне буданд, ки асоси авлоди худро аз Даҳбед (деҳа дар наздикии Самарқанд) мешуморанд, ки 150–200 сол пеш, дар ибтидо дар Муъминобод сукунат мекарданд ва баъдан ба ноҳияи Даштиҷум кӯчидаанд. Ноҳияи кӯҳии дар ғарб ҳаммарз бо Даштиҷум – Муъминобод пурра маскани тоҷикон будааст. Оид ба зичии аҳолию мардумони ин маҳал аз даврони қадим ривоятҳо боқӣ мондаанд» [164, с. 41].

Дар ҷои ҳозираи шаҳраки Муъминобод гӯё ҳавзи калон воқеъ буда, дар баландиҳое, ки Муъминободро иҳота кардаанд, шаҳри сераҳолии бо номи «Шаҳри Барбар» вуҷуд дошт ва он то деҳаи имрӯзаи Эскӯлоб мерасидааст. Барбар ҳоло ҳам бо ин ном вуҷуд дорад, лекин аҳолии он хеле кам шудааст. Тибқи ривоятҳо дар ин ҳудуд, ки дарозиашро мардуми маҳал баробар ба 21 километр мешуморанд, сохтмонҳо он қадар зич буданд, ки «бузичаҳо бо бомҳои гиливу ҳамвори он гузашта (парида), метавонистанд ҳатто ба замин нафароянд» [158, с. 93].

Дар ҳудуди ноҳияи Муъминобод солҳои 50-уми асри гузашта гурӯҳҳои гуногуни кӯчманчиёни чорводор зиндагӣ мекарданд, бино бар ин, ба деҳаҳои ин ноҳия аз рӯи шуғлашон «Чорводорон» ном гузошта

шудааст. Онҳо чорвои худро ҳамроҳи чӯпонҳо ба чарогоҳҳои баландкӯҳ фиристода, худашон бо оилаву теъдоди на он қадар зиёди чорвои ҷӯшоӣ тобистонро дар доманакӯҳҳои ҳамин ҷо мегузаронданд.

Соли 1948 Институти забон ва адабиёти Шуъбаи тоҷикистонии АФ ИҶШС экспедитсияи ҷуғрофиро ба вилояти Кӯлоб фиристод [158, с. 85]. Кори этнографӣ ҳанӯз соли 1934 аз ҷониби бахши таъриху забоншиносии шуъбаи Тоҷикистонии АФ ИҶШС гузаронда шуда буд. Он вақт ин муассисаи илмӣ сафари мардумшиносони алоҳидаро ба ноҳияҳои алоҳидаи ҷумҳурӣ ташкил карда буд. Дар айни ҳол интихоби ноҳияҳо ва мавзуъи корҳо хусусияти тасодуфӣ доштанд ва ба таври назаррас (асосан) дар робита бо манфиатҳои илмии иҷрокунандагон муайян мешуд. Солҳои 1939–1940 бахши мазкур ҳамроҳи Институти мардумшиносии АФ ИҶШС ба тартиб додани монографияи дастаҷамъии «Тоҷикон» машғул шуд. Муҳаққиқони рус Е.М. Пешерева [153, с. 42] бобҳои «Либос», «Хӯрок ва нӯшокиҳои тоҷикон» ва Н.А. Кисляков боби «Муносибатҳои оилавии тоҷикон»-ро барои ин асари дастаҷамъӣ навиштанд. Мутаассифона, ин кор бо сабаби оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ солҳои (1941–1945) қатъ гардида, нотамом монд [15, лл. 13-112].

Аз ибтидои соли 1941 бахши номбурда ба Институти таърих, забон ва адабиёти филиали АФ ИҶШС табдил ёфта, минбаъд корҳои мардумшиносиро дар ҷумҳурӣ ҳамин ниҳоди илмӣ мегузаронд.

Соли 1943 Институт ба мушкилоти даврони ҷанг нигоҳ накарда, зери роҳбарии М.С. Андреев экспедитсияро муҷаҳҳаз гардонда, дар болооби Панҷ оид ба маишат ва забонҳои тоҷикони Панҷи Боло таҳқиқот гузаронд. Солҳои баъдӣ коркарди маводди ин экспедитсия дар заминаи маводди калонҳаҷми М.С. Андреев ба анҷом расонда шуд. Дар натиҷа монографияи «Тоҷикони водии Хуф» (зиёда аз 20 ҷузъи чопӣ) ба чоп омода шуд [29, с. 531; 30, с. 250]. Дар баробари ин,

Институт сафарҳои инфиродии мардумшиносонро ташкил кард. Соли 1943 мардумшиноси рус Н.Н. Ершов [74, с. 258-272; 75, с. 212-230] ба Ғарм фиристода шуд. Сарфи назар аз арзиши илмии натиҷаҳои корҳои анҷомшуда, онҳо то андозае хусусияти тасодуфӣ дошта, ба як нақшаи ягона тобеъ гардонда нашуда буданд. Чунин вазъ ба андозаи маълум натиҷаи он буд, ки Институт дар ҳайати худ воҳиди кории мардумшинос надошт, бинобар ин маҷбур буд, ки ҳамаи корҳои дар боло зикршударо бо қувваи кормандони илмии аз берун ҷалб шуда ё олимоне, ки дар асоси шартнома ва ҳамзамон дар ягон ҷои дигар фаъолият мекарданд, анҷом диҳад.

Соли 1948 Институт бо ташаббуси М.С. Андреев вазифа гузошт, ки ба таври мунтазам ва муназзам таҳқиқи мардумшиносии Тоҷикистонро ташкил кунад. Ин ташаббусро мақомоти роҳбарикунандаи Тоҷикистон дастгирӣ кард. Дар Институт кабинети мардумшиносӣ ва бостоншиносӣ ташкил шуд, ҳарчанд ҳамагӣ чанд воҳиди корӣ дошт.

Ин кабинет ба татбиқи корҳои ба нақшагирифта шуруъ намуд. Дар айни ҳол бори нахуст дар Тоҷикистон зарурати таҳқиқи мардумшиносии ҳаёти маишии халқҳои Тоҷикистон ба роҳ монда шуд. Ба ғайр аз ин, ба кабинет ташкили базаи ояндаи осорхонаи мардумшиносӣ ва бостоншиносӣ вогузор карда шуд.

Экспедитсия дар ҳайати ҳафт нафар фаъолият мекард: номзади илмҳои таърих А.К. Писарчик (роҳбар), се корманди илмӣ – Б.Х. Қармишева, Н. Нурҷонов, М. Раҳимов, инчунин се лаборанти факултаи шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Ленинград Ф. Алтшулер, Л. Антонова ва З.А. Широкова. Экспедитсия бояд аввал ба Сталинобод, баъдан ба Кӯлоб ва аз Кӯлоб ба Муъминобод мерафт ва дар ин ҷо таҳқиқотро дар деҳшуроҳои Ҷавзодара, деҳаи Лангар то марзи ноҳия

мегузаронид. Дар марҳилаи охир таҳқиқот дар Сари Хосор ва Сталинобод сурат мегирифт.

Барои маводди ҳаёти маишии тоҷикони вилояти Кӯлоб то давраи инқилоб қадимияти шаклҳои зиёди урфу одатҳои дар миёни аҳолӣ роиҷ ва ашёи кӯҳнаи маданияти моддӣ хос аст. Ин бо он шарҳ дода мешавад, ки дар гузашта аҳолии Кӯлоб ба таври назаррас дар бунбаст зиндагӣ мекард.

Хатари сафарҳои дур бо вазъияти номӯътадил дар кишвар аз ҷониби ҳукуматҳои маҳаллӣ вобаста буд. Ба ҳамин сабаб сокинони маҳаллӣ кӯшиш мекарданд аз сафарҳои дур худдорӣ кунанд. Масалан, соли 1895 як оила хост аз Муъминобод ба Ҳисор кӯчад, аммо тамоми авлод инро бадбахтии бузург шумориданд, занҳо гиря мекарданд, то хуншор шудан мӯю рӯ мекананд, хешовандон розӣ карданӣ мешуданд, ки сардори оила аз ин нияташ баргардад. Ниҳоят, ӯ тан дод ва ба ин хотир як гову як гӯсфандро қурбон карданд [158, с. 85].

Баъди инқилоб бо барқароршавии роҳи автомобилӣ бо маркази ҷумҳурӣ бунбаст барҳам дода шуд. Аксарияти минтақаҳои дурдаст бо маркази вилояти Кӯлоб пайваст шуданд. Ба ин ҳамчунин ташкили колхозҳо ва совхозҳо мусоидат кард ва дар натиҷа афзоиши аҳолӣ сурат гирифта, муттаҳид шудани заминҳои деҳқонӣ ба амал омад. Сафарҳои намояндагони зиёди колхозу совхозҳо ба Сталинобод шуруъ гардид.

Ба вазифаҳои экспедитсияи мардумшиносӣ ҳамчунин ҷамъоварии мавод дар бораи зироаткорӣ ва урфу одатҳои зиёд дар вилояти Кӯлоб [167, с. 23], ки дар гузашта ҳаёти хоҷагидории тоҷикони ин минтақаро ҳамсафарӣ мекарданд, дохил мешуд. Дар давраи сохтмони колхозӣ ва совхозҳо онҳо бо мошинҳои аграрӣ ва кишоварзӣ иваз шуданд. Дар давраи тоинқилобӣ қариб тамоми минтақаҳои вилоят асосан ба кишти ғалладона машғул буданд ва заминҳои лалмӣ афзалият доштанд. Хусусияти зироаткорӣ, тарзи коркарди замин, олоти меҳнат, таркиби

зироатҳои киштшаванда ва нигоҳубини онҳо муайян гардид. Зироатҳои афзалиятнок дар заминҳои лалмӣ ғалладонагиҳо ба шумор мерафтанд. Заминҳои лалмӣ, заминҳои нопурра бартарият доштанд. Барои давраи тоинқилобӣ як қатор усулҳои қадимии коркарди замин ва олоти қадимӣ қайд гардиданд.

Баъди инқилоб (1917), алалхусус, баъди ташкилшавии колхозҳо ва совхозҳо, азхудкунии минтақаҳои азими замин дар ноҳияҳои ҷануби вилоят, ки пештар ботлоқу қамишзор буданд, оғоз гардид. Ботлоқҳои хушкшуда ва заминҳои аз қамиш тозагардида майдонҳои зиёди ҳосилхези обиро, ки барои кишти пахта истифода мегардиданд, ташкил доданд. Заминҳои иловагӣ аз ҷониби аҳолии маҳаллӣ, яъне муҳоҷирони ноҳияҳои кӯҳистонӣ, асосан аз шимол ва шарқи ҷумҳурӣ омада, коркард мешуданд. Дар кӯҳистон ба сабаби шароити сахти табиӣ хоҷагиҳо фоидаи зиёд намеоварданд.

Аз урфу одатҳои кӯҳнаи зироаткорӣ ҷашни анъанавии кишти якум дар ёди аҳолӣ хуб боқӣ мондааст. Ин ҷашн баҳорон таҷлил мегардид, аммо дар ноҳияҳои таҳқиқшаванда экспедитсия муайян кард, ки онро тирамоҳ ҷашн мегиранд. Эҳтимолан ин бо он шарҳ дода мешуд, ки қисми зиёди донагиҳоро тирамоҳ мекоштанд. Экспедитсияи Яғноб тасаввуроти қадими тоисломиро дар бораи руҳи майдон, ки дар вақти анҷоми дарав мемурад, қайд кард. Ин даравгаронро маҷбур мекард, ки азоб (дарду ранҷи) майдонро тулонӣ накунад, зеро мувофиқи эътиқодҳо гунаҳкоронро тавассути дарди камар ҷазо медод. Дар бораи ин боварҳо ҳанӯз дар охири солҳои 20-уми асри гузашта М.С. Андреев дар таҳқиқоти худ қайд кардааст [24, с. 121-140].

Ҳамин тариқ, дар ноҳияҳое, ки зироатҳои полезӣ кишт мешуданд, борон барои гирифтани ҳосил аҳаммияти асосӣ дошт. Дар миёни тоҷикони тоинқилобӣ маросими дархости борон, ки дар он чеҳраи асосии амалкунанда зани зинда ва ё хӯсаи либоси занона пӯшида –

«ашагулон» буд, аҳамияти калон дошт. Аз ин лиҳоз, онҳо ҳамаи хонаҳоро мегаштанд ва аз «ашагулон» хоҳиш мекарданд, ки борон фиристад. Иштирокчиёни ин маросим болои ҳамдигар ва ашагулон об мепошиданд, ҳамчунин кӯшиш мекарданд ягон нафарро ба об партоянд. Маҳсулотҳои хӯрока, ки аз ҳар як хона дода мешуд, ҷамъ мекарданд ва аз он барои тамоми ҷомеа хӯрок мепӯхтанд ва ин маросим бо дуо ба ҳомии кишоварзон – Бобои деҳқон бобати фиристодани борон анҷом меёфт [158, с.87; 150, лл.1-4].

Нақши зиёд надоштани заминҳои обӣ дар ноҳияҳои таҳқиқшавандаи кӯҳистонӣ, ки имрӯз ҳам фоизи ночизи тамоми заминҳои обиро ташкил медиҳанд, ба мавҷуд набудани анъанаҳое, ки бо обмонии якум ва умуман бо обёрӣ дар миёни сокинони кӯҳистон ва водиҳои Тоҷикистон, ки дар онҳо заминҳои обӣ бартарӣ доранд, вобаста мебошад.

Дар он ҷойҳое, ки экспедитсия сафар кард, ба пурсуҷӯйи дақиқ нигоҳ накарда, муҳаққиқон муваффақ нашуданд дар мавриди мавҷудияти тасаввуроти гузаштаи аҳолӣ оид ба тақсим кардани тамоми об ба «мардона» ва «занона» , ки дар миёни сокинони ноҳияҳои водӣ ва кӯҳистонии дорои зироати обӣ васеъ паҳн гардида буд, муайян намоянд. Чунон ки маълум аст, оби «мардона» оби борон ва оби дарёҳои кӯҳиро мегуфтанд, ки аз обшавии барф ва яххо ташкил мешуд, аммо оби «занона» оби манбаъҳо ва чашмаҳо ҳисоб мешуд.

Маводди ҷолиб барои таҳқиқотро экспедитсия роҷеъ ба арзиши замин дар ноҳияи Муъминобод, ки то инқилоб на бо пул, балки бо пораи (тикаи) матоъ нархгузорӣ мешуд, ҷамъ меоварад [158, с. 91].

Экспедитсия намудҳои гуногуни чорворо, ки дар миёни сокинони ноҳияҳои вилояти Кӯлоб маъмул буданд, ташреҳ медиҳад. Аз ҳамаи чорвоҳо дар байни тоҷикон бештар гӯсфанд соҳиби иззат (соҳибэҳтиром) будааст. Инчунин, аҳолии вилоят асп ва уштурро

эҳтиром мекарданд. Гушти уштур, бузи кӯҳӣ ва моҳӣ дар миёни тоҷикон он қадар муқаддас ҳисоб мешуд, ки инсоне, ки онро мехӯрд, гӯё гуноҳи чилрӯзааш мерехт.

А.К. Писарчик манзили сокинони Қаротегину Дарвоз ва вилояти Кӯлобро низ таҳқиқ кардааст. Ӯ ҳамроҳи кормандони экспедитсия зиёда аз 20 тарҳи (нақшаи) манзили тоҷикони вилояти Кӯлобро пайдо кард. Дар бештари маврид инҳо сохтмонҳои начандон калоне буданд, ки бо қамишҳои дуқабата ё «чӯбтора» каме ба як ё ду тараф (моил) каҷ хобонда, пӯшонида мешуданд, ки онро «бонг/бунг» меномиданд [157, с. 87].

Дар як қатор маҳалҳои ноҳияи Муъминобод, аз ҷумла, дар деҳаи Лангари деҳшӯрои Кишиндара ва деҳаи Гулистони ноҳияи Ховалинг бонгҳои қамишӣ сохта намешаванд, зеро зимистон барфи болои онҳоро тоза кардан мумкин нест, дуюм, дар маҳалҳое, ки шамоли сахт мевазад (алалхусус, дар Лангар), чунин рупӯшҳоро шамол канда мебарад. Бонгҳое, ки рӯпӯши қамишӣ доранд, зуд оташ гирифта месӯзанд. Аз оташи чагдоне, ки маъмулан дар дохили манзил канда мешуд, имкон дошт шарорае (оташаке) ба сақф расад ва дар натиҷа сӯхтор ба амал ояд. Бино бар ин, аҳолӣ бештар бомҳои хонаҳои худро аз лой месохтанд.

Дар деҳшӯроҳои кӯҳистон экспедитсия зери роҳбарии А.К. Писарчик хонаҳои калонеро пайдо кард, ки андозаашон 6х7 м ва аз ин ҳам калон буданд. Ин маҳалли зисти хонаводаҳои калоне буд, ки чандин даҳсола қабл ҷудо нашуда, якҷо мезистанд. Чунон ки А.К. Писарчик қайд мекунад: «Ҳамаи манзилҳои ин шаклро, ки экспедитсия дид, ба асри XIX тааллуқ доштанд». Сохтори дохилии баъзеи ин хонаҳо чунин аст, ки тахтҳои чӯбӣ дар деворҳо насбшуда аз сохтори хонаҳои маъмулии муосир дар вилояти Кӯлоб фарқ карда, ба хонаҳое, ки Н.А. Кисляков дар водии Хингоб тасвир мекунад, монанд мебошанд [88, с.

161]. Дар ин хонаҳо намудҳои оташдон ва бухориҳо қайд мешаванд. Аз ҳама бештар оташдонҳое паҳн шуда буданд, ки дар шакли чоҳ дар фарши хона канда шуда, бо гилу коҳ андова мешуданд.

Аксаран аз чоҳ ба сӯйи пойгаҳи дар ҷӯйча (мӯрӣ) меравад, ки ба ҳайси дудбаро хизмат мекунад. Аммо дар як қатор хонаҳо, алалхусус, дар деҳаҳои кӯҳистон хонаҳо мӯрӣ надоранд. А.К. Писарчик дар деҳшуроҳои кӯҳистонии Ховалинг ва Сари Хосор танӯрҳоеро мебинад, ки дар болояшон лаба барои гузоштани дег ва байни гӯшаҳошон мӯрӣ барои ҳаводарой доранд. Муҳаққиқ тағйироти назаррасро дар хонаҳо ва муҳити он мебинад, ҳатто дар ноҳияҳои дурдаст вобаста ба талаботи афзояндаи фарҳангии аҳолӣ, ворид шудани масолеҳи нави сохтмонӣ, ашёи рӯзгори фарҳангӣ ва пайдо шудани хонаҳои гарми бухордор, тирезаҳои шишадор, мебел, радио ва ғайраро қайд мекунад [156, с. 137; 157, с. 69].

А.К. Писарчик дар масъалаи ғизо низ таҳқиқот анҷом медиҳад, ки натиҷаи он ба таҳқиқотҳои Н.А. Кисляков оид ба хӯришҳои мардуми Кӯлоб, Қаротегин ва Дарвоз мувофиқ мебошад. Дар ин мушоҳидаҳо хусусияти умумии реҷаи ғизохӯрии ноҳияҳои таҳқиқшуда ва таркиби хӯрокҳои маҳаллӣ, инчунин маҳсулоти наве, ки дар даҳсолаҳои охир ба истеъмолот ворид гардида буданд, зикр мешавад. Бисёр маҳсулоти дар гузашта васеъ паҳнгардида, ки то ҳол ҳифз шудаанд, аз ҷумла, донагиҳо, сабзавот, меваҳо дар рӯйхати алоҳида аз ҷониби муҳаққиқон қайд гардидаанд.

Қайд кардан лозим аст, ки дар фонди захиравии Осорхонаи антропология ва мардумшиносии ш. Санкт-Петербурги Россия солҳои 1936–1953 Н.А. Кисляков як қатор маҳсулоти мевгии хушкшуда, ба мисли тут, чормағз, мавиз, писта, бодом ва ғайраро ба намоиш мегузорад. Ин маҳсулоти ғизоии тоҷикони кӯҳистони ҷануби Тоҷикистони дар фонди ин осорхона ҳамчун коллексия таҳти рақамҳои

№№ 1163, 1192, 1169, 1174, 1178, 1181, 1185, 1187 маҳфузанд. Барои тоҷикон зиёфати меҳмонон масъалаи ифтихорӣ на танҳо барои соҳибхона, балки барои хешовандон низ мебошад. Баъди чой ба ҳар як меҳмон дар коса шӯрбо пешкаш мекунанд. Ҳамсояҳо ҳамроҳи худ хӯрокҳои гуногун ва нон меоранд. Зиёфат бо нон ва дигар намуди хӯрокҳо маънои таҳкими иттиҳод байни оилаҳоро дорад. Аз миёни маҳсулоти ширӣ, аз ҳама бештар ҷурғот серистеъмол мебошад. Аз ширу каду ширкаду мепазанд [89, с. 34].

Ягон ҷашни миллии тоҷикон бе маҳсулоти гуногуни аз орд пухташуда намегузарад. На танҳо ғизои ҷашнӣ, балки ғизои ҳамарӯзаи тоҷикон ҳам бидуни маҳсулоти ордӣ пухта намешуд. Дар баробари пухтани хӯрокиҳо аз орди гандум, хӯрокҳое омода месохтанд, ки дар дигар фаслҳо онро бисёр истеъмол мекарданд. Мо шоҳиди тайёр намудани яке аз ин хӯрокҳо – «*нашоиста*» шудем, ки аз гандум омода мешавад. Гандумро дар муддати се рӯз зери об мегузоранд ва пас аз тар шудани он ҳар рӯз онро обгардон намуда, сипас дар табақи калон онро ҷабида, шираи баромадаи гандумро аз дока полонида, то хушк шуданаш зери офтоб мегузоранд. Аз шираи хушкшудаи гандум «*нашоиста*» омода мешавад, ки онро бо шир ва маска дар ҳама фаслҳо истеъмол мекунанд, ҳатто барои баъзе бемориҳо низ истифода мешавад [229].

Дар дастархони анъанавии тоҷикон хӯрокҳои гуногун аз орд аст, ки аз давраҳои қадим эҳтиром мешаванд. Масалан, нонро муҳофизи инсон ҳисоб мекарданд. Аз ин рӯ, онро дар зери болишти кӯдакони навзод мегузоштанд, инчунин ҳангоми аз хона баромадан ба роҳи дур ё шабона ҳангоми танҳоӣ ҳамроҳи худ нон мегирифтанд.

Тоҷиконе, ки дар ноҳияҳои кӯҳистони вилояти Кӯлоб зиндагӣ мекарданд, аз хамири туршшуда ва орди гандумӣ фатир мепухтанд, ки

андозааш аз нони ғафс калонтар буд. Дар тӯй ва ҷашнҳои миллӣ тоҷикон кулча мепазанд.

А.К. Писарчик дар таҳқиқоти худ менависад: «Дар Кӯлоб каду аз рӯи аҳаммият ба нон баробар ҳисобида мешуд ва ба он эҳтиром гузошта мешавад. Ҳар нафаре, ки вориди хонаи касе мешуд, албатта маззаи кадуро ночашида намебаромад. Инчунин, ба намак низ эҳтиром гузошта мешуду ба номи он ҳатто қасам мехӯрданд». [158, с. 25]. Тибқи иттилои олими мардумшинос Н.А. Кисляков «Дар ноҳияҳои кӯҳистони Тоҷикистон, аз ҷумла, Бадахшон, Дарвоз, Рашт, Кӯлоб дар тӯй ба ғайр аз дигар хӯрданиҳо ҳатман қадмол, чапотӣ, кулча ва ҳалво мепазанд. На танҳо дар тӯйҳо, балки дар арафаи ҷашнҳои милливу динӣ орзуқ, шӯрбо, оши палав, нон ва қадмол пухта мешавад. Дар Рашт ва Дарвоз дар тӯй, агар он дар оғози тобистон мегузашт, оталаи моделро аз алафи модел ва оталаи ровро бо алафи ров тайёр мекарданд, ки яке аз анъанаҳо (маросимҳо)-и «хӯроки тӯёна»-и тоҷикон мебошад, ки он ба хӯроки ҷамъиятӣ тааллуқ дорад. Ин бо марҳилаҳои маросими тӯй иртибот ва маънои рамзии худро дошта, ба нон алоқаманд аст» [89, с. 238].

Дар ҳар маросим шириниҳои аз орд пухташуда ва хӯрокҳоро хос омода менамуданд. Маросими бештар паҳншуда «ноншиканӣ» буда, ҳангоми маслиҳати пешакӣ роҷеъ ба никоҳ маҳз бо шикастани нони миллӣ ва кулчае, ки «шаҳ» меовард, мустаҳкам мешуд. Дар баробари ноншиканон маросими «сарупобарон», ки ба мисли тӯйи хурд дар хонаи арӯс, ки ҳар гуна хӯрокҳо аз орд мепӯхтанд, ҷашн гирифта мешуд [87, с. 143].

Соли 1945 А.К. Писарчик дар Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна бомуваффақият рисолаи номзадиро зери унвони «Манзилҳои истиқоматии Самарқанд ва масҷидҳои маҳаллаӣ дар асрҳои XIX–XX»

ҳимоя намуд. Рисола заминаи асосии китоби «Меъмории халқии Самарқанд дар асрҳои XIX–XX» гардид, ки соли 1974 чоп шуд.

Солҳои 1951–1965 А.К. Писарчик роҳбари бахши мардумшиносии Институт буд. Натиҷаи фаъолияти ӯ ва Н.А. Кисляков китоби сеҷилдаи «Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз» буд, ки зери таҳрири Н.А. Кисляков ва А.К. Писарчик нашр гардид (1966, 1970, 1976) [89].

Соли 1967 А.К. Писарчик бо унвони «Ходими хизматнишондодаи илми ҶШС Тоҷикистон» сарфароз гардид. Ӯ муаллифи қариб 60 китоб ва мақола, инчунин муҳаррири асарҳои зиёди илмӣ оид ба мардумшиносӣ буд. Шояд шахсияти А.К. Писарчикро ҳамчун олим суханони М.Е. Массон, ки ҳангоми ҳимояи рисолаи ӯ ба ҳайси муқарриз гуфта буд, аз ҳама равшантар тавсиф кунанд: «А.К. Писарчик кайҳо боз мутахассис ва муҳаққиқи эътирофшуда ва олими мардумшинос мебошад ва ташаббускориву истеъдоди ӯ бо инсофи баланд ва коршоямии истисноии муҳаққиқи ҷамъовари ба кори худ содиқ мувофиқат мекунад» [65, с. 82].

Ҳамин тариқ, муҳаққиқон Р.Л. Неменова ва А.К. Писарчик оид ба масъалаи масоили мардумшиносӣ ва фарҳангии аҳолии Варзоб бо вилоятҳои Ғарму Кӯлоб таҳқиқоти муҳим анҷом дода, паҳлӯҳои гуногуни тарзи зист, урфу одат, эътиқод, оиладорӣ, маданият ва маърифати зиндагии ниёгони тоҷикон дар осори илмии онҳо инъикос ёфтааст. Хусусан, омӯзиши таркиби этникии аҳолӣ ва муҳоҷират, манзили зист ва хоҷагидории сокинони Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг ва Рашт аз тарафи муҳаққиқони рус барои равшан гардонидани баъзе нуқтаҳои таърихи халқи тоҷик хеле бамаврид мебошад. Дониши васеи густурдаи илмӣ, шиносоии дақиқ бо манбаъҳои таърихии хусусияташон мардумшиносӣ ба таври фаъол ҷорӣ кардани методҳои мардумшиносӣ ҳангоми омӯзиши маводди саҳроӣ, инчунин тарбияи насли мутахассисони нав ба мардумшиносони рус имкон дод, ки на танҳо

мактаби мардумшиносии Тоҷикистонро ташаккул диҳанд, балки онро ба мавқеи пешсаф бароранд.

# БОБИ 2. ИНЪИКОСИ ҲУНАРҲОИ МАРДУМӢ ВА ФАРҲАНГИ ЛИБОСИ АНЪАНАВИИ СОКИНОНИ ТОҶИКИСТОНИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБӢ ДАР ОСОРИ МАРДУМШИНОСОНИ РУС

## 2.1. Омӯзиши ҳунарҳои мардумӣ дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 26-уми декабри 2018 солҳои 2019-2021-ро «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон карданд. Ин иқдоми Пешвои миллат барои эҳёи ҳунарҳои мардумӣ дар саросари кишвар мусоидат кард.

Таҷассуми ҳунарҳои миллӣ дар ороиши сару либос, ҷиҳози хона, муҳити зист ва ғайра мушоҳида мешавад. Масалан, барои омӯзиши таърихи либос асарҳои санъати тасвирӣ, меъморӣ, адабиёт, ҳуҷҷатҳои таърихие, ки зиндагии маишии мардум ва фарҳанги давраҳои гузаштаро инъикос месозанд, сарчашмаҳои асосӣ ба ҳисоб меравaнд. Шакл ва хусусияти сару либос дар ҳама давру замон фарҳанги маънавии халқ, урфу одат ва муносибати мардумро ба ин ё он падидаву ҳодиса нишон медиҳад. Тағйири шаклу намуди ҳамаи навъҳои либоси миллӣ ба хусусияти ин ё он минтақа вобаста аст. Аз ин рӯ, омӯзиши либоси миллӣ ва тағйири шаклҳои он робитаи либосро бо таърихи этникии миллӣ ошкор месозад.

Дар замони мо як қатор амалҳое, ки пештар дастӣ иҷро мешуданд, тавассути компютер тарҳрезӣ мешаванд ва сокинону аҳолии Тоҷикистон аз дастовардҳои ҷаҳони муосир бархӯрдор мегарданд, аммо набояд фаромӯш кард, ки ҳунари анъанавии тоҷикон аз куҷо сарчашма гирифтааст ва корҳои эҷодии ҳунармандон бо кадом технология офарида мешаванд. Гузашта аз ин, тоҷикон бояд аз

анъанаҳои ҳунармандии халқи тоҷик огоҳ бошанд. Зарур аст, ки дар таълими фанҳои тахассусӣ, аз қабили кандакорӣ, гаҷкорӣ, наққошӣ, кашидадӯзӣ, кундалрезӣ, армуғонсозӣ ва ғайра, анъанаҳои миллии халқамон самаранок истифода шаванд. Масалан, табақтарошӣ яке аз ҳунарҳои суннатии тоҷикон аст, ки ба сохтани табақ, кафлесу қошуқ ва дигар зарфҳои чӯбӣ марбут мебошад. Дар замони муосир тадқиқоти илмӣ дар соҳаи тарбияи ҷавонон бо назардошти таълими ҳунарҳои мардумӣ мавқеи назаррасро ишғол мекунад. Ҳадафи олимон баҳодиҳӣ ва таҳлили рушди ҳунармандӣ ва таъсири он, ба ҷавонон омӯзонидани ҳунарҳои аҷдодӣ, бо такя ба онҳо ташаккул додани ҳунарҳои наву муосир мебошад.

Агар ба таърихи халқи тоҷик назар афканем, пас маълум мегардад, ки аҷдодони мо ҳанӯз дар даврони палеолит соҳиби касбу ҳунар буданд. Дар он давра намудҳои хоси олоти сангӣ, усули коркард ва истеҳсоли онҳо вуҷуд доштанд.

Солҳои 50-уми асри XX таърихнигорони рус Б.А. Литвинский ва Е.А. Давидович [95, с. 43] дар харобаҳои Ҳулбук – маркази Хатлонзамин таҳқиқотҳои бостоншиносӣ гузаронида, аз таърихи пайдоиши санъат, касбу ҳунар ва шуғлҳои дигари сокинони Ҳулбук дар асрҳои миёна воқиф гардиданд. Дар осори шаҳри Ҳулбуқ, ки тибқи маълумоти муаррихон 280–300 га-ро ташкил медиҳад, тамоми осори ҳунарҳои мардумиро вохӯрдан мумкин аст. Тарзи сохти меъморӣ, композитсияи пай дар пайии он, мавқеи ҷойгиршавии ҳавзи шиноварӣ, толори қабули меҳмонон, мавқеи манораҳои дидбонгоҳҳо, ибодатхона, ҳарамсарой, манзили ҷойгиршавии санъаткорон, ошхона, чоҳҳои об, қубурҳои зеризаминии обпартобҳо таваҷҷуҳи бинандаро ба худ ҷалб менамоянд.

Ҳунарҳои дӯзандагӣ, ресмонбофӣ, бофандагӣ, қолинбофӣ, кашидадӯзӣ, истеҳсоли матоъ, абрешим ва ғайраҳо дар байни мардуми тоҷик мақоми хосаеро дорад. Муҳаққиқи рус А. Шишов дар китоби

«Тоҷикон» оид ба истеҳсоли матоъҳои пахтагин ва абрешими қаламӣ, сарандоз, хоса, панҷа, тибит, дока, пари пашша, басма, адрас ва гулчамбар маълумот овардааст. Бино бар иттилои ӯ «дока матои ҷафси пахтагинест, ки риштаҳои он дар ҳудудҳои зисти тоҷикон дар Қаротегин, Дарвоз, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа тайёр карда шуда, онро барои фурӯш ба Самарқанду Бухоро ва Хева мебурданд. Дар байни занони синну соли миёна ва аз ин болои минтақаи Кӯлоб то ба ҳол аз матои дока рӯймол тайёр карда, онро дар тобистони гарм ба сар мепӯшанд» [240, с. 247].

Мардумони қисми ҷануби Тоҷикистон дар бофту дӯхти навъҳои либос ва таҳияи маводди он тавассути гулдӯзиҳо, хусусан, чакандӯзӣ эътироф гардида, дар байни дигар мардумони на танҳо Осиё, балки Аврупо машҳур мебошанд. Дар «Фарҳанги тафсири забони тоҷикӣ» (таҳти назари С. Назарзода) ифодаи «чакан» – навъе аз кашидадӯзӣ, ки бо абрешими ранга дар матоъ ва ғайра нақш медӯзанд, маънидод шудааст. Чакандӯзӣ яке аз намудҳои санъати бадеӣ–амалӣ, ҳамчун шакли ҳунари бадеӣ, яке аз навъҳои гулдӯзӣ ба ҳисоб меравад. Калимаи «чакан»-ро бо калимаҳои чеканит, чеканкаи русиву чакомаву чакомаки авестоӣ алоқаманд мекунанд» [230].

Санъати чакандӯзӣ ин ҳунари хосси на танҳо мардуми вилояти Хатлон ва ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб мебошад. Ба сурати офтоб ё моҳи нима косагулҳои чакан дар кашидадӯзиҳои бардеворӣ ё худ сӯзаниҳои мардуми Самарқанд, Бухоро, Истаравшан, Дарвоз, Ванҷ, Вахиё, Рашт, Кӯлоб, Ховалинг, Сари Хосор, Фархор дар нақшҳои лаби остину лаби домани либосҳои занонаи тоҷикони Шуғнон, Ишкошим, водии Бартанг ва Рӯшон низ бо тобиши хосса акс ёфтаанд. Дар мавриди тарзи дӯхти либосҳои занона ва каллапӯшҳои мардонаи тоҷикони ин воҳаҳо дар таҳқиқотҳои муҳаққиқони рус М.С. Андреев [29, с. 123; 30, с. 89] А.К. Писарчик [161, с. 76], Н.А. Кисляков [86, с. 291], А.З. Розенфелд [178, с.

81], Е.М. Пешерова [153, с. 44], З.А. Широкова [202, с. 45] маълумотҳои зиёд оварда шудааст.

Дар ҳар хонадони тоҷик дар арафаи тӯйҳои арӯсӣ ба тайёр кардани сару либоси тӯёнаи духтарон, аз қабили сачоқҳои гулдӯзӣ, бардеворихо, болиштҳои гулдӯзикардашуда, пардаҳои гулдӯзишуда омодагии хос мегирифтанд. «Дар сачоқҳои гулдӯзикардашуда расми товус, саъба, кабк, хурӯс, кабӯтар, гунҷишкро мебинем, ки онҳо ба минтақаҳое, ки ин паррандаҳо зиндагӣ мекунанд, мутааллиқ мебошанд» [86, с. 291]. Дар ноҳияҳои кӯҳистони ҷануби Тоҷикистон тоқиҳои мардонаи чакандӯзӣ ба куллӣ аз якдигар тафовут доранд. Масалан, тоқии кӯлобӣ аз тоқии раштию дарвозӣ ва бадахшӣ на танҳо бо сабки дӯхт, балки бо интихоби матои он низ фарқ мекунад.

Дар таҳқиқотҳои З.А. Широкова оиди тарзи дӯхт ва интихоби матои тоқиҳои кӯлобӣ, аз ҷумла, «арақчин» дар муқоиса бо намуди тоқиҳои мардумони шимоли Тоҷикистон маълумотҳои дақиқ оварда шудааст [199, с. 45].

Пӯшидани куртаи чакан дар тӯйҳои арӯсӣ, идҳои «Наврӯз», «Меҳргон», «Сада» – эҳтиромгузорӣ ба фарҳанги гузаштаву имрӯзаи пурғановати халқи тоҷик буда, дар он ҳисси ватанпарварӣ, хештаншиносӣ ва ифтихори миллати тоҷик дида мешавад. Чакан либоси рамзии миллии тоҷикон мебошад, ки он то ҳол дар пироҳанҳои занонаи тоҷикони Бухоро, Самарқанд ва Бадахшон низ дида мешавад. Тибқи таҳқиқотҳои муаррихон, дар ибтидо чакан мазмун ва хусусияти динӣ доштааст, аз ҷумла, нақшҳои офтоб, моҳ, ситораҳо, оташ, ҷонварону растаниҳои муқаддас ва амсоли онҳо пас аз густариши дини ислом дар чакан тасвири одамону ҷонварон аз байн бурда шуда, нақшҳои салиби шикасата, оташ, офтоб, растаниҳо бар ҷо монда ва бо мурури замон моҳияти динии худро гум карда, ба нақшҳои беном табдил ёфтаанд. Нақши себарга дар чакандузӣ мавқеи асосиро ишғол

мекунад, ки он дар поҷомаҳо, шерозҳо ва остинҳои куртаҳои занона ороиш дода мешуданд. Себарга буттаи ҳамешасабз буда, баргҳои он сӯзаншакланд ва нақши он барои чакандӯзӣ ва ороиши рӯйҷои арӯсӣ истифода мебурданд.

Агар мо пироҳанҳои занони тоҷикони шимолро ба пироҳанҳои қисми ҷануби Тоҷикистон муқоиса намоем, маълум мешавад, ки онҳо аз якдигар фарқи калон доштанд. Занони қисми ҷануби Тоҷикистон ба пироҳанҳои идона, тӯёна ва рӯзмарра гул партофта, онро сӯзанидӯзӣ мекарданд. Дар қисми шимоли Тоҷикистон бошад, гиребон ва домани куртаҳо гулдӯзӣ карда мешуданд.

Гулдӯзӣ яке аз навъҳои санъати ороишӣ буда, чун ҳунари баланди зебоипарастии мардуми тоҷик шинохта шуда буд. Ин намуди санъати ороишӣ аз ҳунарҳои қадимии занона буда, дар рӯи матоъҳои гуногун аввал қаламкашӣ ва баъдан гулдӯзӣ карда мешуд. Дар замонҳои қадим косибон ва ҳунармандони тоҷик барои тайёр кардани куртаҳои чакан аз матоъҳои махсус ва риштаҳои гуногун – сафед, зард, сабз, сурх, бунафш, гулобӣ, осмонӣ, хокӣ ва ҷигарӣ истифода мебурданд.

То ҳол дар минтақаи Кӯлоб, Фархор, Муъминобод, Ховалинг, Шамсиддин Шоҳин, Даштиҷум, Рашт, Дарвоз занҳои ба чодару бардевориҳо қалам мезадагӣ бо ҳунари қаламкашиашон машҳур мебошанд. Қаламкашҳо чун харитасозон дар вақти қалам задан ё қалам кашидан дар болои ин ё он матоъ устокорона ҳатто маҳалли истиқоматии худро нишон медиҳанд. Масалан, дар деҳаи Ҷавзодараи ноҳияи Муъминобод бо зани 86-сола, ки бо номи Сафаргули Қаламкаш маъруф аст, вохӯрдам. Дар суҳбат момаи Сафаргули Қаламкаш гуфт, ки ӯ «ба омӯхтани ҳунари қаламкашӣ аз синни 11 солагӣ оғоз карда, онро аз бибикалонаш омӯхтааст» [236]. Дар ноҳияи Ҳамадонии вилояти Хатлон бошад, бо Бибигули Қаламкаш, ки синнаш ба 78 расидааст, вохӯрдам, ки ӯ низ дар суҳбат гуфт, ки «ҳунари қаламкаширо ӯ аз

модараш, ки ба пироҳанҳои чакан, болишт, бардеворӣ, пардаҳо ва сачоқҳои рӯйпоккунӣ нақш мезад, омӯхтааст» [235].

Оид ба дӯхтани сачоқҳои рӯйпоккунии арӯсӣ, бофтани рӯбандҳои тоҷикони Қаротегину Кӯлоб мардумшиноси рус Н.А. Кисляков ва З.А. Широкова дар таҳқиқотҳояшон овардаанд [86, с. 291; 196, с. 98; 198, с. 89]. Сӯзаниҳои водии Кӯлобро чодар ё бардеворӣ мегӯянд ва он аз косагулҳои калони давродавр (аз 12 доираи хурд) иборат мебошад. Косагул шабеҳи офтоб аст ва доираҳои дигар шабеҳи 12 моҳи сол мебошанд. Ин офтоби муқаддасест, ки ниёгони мо аз давраи гаравидан ба кеши зардуштӣ онро гиромӣ медоштанд ва мепарастиданд. Дар чодарҳои арӯсии мардуми Кӯлоб осори қадимаи нақшунигори матои бохтарӣ мушоҳида мешавад.

ЮНЕСКО – Бунёди маориф ва илму фарҳанги Созмони Милали Муттаҳид дар ҷаласаи солонааш дар мавриди нигораҳои «Чакан» навъи гулдӯзии тоҷиконро ба «Феҳристи мероси ғайримоддии фарҳанги ҷаҳонӣ» дохил кард, ки дар ин бора Раёсати созмон 29 ноябри соли 2018 хабар дод.

Дар ҳавзаи Кӯлоб вожаҳои чакан, сӯзанӣ, гулдӯзӣ, бахядӯзӣ синоними ҳамдигар буда, дар сарчашмаҳои таърихӣ бештар бо номи гулдӯзӣ шарҳ дода мешавад. Дар ҳавзаи Кӯлоб гулдӯзиро аз рӯи услуб ба ду навъ ҷудо кардан мумкин аст: 1) Гулдӯзии навоҳии Сари Хосор, Балҷувон, Ховалинг, Дашти Ҷум, Ш. Шоҳин, Муъминобод; 2) Гулдӯзии навоҳиҳои мардумони водинишини Кӯлоб, Восеъ, Ҳамадонӣ, Фархор, Темурмалик. Мардумоне, ки дар деҳот истиқомат мекунанд, бештар ба дӯхтани пироҳан, хилъат, камзӯлчаҳои атфол, васкатҳои занона, рӯймоли миён, даструймол, тоқӣ, ҷилди болишт, пардаи дару тиреза, чойхалта, сарпӯш барои чойник, дастбандаки гаҳвора, рафида, ҷиҳози арӯсӣ ва рӯйҷо машғуланд [76, с. 63].

Санъати ороишӣ, ки ба зиндагии мо робитаи хеле зич дорад, тавассути офаридани ашёи гуногун ва ороиши меъморӣ амалӣ мешавад. Инкишофи ҳунарҳои меъморӣ, кулолгарӣ, мисгарӣ, заргарӣ, қолинбофӣ ва кашидадузӣ ба рушди наққошӣ низ мусоидат менамояд.

Ҳанӯз дар замони тоинқилобӣ муҳаққиқи рус М.А. Варигин мушоҳида карда буд, ки дар ҳудуди бекигариҳои Кӯлоб ва Балҷувон дари масҷидҳо ва хонаю ҳавлиҳои сокинони сарватманд бо нақши кандакорӣ оро дода шуда буданд. Ӯ қайд намудааст, ки «дар байни нақшҳои мушоҳидашуда намунаҳое мавҷуд буданд, ки онҳоро бодиққат ва бо риояи ҷиддии қоидаи симметрия иҷро карда буданд. Мавзуъҳои кандакорӣ якзайл набуда, баръакс, тахайюли эҷодии кандакорон аз рӯи бемислӣ ва гуногунии намудҳои ҳамон як нақш касро ба ҳайрат меовард» [49, с. 763].

Тибқи маълумоти ҷамъовардаи мардушиноси рус А.К. Писарчик «Дар гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб, Дарвоз ва қисман водии Рашт гуногунии хеле зиёди суробҳои сутунҳо ва болорҳо ва тарзи ба худ хосси ороиши нақшини сутунҳо ба мушоҳида мерасиданд. Дар масҷиди деҳаи Роҳатӣ, ки дар шарқи шаҳри Душанбе ҷойгир аст, сарсутунҳои сталактикии шаклашон сода мавҷуданд. Вале дар умум, истифодаи сарсутунҳои сталактитӣ (аз сақф овезон) дар ноҳияҳое, ки дар ҷанубтари қаторкӯҳи Зарафшон ҷойгиранд, хеле кам во мехӯрданд» [159, с. 23].

Дар масъалаи густариши ҳунарҳои нассоҷӣ ва сифати матоъҳои маҳаллии Кӯлоб муҳаққиқони тоинқилобӣ ба таври мухталиф андешаронӣ кардаанд. Масалан, яке аз муҳаққиқи аввалини рус Г.А. Арандаренко [31, с. 31] дар аснои сафари худ ба Дарвоз ва Помир, мушоҳида карда буд, ки дар Кӯлоб ҳунари коркарди абрешим хеле густариш ёфта буд. Ҳунармандони маҳаллии кӯлобӣ маҳсулоти абрешимии дилрабо истеҳсол мекарданд. Тибқи маълумоти Г.А. Арандаренко «кирмакпарварӣ ва бофтани матои алочаи навъи аъло

барои дӯхтани хилъатҳо шуғли асосии кӯлобиҳоро ташкил мекард» [31, с. 135]. Г.А. Арандаренко қайд кардааст, ки «сокинони маҳаллӣ барои пираҳанҳои занона аз абрешими табиии тоза (бе омезиш) матои тунуки доройӣ мебофтанд, ки онро дар Кӯлоб ҳарир меномиданд» [31, с. 135].

Боиси зикр аст, ки пораи матои ҳарир ба сифати рӯймоли сар низ хизмат мекард. Барои мисол, дар Кӯлоб бо чунин ҳунар намояндагони оилаи Ҳасановаҳо, аз ҷумла Савронбӣ, Асалбӣ ва Шоиста машғул мебошанд. Дар суҳбат онҳо ба диссертант таъкид мекунанд, ки нақши ҳарир тасвири моҳ, ситораҳо, панҷаи даст ва дигар шаклҳои маъмулро фаро мегирад. Аслан ин ҳамон матоест, ки онро бо усули гулбаст ба ранг нақшин мекунанд. Таҷрибаи истеҳсоли ҳунармандии он то имрӯз дар Кӯлоб ҳифз мешавад [233].

Технологияи мазкур то дараҷае муфассал дар асари А.А. Семёнов «Очеркҳои мардумшиносии кӯҳҳои Зарафшон, Қаротегин ва Дарвоз» [186, с. 123] ба қалам дода шудааст. Дар карбос пешакӣ бо ранг ин ё он нақшро мекашанд: шаклҳои мураббаъ, салибҳо, доғҳои одӣ ва ғайра. Сипас, матоъро хушк карда, ҳар як ҷойи нақшдорро бодиққат лӯнда мекунанд ва бо ресмон хеле зич мебанданд. Баъд аз ин матоъро ба ранги дигар меғӯтонанд. Матоъро аз дохили ранг берун оварда мехушконанд ва сипас гиреҳҳоро мекушоянд. Ҳунари қаламкашӣ дар матоҳо барои сӯзанидӯзӣ на танҳо дар ҳудудҳои водии Зарафшон, Қаротегин ва Дарвоз, балки дар байни занони ноҳияҳои вилояти Кӯлоб хеле паҳн гардида буд.

Тавре аз таҳқиқоти А.А. Семёнов бармеояд, ӯ на дар бораи матои абрешимии доройӣ (ҳарир), балки дар бораи матои пахтагии карбос маълумот додааст. Аслан сухан дар бораи карбоси тунук меравад, ки онро хоса ё дока меномиданд. Ҳамин гуна матоъҳо низ мавриди нақшинкунӣ тавассути технологияи гулбаст қарор мегирифтанд. Н.Н. Ершов мушоҳида кардааст, ки дар давраи Шуравӣ замини матоъ

метавонист сурх, зард, қаҳвагӣ ва ҳатто сиёҳ бошад [75, с. 212; 221, с. 36].

Вобаста ба истеҳсолоти нассоҷӣ М.А. Варигин [49, с. 754] бар хилофи таҳқиқотҳои Г.Р. Арандаренко навишта буд, ки дар Кӯлоб парвариши пахта ва абрешим дар ҳолати ибтидоӣ (қафомонда) қарор доранд, ҳарчанд вобаста ба иқлим ва миқдори замини холӣ ин соҳаҳоро метавон хеле густариш дод. Аммо барои ин мавҷуд набудани роҳҳо ва аз марказҳои маъмурии аморати Бухоро дур будани минтақа халал мерасонид. Ҳамзамон, ин муҳаққиқи рус матоъҳои кӯлобиро мусбат тавсиф кардааст. Бино бар таҳқиқоти ӯ матои нимабрешимии кӯлобӣ (алоча)-ро, ки барои хилъатҳо пешбинӣ мешуд, дастӣ мебофанд, ҳатто нисбат ба алочаи маъруфи ҳисорӣ сифати баландтар дорад. Як ҷуфти чунин матоъ (ба маънои як либосвор - Ш.Т.), ки 9 аршин (6,4 м) дарозӣ дорад, бо нархи 10–12 рубл ва бештар ба фурӯш меравад. Ба ҳамин тарз, яъне дастӣ, ҳунармандон матоъҳои пахтагӣ ва пашмӣ, инчунин моҳути дурушт бофта, намадмолӣ мекарданд.

Дар ҳамин ҳол Н.А. Маев, ки чаҳордаҳ сол қабл аз М.А. Варигин аз ин ҷойҳо дидан карда буд, дар бораи сифати матоъҳои истеҳсоли сокинони Кӯлоб назари манфӣ иброз дошта буд. Тибқи маълумотҳои Н.А. Маев дар Кӯлоб аз ҷумлаи маснуоти маҳаллӣ танҳо карбосу (мата) алоча истеҳсол мекарданд. Алочаи кӯлобӣ дар пайравӣ ба намунаҳои ҳисорӣ тайёр карда мешуд, вале сифати он хеле бадтар буд. Н.А. Маев инчунин сифати пасти палосҳои (гилем) маҳаллии ин минтақаро дар таҳқиқотҳояш овардааст [107, с. 163].

Азбаски қайдҳои Г.А. Арандаренко ва М.А. Варигин комилан муқобили нуқтаи назари Н.А. Маев мебошанд, метавон чунин хулоса баровард, ки аслан матоъҳои ҳунармандии бофандаҳои Кӯлоб сифати хуб доштанд [99, с. 113]. Муаррих Р.Б. Мукминова бо такя ба сарчашмаҳои хаттӣ маълумот медиҳад, ки «дар пойтахти аморати

Бухоро моҳут, гилем, ҷуробҳо ва хилъатҳои кӯлобӣ дар байни аҳолӣ талаботи калон дошт» [118,с.74].

Дар Кӯлоб ва гирду атрофи он пахта ва ресмонҳои абрешимиро барзиёд истеҳсол мекарданд. Ин имкон фароҳам меовард, ки аҳолии маҳаллӣ як қисми ашёи хоми нассоҷиро ба сокинони Рашт ва Дарвоз фурӯшанд.

Нависандаи шинохтаи тоинқилобӣ ва Шуравии рус М.Д. Масловский (тахаллусаш Мстиславский) дар романи саргузаштиаш «Боми ҷаҳон», ки соли 1925 рӯи чоп омад, вобаста ба сокинони Балҷувон ва деҳоти атрофи он менависад, ки «онҳо ҳам карбос мебофанд, ҳам ресмони абрешим тайёр мекунанд ва ҳам бо читгарӣ машғуланд» [113, с. 34].

Барои бофтан ҳунармандон асосан аз дастгоҳи муқаррарӣ - дӯкони бофандагӣ истифода мебурданд. Баъзан бофанда ду пояшро ба дохили чоҳча даровартда, бо онҳо попӯшалҳоро ба навбат зер карда, гулабандҳоро ба ҳаракат меовард. Чунин дастгохро чаҳчаҳа меномиданд.

Инчунин, ҳолатҳое вуҷуд доштанд, ки сокинони муқимии водиҳои Вахшу Варзоб, Рашту Дарвоз ва Кӯлоб дар дастгоҳи бештар хосси кӯчиҳо – урмак ба бофтан машғул мешуданд. Тибқи маводди мардумшиносӣ ба воситаи чунин дастгоҳ тоҷикони ин минтақаҳо моҳут, гилем, пойтоба ва дигар ҷиҳози маишии пашмӣ мебофтанд. Ғайр аз ин, маълумот вуҷуд дорад, ки дар охирҳои асрҳои миёна кӯлобиҳо дар урмак аз ресмонҳои пахтагӣ тасмаи шероза низ тайёр мекарданд.

Дар Рашту Дарвоз ва Кӯлоб ба ҷои вожаи «урмакбофӣ» аз ибораи «бофтани заминакӣ» истифода мебурданд. Лекин барои варзобиҳо истифодаи вожаи «урмакбофӣ» хос буд [133, с. 32].

А.К. Писарчик навиштааст: «Таҷрибаи тайёр кардани сӯзаниҳои калон, ки барои минтақаҳои ҳамворӣ маъмул буданд, дар ноҳияҳои

ҷануби Тоҷикистон танҳо дар замони Шуравӣ пайдо шуд. Маводди дар натиҷаи таҳқиқот ҷамъовардаи экспедитсия аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар вилояти Кӯлоб ин таҷриба ҳатто дар солҳои 40-уми асри XX вуҷуд надошт» [160, с. 23].

Ба ғайр аз сӯзанӣ маҳсулоти дигари калонандозаи гулдӯзиро чодари тӯёна ташкил мекунад. Зимни суҳбат бо яке аз занҳои соҳибҳунар Рустамова Оҳистамо маълум гардид, ки дар дӯхтани як чодар 3-4 сол заҳмат мекашанд. Ӯ иброз дошт, ки «Чодарҳои дӯхтаи онҳо 3 метр дарозӣ ва 2-2,5 метр паҳноӣ доранд. Ҳар духтаре, ки ба балоғат мерасид, аввалин вазифааш ёд гирифтану дӯхтани кашидадӯзӣ – сӯзанӣ ё дӯхтани чодар буд. Фарҳанги дӯхти либосҳо на танҳо дар дӯхтани чодар ва пироҳани чакан аст, балки дар болишт, рӯйгаҳвора, рӯйпӯши рахти хоб, дастмол, тоқӣ ва ғайра мушоҳида мешавад» [231].

Тибқи таҳқиқоти анҷомдодаи А.К. Писарчик [163, с. 65] «дар вилояти Кӯлоб, инчунин дар Рашту Дарвоз ва кӯҳистони Помир гулдӯзиҳои калони ороишӣ, ки барои ҳамвориҳои Осиёи Миёна хосанд, то инқилоб ва шояд то миёнаҳои асри XX вуҷуд надоштанд. Ҳамчунин, рӯбандҳои шахсии арӯсон, ки дар Қаротегин ва Дарвоз паҳн шудаанд, ба шарофати сифати баланди бадеияш берун аз ҷои истеҳсоли худ шуҳрати зиёд доранд» [159, с. 21].

Соли 1965 санъатшиноси рус Наталя Белинская монографияи «Санъати ороишии кӯҳистони Тоҷикистон»-ро нашр намуд. Дар пешгуфтори ин асар муаллиф қайд кардааст, ки наздикии услубии санъати гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб ва Рашт имкон медиҳад, ки онро дар умумият ҳамчун яклухти воҳид дида бароем, ки он аз умумияти шароитҳои табиӣ ва тақдири таърихии сокинони ин сарзаминҳои кӯҳӣ реша мегирад. Н. А. Белинская дар экспедитсияҳои солҳои 1957–1960 ба Рашту Дарвоз ва Кӯлоб чандин маротиба иштирок карда, дар ин

мавзуъ маълумоту акс ҷамъ овард. Барои пурра гардонидани маълумот ӯ аз маводди осорхонавии Россия ва Тоҷикистон васеъ истифода бурд.

Хусусияти асосии таҳқиқоти Н.А. Белинская аз он иборат аст, ки дар он тавсифи мардумшиносии паҳншавии нассоҷии ҳунарӣ дар Рашту Дарвоз ва Кӯлоб бо таҳлили амиқи санъатшиносии ин соҳаи санъати ороиши амалӣ дар ҳамбастагӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар заминаи мушоҳидаҳояш навиштааст: «Санъати нассоҷии мардумӣ дар доираи ҳар як оила ба назар мерасад, тайёр кардани либоси гулдӯзишуда дар ҳама ҷойҳои ин минтақаҳо паҳн шудааст ва аз худ кардани малакаҳои ин ҳунар барои ҳама занону духтарон талаботи ҳатмӣ ба шумор мерафт» [40, с. 43].

Н.А. Белинская қайд мекунад, ки дар байни нуқтаҳои аҳолинишини Рашт, Дарвоз ва Кӯлоб ягона шаҳри калонро Кӯлоб ташкил мекунад, аз ин рӯ санъати кӯҳистони Тоҷикистонро он замон санъати деҳотӣ номидан имкон дошт [40, с. 43]. Дар замимаи тасвирии ин монография Н.А. Белинская расмҳои пираҳанҳо, аз ҷумла, чакан, нақшу нигори камарбандҳои мардона, маснуоти гулбурӣ (қуроқ), намадҳо, сӯзаниҳо, тоқиҳои мудаввару чорқирра, шерозаҳо ва дигар маснуоти нассоҷии ҳунарии навоҳии зикршударо овардааст. Махсусан, аз ҷониби ӯ нишон додани нақшҳои хоси гулдӯзӣ бо овардани номи мардумии онҳо арзиши илмии асарро баланд гардонидааст [40, с. 32].

Соли 1979 асари Н. Исаева (Юнусова) «Гулдӯзии тоҷикӣ» рӯи чоп баромад. Вобаста ба нафосати шаклҳо ва мутобиқати рангу навоҳои ороишӣ, ки аз худи табиати маҳал сарчашма мегиранд, муаллиф гулдӯзии тоҷикони кӯҳистонӣ ва водинишинро аз ҳам ҷудо карда, Кӯлобу атрофи он ва Раштро (ҳамроҳи Дарвоз) минтақаҳои кӯҳӣ меномад ва ҳамчун марказҳои хосси ин ҳунар ба қалам медиҳад. Нисбат ба водии Ҳисор, аз ҷумла, Қаратоғ, ки дар ин ҷойҳо низ ҳунари гулдӯзӣ

таърихан рушд намуда буд, зикр мекунад, ки аз рӯи хосиятҳои услубӣ он ба гулдӯзии марказҳои номбаршуда тамоил дорад [76, с. 53].

Аз ҷониби Н. Исаева (Юнусова) ҳамбастагиҳои ороишӣ, унсурҳои нақшу нигор ва усули иҷрои дарзҳои ороишии пираҳанҳо, сӯзанӣ, шероза, рӯймол, камарбанд, тоқӣ ва дигар маснуоти гулдӯзии хоси тоҷикон, аз ҷумла, сокинони ноҳияҳои ҷанубӣ ва маркази Тоҷикистони мавриди таҳлили ҳунарӣ қарор дода шудааст. Вобаста ба нақши гулдӯзии рӯймоли миён зикр карда шудааст, ки дар навоҳии кӯҳистон, масалан, дар Кӯлоб ва атрофи он, нақши исломӣ ва катибавӣ, ки тақлиди ҳуруфи арабист, дар омезиш мебошад [76, с. 28].

Худи ҳамон сол (1979) Н. Исаева мақолаеро бо номи «Ҳамбастагиҳои нақшини матоъҳои ҳисории охири асри XIX – ибтидои асри XX» нашр намуд. Асоси маводди ин мақоларо намунаи матоъҳое ташкил намуданд, ки дар осорхонаҳои ҷумҳурӣ ва бунёди бахши мардумшиносии Институти таърихи ба номи А. Дониши АИ ҶШС Тоҷикистон маҳфузанд. Аз ҷониби Н. Исаева матоъҳои рахдор (алоча, беқасаб) ва абрнақши асосан тоинқилобии ҳисорӣ аз назари нақшу нигор ва рангубор мавриди таҳлили санъатшиносӣ қарор дода шудаанд. Муҳаққиқ зикр кардааст: «Гуногунии матоъҳои рахдори ҳисорӣ, махсусан қаратоғӣ аз назари рангҳои истифодашуда, ғафсии раххои ҳарранга, намуди нахӣ ва ғафсии ресмонҳо хеле сершумор буд ва ба ӯ муяссар нагардид, ки номи ҳар як навъи онҳоро муайян намояд» [214, с. 125]. Дере нагузашта ин вазифаро Н.Н. Ершов ҳал кард, ки ӯ бо бофандагону дигар сокинони солхӯрдаи Қаратоғ суҳбатҳо доир намуда, номи даҳҳо навъҳои алочаи ҳисориро ошкор намуд [72, с. 53].

А.К. Писарчик дар асност таҳқиқотҳои экспедитсионӣ мушоҳида кард, ки дар ноҳияҳои атрофи Кӯлоб, ба мисли Рашту Дарвоз ва Файзобод, истеҳсоли маҳсулоти сафолӣ шуғли занҳо буд. Ӯ менависад: «Онҳо барои тайёр кардани косаю табақ, кӯза ва ғайра тасмаҳои гилро

яке аз болои дигар часпонида, зарфро дастӣ ба шакл медаровარданд, баъзан бо ин мақсад аз қошуқи чӯбини кухна истифода мебурданд. Зарфҳо пеш аз пухтан ба воситаи хатҳои барҷастаи росту каҷ ё морпеч ва ё наққошии рангаи содда ё мураккаб оро дода мешуданд. Махсусан, зарфҳои сафолии наққошишудаи бонуҳои ҳунарманди водии Оби Ниёв, қисмати ҷанубии ноҳияи Шамсиддин Шоҳин (собиқ Даштиҷум), водии дарёи Яхсу ва Файзобод зебо буданд. Аз байни нуқтаҳои аҳолинишини мавриди назар кулолии чархӣ дар Қаратоғ густариш ёфта буд» [150, с. 46].

Аммо тариқи муфассал ин соҳаи ҳунарҳои мардумии тоҷикони кӯҳистониро муҳаққиқи дигари рус Е.М. Пешерева омӯхтааст. Ӯ ҳанӯз соли 1929 ба ин мавзуъ мақолаеро таҳти унвони «Истеҳсоли сафол дар байни тоҷикони кӯҳистонӣ» [145, с. 37] чоп кард. Баъди 30 сол бошад, монографияи ин муҳаққиқ доир ба истеҳсоли маснуоти сафолӣ ба табъ расид [146, с. 130]. Е.М. Пешерева дар байни минтақаҳои Тоҷикистон, ки дар он ҷойҳо чунин истеҳсолоти занона тараққӣ карда буд, водиҳои Рашт ва Ҳисор, Балҷувон ва ҳудуди ба он ҳамсарҳади водии дарёи Яхсу, инчунин қисми дар соҳили дарёи Панҷ ҷойгиршудаи Дарвозро зикр кардааст. Зарфҳои дар водии Яхсу тайёршуда бо комилӣ ва нафисии шаклашон фарқ мекарданд. Ҳамзамон, раванди истеҳсоли онҳо вобаста ба асбобҳои истифодашаванда мушкилтар буд. Асбобҳои мазкурро инҳо ташкил мекарданд: қошуқи чӯбии кухна, лавҳачаи чӯбӣ ё устухонии (аз қабурғаи гов) дарозиаш 10 см ва паҳноияш 4 см (қисми марказии мавзеи кории он ба дарун фурӯхамида буд), 3-4 тахтачаи мудаввари диаметраш 30-35 см ва ғафсиаш 3-4 см аз омехтаи гил ва таппак (ба болои онҳо дар вақти кор зарфҳои нимтайёр ва хомро мегузоштанд), тахта барои ғелонда паҳн кардани хамираи гил, косаи чӯбӣ, хурмаи обдор, латта.

Зарфҳои тайёршударо дар болои бом ё майдончаи махсуси бо шиғ иҳоташуда (дар водии Яхсу) хушк мекарданд. Баъди 20–25 рӯз наққошикунии зарфҳо шуруъ мегардид. Бонуҳои ҳунарманд расмро бе ягон гуна нишонагузорӣ ва бо суръати баланд мекашиданд. Баъд аз ин зарфҳои орододашударо мепазонданд. Таъинот ва намуди зарфҳо гуногун буд: кӯза (қилқилак, мурғобӣ ва ғ.), хурма, офтоба, коса, табақ, пиёла, дег, сиба.

Е.М. Пешерева дар таҳқиқоти худ қайд менамояд, ки «бо ҳунари кордбарорӣ ҳунармандони Қаратоғ шуҳрат пайдо карда буданд. Аз байни ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон ҳунари заргарӣ дар Кӯлоб ва Балҷувон мавҷуд буд. Устоҳои кӯлобӣ зеварҳояшонро асводкорӣ (ранги сиёҳ додани мавзеъҳои алоҳида) намекарданд, аломати хосси зеварҳои онҳоро ороиши донача-доначадоркунии мавзеъҳои алоҳида ташкил мекард. Дар Балҷувон истеҳсоли маснуоти заргарӣ аз сими нуқра густариш ёфта буд. Услуби санъати заргарии ин ноҳияҳо зери таъсири робита бо Ҳиндустон ташаккул ёфтааст» [149, с. 46]. Ҳамзамон, ӯ мефармояд, ки дар гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб овезаи силсила, ки онро аз болои рӯймоли сар мегардонданд, аз зеварҳои дӯстдоштаи бонувон ба шумор мерафт. Дар он аз лавҳачаҳои нуқрагии гуногуншакл ба риштаҳо кашида шуда, нисбати якдигар мутаҳаррик буданд. Сарсӯзани калони мудаввар (10-12 см) чун қоида нафису доначадор, ки қулфи гиребон ном дошт, то охирҳои асри XX дар истифода буд. Дар Кӯлоб ба он бо истифода аз занҷираҳои дарози нуқрагӣ дастаи овезаҳоро мебастанд [149, с. 46].

Тавре дар боло зикр шуд, А.К. Писарчик оид ба ҳунармандӣ дар миёни сокинони вилоят маълумоти ҷолиб ҷамъ овард. Ба ҳайси пири (ҳомии) нахресон (ресмонресон) дар водиҳо ва дар баъзе маҳалҳои вилояти Кӯлоб «Бибӣ Сафедак» баромад мекунад. Аҳолии шимоли

вилоят, масалан Қизил Мазор меваи хушкшуда, маҳсулоти сафолиро дар ноҳияҳои ҷануб мубодила мекарданд.

Соли 1955 дар маҷаллаи «Мардумшиносии Шуравӣ» А.К. Писарчик мақолаеро таҳти унвони «Экспедитсияи мардушиносии соли 1954 дар Ғарм» интишор намуд. Муаллиф дар он зикр кардааст: «Аъзои экспедитсия имсол аслан дар Дарвоз бо таҳқиқот машғул шуданд, бевосита дар водии Рашт бошад, давоми солҳои 1952 ва 1953 фаъолият карда буданд» [146, с. 134]. Дар мақола маълумот оид ба густариши ҳунармандӣ дар Рашт, ки маводди марбутаро олими мардумшинос Н. Н. Ершов [73, с. 89] ҷамъ оварда буд, хеле мухтасар зикр шудааст, вале тариқи муфассал он дар барориши аввали асари дастаҷамъии «Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз» инъикос ёфтааст.

Таваҷҷуҳи махсуси аъзои экспедитсияро намудҳои ҳунармандии аҳолии Кӯлоб ҷалб кард. Масалан, дар ҳудуди Муъминобод ҳангоми дуо додан ба шогирд барои расидан ба мартабаи устодӣ маросими камарбандиро ба таври истисноӣ оҳангар, ки ӯро усто меномиданд, анҷом медод. Эҳтимолан ин кор мувофиқи тасаввуроти қадим дар бораи устохонаи оҳангар, ки муқаддас ҳисоб мешуд, сурат мегирифт, вале худи оҳангар чеҳраи хеле боаҳамияте дар хоҷагӣ буд. Ҳомии ресандаҳо дар Кӯлоб Бибӣ Сафедак буд, аммо Бибӣ Сешанбе, пире, ки дар ноҳияҳои кӯҳӣ ва ҳамвор машҳур буд, инҷо ношинос боқӣ мемонд [71, с. 87].

Е. М. Пешерева менависад, ки «дар гурӯҳи ноҳияҳои Кӯлоб ва Рашт пеш аз оғоз кардани пухтани зарфҳо ду лӯхтак тайёр мекарданд, яке зан ва дигарӣ мард. Лӯхтаки мард дар симои худ ҳомӣ - пири кулолро тасвир мекард. Лӯхтаки зан бошад, шояд, дар ин минтақаҳо шуғли занона донистани ҳунари кулолгариро ифода мекард» [145, с. 37].

Дар солҳои шуравӣ намунаҳои ҷолиб ва арзиши бадеияшон баланди ҳунармандон аз ҷониби Осорхонаи мардумшиносӣ харидорӣ

карда мешуданд, ки дар ин раванд аъзои экспедитсияҳои мардумшиносӣ низ саҳм мегирифтанд. Дар байни чунин ашёҳо зарфҳои сафолии яллоқосдодашуда аз деҳаи Давлатобод, ки дар ҷануби вилояти Кӯлоб ҷойгир шудааст, ҷолиб мебошад. Маҳсулоти бонуҳои ҳунарманди деҳаи Даштиҷум бо шакл ва махсусан ороиши худ, ки бо гили ғадуддор аз болои ангоби қаҳваранг равшан иҷро карда мешуд, фарқ мекард. Мутаассифона, то миёнаҳои солҳои 70-уми асри XX истеҳсолоти сафолии занона дар ин деҳа аллакай аз байн рафт. Дар таркиби коллексияи осорхона зарфҳои шаклашон зебо аз деҳаи Тегермӣ ва Самсолиқи водии Рашт низ мавҷуданд. Мутахассисони мардумшиноси Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш марказҳои нав ба нави истеҳсоли маснуоти сафолии занонаро кашф карда, ҷамъоварии намунаҳои онҳоро давом медоданд. Масалан, дар солҳои зикршуда дар гурӯҳи деҳоти Зиддии дараи Варзоб ва деҳаҳои ноҳияи Ҳисор (дар дараи Хонақо) зарфҳои кулолии занона кашф карда шуданд[73, с. 89].

Дар таркиби ашёҳои коллексионии ин осорхона шаклҳои анъанавии либоси охири асри XIX – ибтидои асри XX, аз қабили пираҳанҳои яккади остиҳояшон дарозу борик ё васеъ, хилъатҳои пешкушодаи мардона ва занона, поҷомаҳои мардона ва занона, инчунин матоъҳои миллӣ (алоча, адрас, беқасаб, шоҳӣ ва ғайра) сершуморанд. Дар қатори онҳо навъҳои гуногуну сершумори ҷӯробҳои пашмии нақшин, ки хоси ноҳияҳои кӯҳӣ мебошанд, мавҷуданд. Аз ҳудуди вилоятҳои Кӯлоб ва Ғарм намунаҳои сершумори тоҷҳизоти мардонаю занона ба осорхона ворид карда шуданд.

Дар байни ашёҳои дар осорхона ҷамъоваришуда коллексияи пойафзоли анъанавӣ нопурра мебошад, чунки ҳангоми ҷустуҷӯи намунаҳои қадимии он аъзои экспедитсияҳои мардумшиносӣ ба мушкилӣ дучор шуд. Агар рӯймолҳою пираҳанҳои қадимиро аз насл ба

насл ба мерос мемонданд, пас аз пойафзол то ҳадди фарсудашавӣ истифода мебурданд. Новобаста аз мушкилиҳо имкон даст дод, ки миқдори муайяни намунаҳои пойафзоли анъанавӣ ба осорхона ворид карда шавад. Дар қатори онҳо калӯшҳои занонаи пуштакашон паст, маҳсиҳои ироқии аз пораҳои пӯсти ранга дӯхташуда, чоруқҳо (мӯзаи бепошнаи соқбаланди тагчармаш мулоим, ки канораҳояш ба боло қат шудаанд), мукиҳо (ниммӯзаи мағзидори соқпаст, ки ба ҷои пошна зерпошнаҳои васеъ дорад), кавшҳои чӯбин (намунаҳои мардона, занона ва кӯдакона, ки ба се поячаи нӯгтез такя мекунанд), хомакҳо (пойафзоли аз пӯсти хоми гов мисли ҷӯроб дӯхташуда, ки дар он тарафи абраро сатҳи пашмдори пӯст ташкил мекунад) мавҷуданд.

Дар байни матоъҳои ҷамъовардашуда тақрибан 40 намунаи алочаи абрешимӣ ва 30 намунаи алочаи нимабрешимии ҳисорӣ вомехӯранд, ки маҳсули дасти ҳунармандони Қаратоғ мебошанд. Ашёҳои нассоҷии водии Раштро намунаҳои сершумори гулбуриҳо ташкил мекунанд, ки бо номҳои қуроқ ва қурама шуҳрат пайдо карда буданд. Чунин ашёҳо аз ҷумлаи лавозимоти ҳатмии арӯс ба шумор мерафтанд [73, с. 93].

Яке аз марказҳои калонтарини заргарӣ дар ҳудудҳои тоҷикнишин аз давраҳои қадим шаҳрҳои Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, водии Зарафшон, Истаравшан, Рашт ва Кӯлоб ба шумор мерафт. Санъати заргарии Кӯлобу Раштро ба мисли дигар минтақаҳои Тоҷикистон аз дигарон дида амиқтар муҳаққиқи рус Л.А. Чвир омӯхтааст. Дар ҳошияи мавзуи баррасишавандаи таҳқиқотӣ мо махсусан мақолаи ӯро таҳти унвони «Заргарон-ҳунармандон ва анъанаи бадеии маҳаллӣ дар Тоҷикистон» [193, с. 41], ки соли 1972 дар маҷаллаи «Мардумшиносии Шуравӣ» интишор гардидааст, истифода намудем. Мақола пурра ба муайян намудани умумият ва фарқият дар зеварҳои хоси Кӯлобу Рашт бахшида шудааст. Муаллиф зикр кардааст, ки «дар ноҳияҳои

минтақаҳои мазкур талабот ба зеварҳоро солҳои пеш қариб ба пуррагӣ заргарони маҳаллӣ таъмин мекарданд, дар ҳар кадом деҳаи калон заргари худӣ, баъзан ду-се нафар фаъолият карда, ба сокинони деҳаҳои хурди ҳамсоя низ хизмат мерасонд. То ибтидои солҳои 70-уми асри XX теъдоди заргарони мардумӣ дар қисмати ноҳияҳои вилояти Хатлон хеле кам гардид ва раванди тадриҷан аз байн рафтани ин соҳаи ҳунармандӣ ба мушоҳида мерасид» [193, с. 43].

Дар шаҳраки Муъминобод ва деҳоти атрофи он то солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ аз панҷ то ҳафт заргар фаъолият мекарданд, ки дар маҳаллаҳои Лиҷак, Тутқавул, Ғеш, Лангари ноҳияи Муъминобод истиқомат мекарданд. Устои заргар асосан дар хонааш кор мекард, вале баъзан ӯро барои кор дар хонаи шахси фармоишгар даъват мекарданд, то бубинанд, ки усто ба нуқраи тоза омехтагиҳо илова накунад. Талабот ба зеварҳои маҳаллӣ то дараҷае баланд буд, ки заргар онро ба пуррагӣ пӯшонида наметовонист. Баъзан сокинон зевари фармудаашонро якчанд моҳ интизор мешуданд. Сокинони дигар маҷбур буданд, ки ба бозори Кӯлоб рафта, зеварҳои воридотӣ аз Афғонистонро харидорӣ кунанд, ки онҳо нисбат ба маҳсулоти маҳаллӣ қиматтар ва сифаташон пасттар буд.

Л.А. Чвир муайян кард, ки «ҳама заргарони муъминободӣ аъзои ҳамон як иттиҳодияи заргарон буданд, ки маркази он дар Кӯлоб ҷойгир шуда буд. Онҳо сари чанд вақт ба Кӯлоб рафта, ба оқсақолҳояшон ё маблағ ва ё як қисми маҳсулоташонро месупориданд» [193, с. 45].

Дар Даштиҷум заргарон кам буданд ва онҳо ин ҳунарро аз муъминободиҳо ёд гирифтанд. Дар Даштиҷум бо филиз хеле кам кор мекарданд ва асосан аз муҳраю шаба истифода мебурданд. Тайёр кардани ин ҷузъҳои зевар вазифаи заргар буд, ба ришта кашидани онҳо бошад аз тарафи занҳо ба иҷро мерасид.

Дар водии Рашт теъдоди зиёдтарини заргарон (аз се то панҷ) дар деҳаи калони Фатҳобод истиқомат мекарданд ва онҳо ҳам ба ҳамсояҳояшон ва ҳам ба аҳолии деҳаҳои гирду атроф (Мулло-Темур, Мазори-Шинк ва ғайра) хизмат мерасонданд. Новобаста аз ин, баъзе занҳои маҳаллӣ зеварҳои дар Ҳоит тайёршударо афзал медонистанд, ки дар ин деҳа дар солҳои аввали баъдиҷангӣ ду нафар заргарон зиндагӣ доштанд.

Дар идомаи таҳқиқоти худ Л.А.Чвир зеварҳои дӯстдоштаи тоҷиконро ба мисли гӯшвор, дастмона, ангӯштарин, бозӯбанд, бибишак, қоштилло, қасоба, тумор, садафӣ овардааст. Муҳаққиқ қайд кардааст, ки «...то он даме, ки дар дунё як зан вуҷуд дошта бошад, ҳунари заргарӣ ҳеҷ гоҳ аз байн намеравад» [193, с. 47]

Ба қавли Л.А. Чвир яке аз намудҳои зевари дӯстдоштаи тоҷикон – гӯшворҳои қафасии хоси ин ду минтақаи ҷумҳуриро мавриди муқоиса қарор додааст. Таҳқиқоти гузаронидаи ӯ нишон дод, ки сокинони деҳаҳои Кӯлобу Рашт, алалхусус занҳо ба осонӣ муайян карда метавонистанд, ки ин зевари пешниҳодшуда маҳсули дасти кадом заргар мебошад. Муҳаққиқ хулоса баровардааст, ки ҳам ҳунармандони заргар ва ҳам сокинони маҳаллӣ он замон барои идома ёфтани анъанаҳои бадеии қадимӣ баробар саҳм мегузоштанд. Ҳамчунин, дар таҳқиқотҳои ин муҳаққиқ тарзи тайр кардан ва коркарди зеварҳои занонаи тоҷикон ба таври амиқ инъикос карда шудааст [193, с. 48].

Дар шаҳри Кӯлоб то ба ҳол маҳаллае бо номи "Заргарон" вуҷуд дорад, ки маҳсулоти дасти онҳо на танҳо дар бозори шаҳрӣ, балки дар бозорҳои ҷумҳурӣ ба фурӯш бароварда мешавад. Ҳунарманди сокини деҳаи Сариосиёби ноҳияи Кӯлоб Майрамбӣ Қудратова бо аҳли оилааш дар касби заргарӣ шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардааст. Ӯ дар суҳбат бо мо гуфт, ки «ин касби авлодии онҳо буда, ҳунари заргариро аз падараш омӯхта, онро ба фарзондонаш, ки давомдиҳандаи ҳунари заргарӣ

мебошанд, омӯзонидааст. Дастпонаҳои чаладор, гӯшвораҳои чапарак ва қафасӣ, ангӯштаринҳо, силсила ва фаранҷиҳои бо гӯякча, камолак ва ситора оро додашудаи ин хонадон дар фестивалҳои сатҳи байналмилалӣ мақомҳои калонро сазовор гардидааст. Асбобҳои заргарии оилаи Шоиновҳо соли 1979 дар Конгресси умумиҷаҳонии занҳо дар шаҳри Берлин намоиш дода шуда, сазовори ифтихорнома гардидаанд» [233]. Мувофиқи маълумоти соли 1916 дар бозори шаҳри Кӯлоб дӯконҳое мавҷуд буданд, ки дар онҳо аз пӯсти коркардшудаи гӯсфанд ё буз шалворҳои зарди мардона дӯхта, дар онҳо бо ресмонҳои абрешимии ҳарранга гӯлдӯзии нақшин иҷро мекарданд. Дар панҷ дӯкон ҳунармандони кабудгар ба ресмонҳо тавассути нил ранг мебахшиданд [49, с. 784].

Ҳамин тариқ, ҳунарҳои мардумии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон дар таҳқиқоти муҳаққиқони рус, аз ҷумла М.С.Андреев, А.К. Писарчик, Н.А. Кисляков, А.З. Розенфелд, Е.М. Пешерова, З.А. Широкова, Пешерева, Л.А.Чвир ва дигарон ба тавре васеъ инъикос ёфта, ахбори онҳо боиси эътимод мебошад. Ҳамзамон, арзиши илмии ахбори онҳо дар он зоҳир мешавад, ки ин муҳаққиқон, воқеан, дар экспедитсияҳои илмӣ иштирок ва бо ҳунарҳои вуҷуддошта аз наздик шинос ва бо ҳунармандон ва аҳолӣ суҳбатҳо доир намуданд. Баъзе аз ҳунарҳои зикрнамудаи ин муҳаққиқон то ба ҳол ба он шакле, ки онҳо зикр намудаанд, боқӣ монда, дар маҳаллу деҳаҳои мухталиф ҳунармандон ба касбҳои гуногун машғул мебошанд.

## 2.2. Матоъҳои ҳунарӣ ва фарҳанги либоси миллӣ дар таҳқиқоти мардумшиносон

Матоъ ва либос ҷузъи фарҳанги ҳар халқу миллат мебошад. Тоҷикон дар гузашта ва имрӯз дорои матоъҳо ва либосҳои хоси худ мебошанд, ки ин масъала на танҳо дар осори муҳаққиқони руси замони шуравӣ, балки дар манобеи хаттӣ низ зикр шудааст. Имрӯзҳо либоси миллӣ ва симои миллӣ яке аз натиҷаҳои ҳунару санъати волоянд, ки касе наметавонад онро инкор кунад. Онҳо ҳосили зеботарину шевотарин ҳунари хайёотӣ (дӯзанда), гулдӯзӣ, зардӯзӣ ва сӯзаникориҳои тоҷикон, мебошанд, ки дар ҷаҳон беназир аст. Аммо дар сифату қиммати либосҳои миллии мо ин ҳам ҳанӯз кам аст, зеро рангҳо, нақшунигор ва рамзҳои таҷассумшуда дар либоси милли тоҷикон нишонаи фарҳангӣ бузурги ин миллат аст.

Яке аз матоъҳои муҳим ва шуҳратёфтаи тоҷикон матои карбос мебошад, ки аз пахта истеҳсол мешавад. Дар Руссия он ҳамчун «баз» ва ё «бяз» машҳур гардида буд. Карбосро баъзе ҳунармандон барои фурӯш ба савдогарон медоданд ва қисми дигари косибону бофандагон барои худашон истеҳсол мекарданд. Бино бар ахбори Фазлуллоҳ Рӯзбеҳхон «мардумони кӯчманчӣ зиёдтар ба матои карбос ниёз доштанд ва онро мехариданд. Дар ҳудуди Бухоро дар асри XIX бозори алоҳидаи карбосфурӯшон вуҷуд дошт» [118, с. 23]. Дар маъхазҳо ва сарчашмаҳои хаттии асри XVI қайд шудааст, ки карбос талаботи доираи васеи сокинони оддии ҳам маҳаллӣ ва дигар минтақаю кишварҳои хориҷро қонеъмекард. Дар асри XVI, тибқи маълумотҳои хаттӣ, мардумони тоҷику узбеки Мовароуннаҳру Хуросон ҳам ифодаи «карбос» ва ҳам «боз»-ро қабул доштанд. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ дар Ҳирот барои кӯмак ба хешовандонаш, чунин овардааст: «Ба либоси дарвешон худро пӯшонида, ҳамроҳи хеши худ Ғиёсуддин ашёҳои тиллоиро ба қопи

карбосин, ки асосан чунин қопҳоро бечорагону дарвешон доштанд, печонида онро ба ҷои амну бехавф бурда, пинҳон кардем».

Дар баробари карбос бофандагони асри XVI дар ҳудудҳои Мовароуннаҳру Хуросон матоъҳои алоча, фута, катан, тафта, зандана, чит, бахмал, камка, атлас ва ғайра истеҳсол мешуд. Тибқи санади сарчашмаҳои хаттӣ ченак «зари карбоси самарқандӣ» ва ё «гази самарқандӣ» ва «гази муқассар» – гиреҳ истифода карда мешуд. Ин ченакҳо дар Самарқанду Бухоро дар асри XVI вуҷуд дошт [119; 23]. Номи матои «алоча» бошад, тибқи таҳқиқотҳо аз калимаи «ало» гирифта шудааст. Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» омадааст: «Алоча – матоъе, ки аз нахи пахта ё шоҳии рах-рахи ранга бофта мешавад. Аз ришта бофандагони Бухорою Самарқанд матоъҳои порчагин низ мебофтанд, ба мисли рӯймолҳо, рӯйпӯшҳо, саллаҳо ва камарбанд. Барои бофтани матоъ дастгоҳи мураккаби бофандагӣ лозим буд, ки он на дар ҳама корхонаҳои бофандагӣ вуҷуд дошт. Бофандагони хурд, ки бо истеҳсоли нассоҷӣ машғул буданд, қисми зиёди аҳолии косибони Бухоро ва Самарқандро ташкил мекарданд. Ҷараёни мураккаби истеҳсоли матоъҳо, аз ҷумла, бахмал, фута, алоча ва чит маҳорати баландро талаб мекард, ки ҳар кадоми онҳо ба истеҳсоли танҳо як навъ матоъ сару кор доштанд. Одатан, ба исми хоси мутахассис – косиб ҳамон номи навъи матои истеҳсолкардааш илова карда мешуд, ба мисли бахмалбоф, шоҳибоф, футабоф, читгар, алочабоф, чоргулбоф ва ғ.

Сарфи назар аз матои истеҳсолкардаашон як гурӯҳи косибон-бофандагон дар бисёр ҳолатҳо «иттиҳодияи читгарон», «иттиҳодияи атласбофон»-ро таъсис дода, бо ҳамдигар муттаҳид мешуданд. Дараҷаи тараққиёти истеҳсоли бофандагӣ ва ресандагӣ ба пайдо шудани дӯконҳои махсус барои фурӯхтани маҳсулотҳои онҳо мусоидат намуд. Номгӯи матоъҳои тайёршуда бо номи манзили тайёркардашудаи матоъ,

ба мисли «манзили сунаркамӣ», «катани гуджератӣ» ва ғайра фарқ мекард. Аз номи онҳо маълум аст, ки ин матоъҳо аз хориҷи кишвар, хусусан, аз Ҳиндустон ворид шуда, бо номи вилоятҳо ва шаҳрҳои он вобаста аст. Дар бастаи чунин матоъҳои воридшуда муҳри «садр»-ҳо зада мешуд, ки тибқи он моли садрҳо аз андозҳо озод буданд. Истеҳсоли матоъҳои «махмали самарқандӣ» ва «алочаи бухороӣ» дар тамоми хонигариҳои Мовароуннаҳр ҳамто надошт. Фута – камарбанди махсуси корӣ буда, эҳтимолан камарбанди кӯҳнаи фарсударо устоҳои читгар пеш аз оғози кор дар устохона мисли дигар навъҳои либоси корӣ мепӯшиданд. Зайниддин Маҳмуди Восифӣ аз воқеаҳои охири асри XV овардааст, ки «Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки хеле сарватманд буд, маъмулан либоси хоксорона мепӯшид, бо дастмоле, ки аз фута дӯхта шуда буд, ҳамчун камарбанд онро истифода мекард. Дар Ҳирот, дар он замон футаи номбурда то 50 танга арзиш дошт. Футаи бенаресӣ, ки дар маъхазҳои дигари асри XVI дар Самарқанд зикр шудааст, арзиши хеле пасттар – то 2 танга дошт. Дар асноди зикршудаи сафири Балх Хоҷа Иброҳим дар феҳристи колоҳои овардашуда аз хориҷ номгӯи «футаи искандарӣ», «футаи яздӣ» ва «футаи ҳиндӣ» сабт шудааст. Баъди чор сол шогирд бояд касби бофандаи футаро аз худ кунад» [119, с. 78-80].

Дар асноди дигаре, ки Г.А. Мукминова дар таҳқиқотҳояш аз ҳуҷҷати «Маҷмӯаи васоиқ» овардааст, ин санади тақсимоти номгӯйи молу мулки Тангри Бердӣ буд. Дар рӯйхати молҳои дар ин аснод пешниҳодшуда, номгӯйи 15 дона футаи нобофта, ки арзишашон 75 тангаро ташкил медод, оварда шудааст. Муаррихи хориҷӣ В. Клейн оид ба навъи матои «фута» чунин қайд кардааст: «Фута – матоъест, ки аз абрешими тоза, ки риштаҳои он каҷ нашудаанд тайёр шудааст. Чодаре, ки аз матоъ тайёр мешуд, метавонад навъҳои гуногун, аз ҷумла, аз пахта истеҳсол шавад .Дар «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» –

«Фута –миёнбанде аз матоъ» ва ҳамчун «лӯнгӣ ва ё рӯймол» ифода ёфтааст» [118, с. 80].

Дар ҳудудҳои Осиёи Миёна вожаи «фута» дар асрҳои XV–XVI барои ифодаи қисмҳои гуногуни либосҳо, аз ҷумла, барои салла ва рӯймоли занонаи абрешимин истифода мешуд. Дар «Шайбонинома»-и Муҳаммад Солеҳ омадааст, ки дар вақти истилои Ҳисор, лашкари шайбониён салла, ҷома, чакманҳо ва футаҳои (кӯшак, камарбанд) зиёдро соҳиб шуданд.

Истилоҳи фута баъдан дар маъхазҳои русӣ ҳамчун маҳсулоте пайдо мешавад, ки дар Русия аз пахта ва ашёи нимахоми Осиёи Марказӣ истеҳсол мешавад. Сайёҳи рус Филипп Ефремов дар ёддоштҳои худ дар солҳои 70-уми асри XVI овардааст, ки дар Осиёи Миёна «миқдори зиёди пахта истеҳсол мешавад, ки аз он ришта мересанд ва аз ин ришта чодар – матои васеъ мебофтанд. Дар Русия аз ин матоъ «нимчита», «парда», «фута» ва дигар матоъҳои гуногунро тайёр мекарданд, ки ба кишварҳои хориҷ содир мешуд. Тибқи маълумоти яке аз рисолаҳои бофандагон, асосгузори футабофӣ Хоҷа Абдулхолиқи Ғиҷдувонӣ будааст.

Дигар матои устуворбофт, ки бо нархи гарон дар байни боёну ашрофзодагон маъруф буд – катан ном дошт. Матоъҳои тафта, зиндана ва дигар навъи матоъҳо таърихи куҳан дошта, асосан дар сарчашмаҳои таърихии асри XVI зикр мешаванд, балки содироти он ба дигар шаҳру кишварҳо зикр шудааст.

Дар миёни ҷанбаҳои гуногуни анъанаҳои фарҳангӣ либос ҷои муҳимро ишғол мекунад. Дар ташаккули анъанаҳои садсола, тарзи зиндагӣ, мансубияти динӣ, инчунин муносибатҳои фарҳангӣ бо дигар халқҳо инъикос ёфтаанд. Бинобар ин, ба либоси миллӣ на танҳо хислатҳои махсус, балки унсурҳои умумии халқҳои ҳамсоя, ки бо онҳо тоҷикон робита доштанд, хос мебошанд.

Ороиши либос бо зардӯзию кашидадузӣ, гулдӯзии пироҳанҳои чакани халқҳои Осиёи Миёна ҳар яке бо сабки хос инкишоф ёфтаанд, зеро дар тули асрҳо ороиши сару либос (бисёртар дар кӯҳистон), чиҳози хона ва ашёи рӯзгор, хуллас, аз бисоти тифл то ҷиҳози арӯсӣ дар худи хонадонҳо иҷро мешуд.

Барои омӯхтани таърихи либоси миллӣ, ҷиҳози хонаводаи миллии ҳар халк, барои онҳое, ки бо таърих ва фарҳанги он халқ шинос шудан мехоҳанд, аз ҷумла, санъатшиносон, кормандони театр, рассомон ва намояндагони соҳаҳои дигари фарҳанг муҳим аст. Аз тарафи дигар, дар ҷараёни шиносоӣ бо таърихи либоси миллӣ то андозае аз вижагиҳои либоси миллии халқҳои ҳамсоя низ огоҳ шуда, монандӣ ё тафовут, иртибот ва таъсири этникию фарҳангии онҳоро ба ҳамдигар дармеёбем.

Вазъияти ҷуғрофӣ, иқлим, релефи маҳал ба интихоб ва истеҳсоли мавод барои либос ишора мекунад. Дар ҳудуди минтақаҳои ҷануби Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX матои пахтагӣ ва абрешимӣ, ки барои дӯхтани либосҳои мавсимӣ истифода мешуд, анъанавӣ буд. Дар ҷараёни ташаккули этноси таҳқиқшаванда нақши муҳимро ҳамчунин рушди истеҳсоли саноати дастӣ дар маҳалҳо мебозид.

Либоси анъанавӣ ва ҷавоҳироти ороишии тоҷикон хусусиятҳои миллие доранд, ки таърихан дар давоми чанд аср ташаккул ёфтаанд. Либоси занона ва мардона дар анъанаҳои қадими мардумони муқимӣ зоҳир мешуд. Дар ташаккули либоси анъанавӣ навъи рӯзгордории фарҳангӣ, хусусиятҳои иқлим ва шароити ҷуғрофии ҳаёти тоҷикон таъсир кардаанд. Давраи охири асри XIX ва аввали асри XX бо он фарқ мекунад, ки олимон, ҳарбиёни Русияи подшоҳӣ ва сайёҳон дар навиштаҳои худ аз либоси тоҷикон ёдовар шудаанд, вале танҳо пас аз барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ мардумшиносон ба омӯзиши унсурҳои

гуногуни фарҳанги моддӣ ва маънавӣ, аз ҷумла, навъҳои маҳаллии либоси анъанавӣ шуруъ карданд. Айни замон метавонем дар хусуси арзиши илмии маводди мазкур сухан бигӯем.

Наметавон аз зикри асарҳои А. Д. Гребенкин «Очерк Кагистана» ва «Таджики» [58, с. 88] сарфи назар кард. Таъкид доштан ба маврид аст, ки таълифоти зикршуда барои олимоне, ки либоси анъанавии тоҷиконро меомӯзанд, имкон медиҳад, ки тамоилҳои воридшавии навгониҳоро ба либоси тоҷикон дар давраи шуравӣ муайян кунанд. Унсурҳои мухталифи либос, нақшҳои ороишии он, дӯхт ва тарзи пӯшидани он, ки дар ин асар тавсиф мешаванд, аҳаммияти махсус дорад.

Таърихи либоси миллии тоҷикон ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи мардумшиносон буд. О.А. Сухарева [188, с. 145] ва А.К. Писарчик [169, с. 88] асарҳои худро ба хусусиятҳои эҷодкоронаи либоси анъанавии тоҷикӣ бахшидаанд. Саҳми хосро Л. А. Чвир [194, с. 19] дар ин самт гузошта, анъанаи истифодаи ҷавоҳироти ороиширо аз ҷониби зани тоҷик нишон додааст.

Солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ дар либоси анъанавии тоҷикон тағйирот чандон назаррас набуд. Либоси маъмулии занона ва мардона бо намудҳои маҳаллии зиёд, ки бо хусусиятҳои дӯхти баъзе унсурҳои либос, тарзу услуби нақшҳои ороишии онҳо аз ҳам фарқ мекарданд, нигоҳ дошта шуда буд. Ба ғайр аз ин, таҳқиқот нишон доданд, ки либоси анъанавии тоҷикони водӣ ва кӯҳистон, аз ҷумла, дар тарзи пӯшидани либос хусусиятҳои умумии зиёд дошт. Либосҳо дорои хосияти синнусолӣ ва ҷинсӣ, иҷтимоӣ, маросимӣ буданд. Либоси занона унсурҳои қадимӣ ва муҳофизакории анъанавиро нигоҳ дошта буд, ки вобаста ба синну сол тағйир меёфтанд: тарзи буриш, пӯшидан, тағйирёбии либос ҳангоми аз як ба дигар гурӯҳи синнусолӣ гузаштани зан ва ғайра.

Аз муҳаққиқони рус нахустин олиме, ки ба омӯзиши масъалаи либоси тоҷикони ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистони машғул шуд, Серафима Петровна Русяйкина (1903–1974) мебошад. Ӯ солҳои дароз дар Осорхонаи халқҳои ИҶШС ва Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши АИ ҶШС Тоҷикистон кор карда, соли 1952 дар мавзуи «Либоси мардумии тоҷикони вилояти Ғарми ҶШС Тоҷикистон» рисолаи илмӣ ҳимоя кард. Дар таҳияи асарҳои дастаҷамъии «Халқҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон» ва «Атласи таърихӣ-мардумшиносии Осиёи Миёна ва Қазоқистон» иштирок намуда, вобаста ба матн акс интихоб кардааст.

Аз ҷониби ин мардумшиноси рус давоми солҳои 1949–1959 мақолаҳои «Либоси миллӣ ва нақши тоҷикони вилояти Ғарм» [182, с. 28–33], «Либоси мардумии тоҷикони вилояти Ғарм» [181, с. 86–98], «Либоси мардумии тоҷикони вилояти Ғарми ҶШС Тоҷикистон» [180, с. 132–214] навишта ба нашр расонида шуданд. С.П. Русяйкина дар асарҳои худ ба ороиши нақшини либоси занонаи тоҷикон таваҷҷуҳи хос зоҳир намуда, нақшҳоро тасниф ва номи онҳоро зикр карда, усули иҷрои онҳоро ба қалам додааст. Метавон иброз дошт, ки ин муҳаққиқ дар омӯзиши санъати тоҷикони кӯҳистон саҳми калон гузоштааст. Маълумот ва хулосаҳои ӯ дар асл маводди воқеии хусусияти мардумшиносидошта мебошад.

Муҳққиқи дигар, ки дар таҳқиқи масоили мардумшиносии таҳқиқоти муҳим анҷом додааст, Зинаида Александровна Широкова мебошад. Ӯ баъди хатми факултети шарқшиносии Донишгоҳи давлатии Ленинград ба номи А.А. Жданов бо ихтисоси «мардумшиносӣ» фаъолияти илмии худро зери роҳбарии шарқшиноси маъруф И.И. Зарубин шуруъ кард. З.А. Широкова баъди хатми донишгоҳ дар соли 1950 дар Институти таърих, забон ва адабиёти Филиали Тоҷикистонии АИ ИҶШС дар вазифаи ходими хурди илмӣ кор карда, моҳи декабри

соли 1971 зери роҳбарии А.К. Писарчик дар мавзуи «Либоси тоҷикзанони кӯҳистонӣ» рисолаи номзадӣ ҳимоя кард.

Мардумшинос З.А. Широкова чанд бор дар ҳайати экспедитсияҳои мардумшиносӣ, ки Институти таърих ташкил карда буд, аз ҷумла, экспедитсияҳои соли 1954 дар Дарвоз, солҳои 1955–1956 дар Рашт, соли 1963 дар минтақаи зериобшавандаи НБО-и Норак, солҳои 1948, 1968, 1969 дар ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ва солҳои 1972–1974 дар ноҳияи Шаҳритус иштирок намудааст.

Муҳаққиқ маводди зиёди саҳроӣ ҷамъ кард, ки баъдан ба китоби дастаҷамъии «Атласи мардумшиносии Осиёи Миёна ва Қазоқистон» дохил карда шуда, аз ҷониби Институти мардумшиносии ба номи Миклухо-Маклайи АИ ИҶШС нашр гардид.

З.А. Широкова дар баробари чунин мардумшиносони намоён, ба монанди А.К. Писарчик [156, с. 134-141], О.А. Сухарева [188, с. 143], С.П. Русяйкина [180, с. 132-214; 181, с. 86-98; 182, с. 28-33] ва Е.М. Пешерева [13, лл. 1-40] дар омӯзиши либоси тоҷикони кӯҳистон ва водӣ саҳми калон гузоштааст. Дар ҳайати экспедитсияи мардумшиносӣ З.А. Широкова на танҳо дар Кӯлоб [196, с. 95-103], балки дар Қаротегину Дарвоз [200, с. 116-202] таҳқиқот анҷом дод. З.А. Широкова таҳқиқотро дар гурӯҳи деҳаҳои Кӯлоб, водии дарёҳои Оби Хингоб, Ёхсу, Қизилсу ва деҳаҳое, ки дар ҷараёни миёнаи дарёи Вахш – Тутқавул ва Норак, инчунин дар водии дарёи Варзоб ҷойгиранд, гузарондааст. Дар таҳқиқоти ӯ маводди саҳроии зиёд истифода шудааст, ки солҳои 1952–1968 ҷамъ гардидаанд [193, с. 34-36].

Ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон, ки аз ҷониби З.А. Широкова таҳқиқ шудаанд, сокинонаш асосан тоҷикон мебошанд. Ҳудуди кӯҳистони муосири Тоҷикистон дар гузашта ба ду вилояти фарҳангӣ тақсим мешуд: Тахористон дар ҷануб (дар ҳавзаи Амударё) ва Суғд дар

шимол. Боқимондаи тафовутҳо дар анъанаҳои фарҳангии шимолу ҷануб дар замони мо ҳам  мушоҳида мешавад.

Яке аз омилҳои муҳим дар ин давра ишғоли ҳудуди бекигариҳои Қаротегин, Кӯлоб, Балҷувон ва инчунин шоҳигарии Дарвоз аз ҷониби аморати Бухоро буд, ки то барқароршавии Ҳокимияти Шуравӣ дар ҳолати ниммустақилӣ қарор доштанд. Ба намуди зоҳирии либоси занони бекигариҳои Кӯлоб ва Балҷувон, мувофиқи маълумоти З.А. Широкова [202, с. 56] матоъҳои воридшуда, мавод ва либосҳои занонаи Бухоро таъсири зиёд расонданд. Аз Бухоро асосан матои пахтагӣ меоварданд. Гузашта аз ин, буриши ғайримуқаррарии либоси занонаро дар Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг ва Балҷувон низ аз Бухоро мерос гирифтанд.

Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX дар ҳудуди кӯҳистони ҷануби Тоҷикистон пироҳанҳои намуди осиёимиёнагӣ паҳн шуда буданд. Аз рӯи усулҳои асосии буриш онҳо барои тамоми Тоҷикистон ва ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна дар маҷмуъ якхелаанд. Як матоъ ба таври уфуқӣ бурида мешавад, ки пеш ва пуштро ташкил медиҳад, китфҳои он дӯхта намешавад; ба таври амудӣ (бе сӯрохии буридашуда) дастакҳои рост ё танг дар охири он дӯхта мешаванд. Дар зери бағал қариб доимо қулфак дӯхта мешавад, ки он аксар вақт шакли секунҷаи начандон калон, ё аҳёнан ромбшакл буданд [203, с. 88–89].

Дар паҳлӯҳои пироҳан тирез дӯхта мешавад, ки он аксаран шакли чоргӯшаи тарафҳояш нобаробар дошта, кунҷи росташ пеш баромадааст, бо кунҷҳои каҷ аз пешу пас ба матои асосӣ дӯхта мешаванд, тарафҳои рост ба паҳлӯҳо рост меоянд. Ҳангоми буриш кӯшиш мекунанд усули сарфаи матоъро риоя намоянд. Остинҳои рост аз матои ба паҳнӣ дуқатшуда дӯхта мешавад, агар ин матоъро ба таври дастбоф тайёр карда бошанд.

Остинҳое, ки ба тарафи банди даст танг мешаванд, аз пораи матои росткунҷа, ки ба паҳлӯ дуқад карда шудааст, мебуранд, аммо онро чунон қат (таҳ) мекунанд, ки канорҳои матоъ дар мобайн якҷо шаванд. Тирезҳои паҳлӯиро низ аз як пора матои дуқадшуда ва бо хати каҷ буридашуда медӯзанд. Баъзан матоъро то остинҳои банди панҷаи даст танг мекунанд ва онро низ каҷ мебуранд. Бар хилофи остинҳо ҳангоми буриши тирез матоъро ҳамеша ба дарозии (қади) матоъ қат мекунанд.

Сарфи назар аз буриши якхела пироҳанҳои занона дар Тоҷикистон тафовутҳои маҳалии худро доштанд. Пироҳанҳои занона дар деҳаҳои марказии Қалъаи-Хумб ва Умарак, мувофиқи маълумоти А.К. Писарчик ва З.А. Широкова, нисбат ба деҳаҳои дар поён қарор дошта, васеътар буданд. Бинобар ин, вақте пироҳан аз матои дастбоф дӯхта мешуд, онро баробари якуним андозаи матоъ мегирифтанд: дар натиҷа андозаи матоъ 40-43 см мешуд [156, с. 134].

Пироҳанҳои ҳамин гуна васеъро аз матои дар корхонаҳои саноатӣ истеҳсолшуда низ медӯхтанд. Остинҳояшон он қадар танг набуд. Агар дар деҳаҳои поён васеии остин дар банди панҷаҳои даст тақрибан 1/3 асоси паҳноии онро ташкил медод, пас дар ин ҷо ин таносуб ба ½ наздик мешуд. Дар пираҳанҳои давраҳои баъдӣ остинҳои комилан рост бо паҳнии 30 см. пайдо шуданд. Тирезҳои паҳлӯйҳам нисбат ба деҳаҳои поён кам васеъ шуданд, масалан дар деҳаҳои боло 10-13 см ва дар деҳаҳои поён 20-25 см-ро ташкил медоданд.

Дар деҳаҳои болои Дарвоз – Пшихарв занони калонсол дар баробари намунаҳои васеъ пироҳанҳои нисбатан танг низ мепӯшиданд. Тибқи маълумоти мусоҳибони аз инҳо ҳам солортар, ки ба онҳо дар таҳқиқотҳояш З.А. Широкова [202, с. 36] такя кардааст, остинҳои рости васеъ аз Қалаи Хумб омадааст, дар замонҳои пеш дар инҷо пираҳанҳои карбосиро бо остинҳои сарҳояшон (нӯгҳояшон) танг, ки аз пахтаи хонагӣ дӯхта мешуд, мепӯшиданд.

Тибқи маълумоти ҷамъовардаи С.П. Русяйкина ва З.А. Широкова, «то ҳамроҳшавии Дарвоз ба аморати Бухоро, яъне то соли 1877, тоҷикони Дарвоз пироҳанҳои доманвасеъ бо камари танг, нӯги остинҳояшон танг, ки панҷаҳои даст ба зӯр медаромаданд, мепӯшиданд. Буриши ин пироҳанҳо монанд ба ҳамон буришест, ки мо танҳо дар деҳаҳои поёни Дарвоз дида будем» [182, с. 31].

Кӯҳантарин пироҳанҳое, ки З.А. Широкова муайян кард, дар деҳаҳои поёнии Дарвоз – Ёгед ва Зиғар ба қайд гирифта шудаанд. «Дар ин деҳаҳо матои асосии пироҳани занона, ки «қад» ном дорад, танг буда, васеъгиаш як бари матои дастбофи дӯхташударо ташкил медиҳад, яъне бо паҳнии 28-30 см буда, аз васеъгии китфҳои зани маъмулӣ камтар буд» [202, с. 91].

Ба ақидаи муҳаққиқон «дар баробари ин тирезҳои нӯгашон борик то 10 см, ки дар поён бисёр васеъ гашта, аз 25 то 35 см мерасиданд, дӯхта мешуданд. Ин ба он меовард, ки китфони пироҳан танг шуда, ба камар мечаспид ва доманаш фарох мешуд. Аз рӯи дӯхт ин пироҳан ба пираҳонҳои тоҷикони помирӣ наздик мешаванд, аммо онҳо нисбатан тангтар ва кӯтоҳтар буда, дарозиашон аз 103–110 см-ро ташкил мекарданд, остинҳои нисбатан кӯтоҳтар доранд» [196, с. 97]. Ҳангоми пайдо шудани матоъҳои корхонаҳои саноатӣ буридани либос ва андозаи он тағйир наёфтааст, пораи матоъ дар ин маврид аз нисф ва ё камтар аз нисфи бари он, сарфи назар аз нақшу нигори матоъ иборат буда, андозаи тирез ҳам бетағйир монд.

Остинҳо хеле васеъ, 30–40 см, мебошанд, аммо дар банди панҷаи даст тангтар шуда, 10-13 см-ро ташкил медиҳанд. Аз рӯйи маводди С.П. Русяйкина ва А.К. Писарчик чунин бармеояд, ки пештар остинҳо хеле дарозтар аз дастҳо буданд ва дар дарозии 20-25 см аз охири остинҳо бо чоки буридашуда дӯхта ва ҳангоми корҳои хона дастҳо ба он даровarда мешуданд [182, с. 29; 156, с. 137].

С.П. Русяйкина қайд мекунад, ки «дар асри XIX – ибтидои асри XX пироҳанҳои ҷашнии занона вуҷуд доштанд, ки дар остинҳои тангашон дар сатҳи банди панҷаҳои даст ва ё каме болотар чобукҳои иловагии уфуқӣ бо сӯзаниҳо ороиш дода шуданд» [14, лл. 13]. Ӯ расми яке аз чунин сӯзаниҳоро аз Осорхонаи антропология ва мардумшиносии ба номи Пётри Кабири шаҳри Санкт-Петербург меорад, ки дар он дар шакли тайёр аз болои бурӣш дӯхта шудааст.

С.П. Русяйкина дар идома меафзояд, ки «дар Тоҷикобод соли 1957 занони пиронсол остинҳои калони пироҳанҳои духтарони ҷавонро маҳкум мекарданд, зеро ҳангоми бардоштани онҳо дастҳо урён мешавад» [180, с. 186]. Зоҳиран, вақте занҳои пир ҳамин гуна ҷавон буданд, остинҳои пираҳанҳояшон то ҳадди эътидол васеъ буданд. Пироҳанҳои занони Қаратоғ ва Варзоб ба пироҳанҳои занони кӯлобӣ ва қаротегинӣ монанданд. Дар иртибот ба пироҳанҳои занони Варзоб М.С. Андреев соли 1927 чунин менависад: «Онҳо пироҳанҳои хеле васеъ ва кӯтоҳ мепӯшанд, ба ҳадди чоряк, аммо поёнтар аз зону» [29, с.о410].

Баъдҳо ба чок кардани остини пираҳанҳо хотима доданд, аммо гулдузӣ боқӣ монд. Дар айни ҳол дар он чоки матоъ дар шакли ду рахи сиёҳи арзии бо нақшу нигор кашидашуда, ки «чобук» ном дошт, дӯхта мешуд. Мувофиқи таҳқиқоти С.П. Русяйкина «дарозии остинҳои қариб 45 см-ро, ки тақрибан то миёнаи кафи даст мерасид, ба қайд гирифтем. Пироҳанҳои занон дар деҳаҳои марказии Дарвоз (Қалъаи Хумб, Умарак) нисбат ба пироҳанҳои занони деҳаҳои поёнӣ васеътар буданд, бинобар ин, вақте аз матои дастбоф дӯхта мешуд, пас баробари якуним андозаи матоъ мегирифтанд: дар натиҷа андозаи матоъ 40-43 см мешуд. Ҳамин гуна васей (баъзан каме тангтар) аз матоъҳои истеҳсоли саноатӣ медӯхтанд, аммо остинҳо зиёд танг набуданд» [181, с. 188].

Агар дар деҳаҳои поён остини пираҳанҳо дар банди панҷаи даст тақрибан 1/3 васеии асосиро ташкил мекард, пас дар ин ҷо таносуб ба

½ мерасид. Дар пираҳанҳои давраҳои баъдӣ остинҳои комилан рост бо дарозии 30 см пайдо шуданд. Тирезҳои паҳлӯӣ низ нисбат ба деҳаҳои поёнӣ кам васеъ шуданд. Масалан, дар деҳоти боло 10-13 см, дар деҳаҳои поён 20-25 см-ро ташкил кард.

Дар деҳаҳои болои Дарвоз (деҳаи Пшихарв) занони пиронсол дар баробари пироҳанҳои васеъ пироҳанҳои нисбатан танг низ ба бар мекарданд. Тибқи иттилои калонсолон остинҳои васеи рост аз Қалаи Хумб (Вом) гирифта шудааст, дар даврони гузашта дар инҷо пироҳанҳои аз матои пахтаи хонагӣ ва ё карбосӣ дӯхташударо бо остинҳои танг мепӯшиданд.

Ҳамин тариқ, натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки то ҳамроҳшавӣ ба Бухоро дар тамоми Дарвоз пироҳанҳои камартанг бо остинҳои сарашон танг роиҷ буданд [101, с. 4]. Танҳо бо пайдоиши беки Бухоро ва «дарбор»-и ӯ буриши навъи пироҳанҳои занона, яъне пироҳанҳои васеъ бо остинҳои васеи дароз (вом) гирифта шуданд, аммо дар худи Қалъаи Хумб – маркази ноҳияи Дарвоз зебоии пироҳанҳо нисбат ба деҳаҳои он хеле пештар сурат гирифт.

Буриши пироҳанҳои занона дар Кӯлоб дар охири асри XIX – ибтидои асри XX аллакай зери таъсири назарраси мӯди Бухоро монда буд [202, с. 52]. «Баъди ҳамроҳшавии Кӯлоб ба аморати Бухоро дар соли 1870 ва пайдо шудани амалдорони бухороӣ занони маҳаллӣ ин буришро аз занони бухороӣ ҳамчун буриши мӯдтар қабул карданд» [202, с. 55]. Дар Кӯлоб матои асосӣ аз ду пораи матои дастбоф иборат буд ва он қариб 60 см ва ё ҳатто бештар аз инро ташкил медод ва аз ин рӯ, ба таври назаррас аз паҳнии китфони занон фарохтар буд.

Дарозии остинҳо ба андозаи бари қаду қомат баробар буда, аз ду порчаи матоъҳои дастбофи баробар гузошта бурида мешавад. Дар аксар остинҳои пироҳанҳое, ки андозаашонро кормандони экспедитсия гирифтанд, остинҳо нисбатан калон буда, аз 20 то 30 см-ро ташкил

мекарданд. Дар айни ҳол, байни паҳнии остинҳо фарқият дар қад ва банди панҷаи даст ҳамагӣ 1 см-ро ташкил мекард. Аммо асос вуҷуд дорад. Мо чунин шуморем, ки ин тарзи духт зебоии давраи дертар аст. Пироҳанҳое дучор меоянд, ки бо охири асри XIX санагузорӣ шуда, фарқияти онҳо ҳамагӣ 5 см аст.

Соли 1925 М.С. Андреев [27, с. 11] дар водии дарёи Ёхсу (деҳаи Питаудӣ) дар баробари пироҳанҳое, ки остинҳои васеи рост аз 25 то 30 см доштанд, як пироҳани карбосӣ харид, ки остинҳои он дар қад 38 см ва дар банди панҷаи даст кат шуда, то 26 см тангтар гардидааст. Аммо дар деҳаи Сибкопа сари остине харида шуд, ки мисли гулдӯзиҳои Дарвоз, ки дар остинҳо дӯхта мешуд, ду рахчаи сиёҳ дӯхта шудаанд, ки шабеҳи буришҳо буданд. Аммо остинҳо хеле танг камтар аз 15 см., чунон ки дар Дарвоз дучор омада буданд, дар Кӯлоб ба қайд гирифта нашуданд.

Дар либосҳои зебои идонаи кӯлобӣ дар охири асри XIX – нимаи якуми асри XX васеъшавии матои асосӣ ва дарозии остинҳо, яъне наздикшавии бештар ба мӯди бухоройӣ мушоҳида мешавад. [196, с. 103–107]. Тирезҳои паҳлӯӣ дар аксари пироҳанҳои ченкардаи мо ба поён қариб ду баробар васеъ (10-12 см ба боло ва 18-27 см ба поён) шуда, танҳо дар тирезҳои паҳлӯӣ ҳам дар қисмати боло ва ҳам дар қисмати поён қариб як хел 13-13,5 см буданд.

Дар бархе аз ноҳияҳои кӯҳистони Кӯлоб, Дарвоз ва Ҳисор баъзан чанд пироҳанро болои ҳам мепӯшиданд. Пироҳани поёнӣ маъмулан сафед, болоиҳо рангоранг буданд. Барои он ки сари остинҳои пироҳанҳои поёнӣ намоён шаванд, остинҳои пироҳанҳои болоӣ нисбат ба остинҳои поёнӣ кӯтоҳтар, бо дарозии 55-58 см дӯхта мешуданд. Пироҳанҳои қаротегинӣ аз рӯи дарозӣ тақрибан то миёнаҳои мушаки по мерасиданд.

Ҳама пироҳанҳои ченкарда, чунон ки дар таҳқиқоти З.А. Широкова қайд мешавад, аз рӯи буриш ба пироҳанҳои бухороӣ шабоҳат доранд, аммо мисли Кӯлоб васеъ нестанд. Паҳнии матои асосӣ ба 45–55 см мерасид, яъне камтар аз паҳноии матои истеҳсоли саноатӣ буд. Пироҳанҳои дертар дӯхташуда, масалан, солҳои 50-умро ба андозаи миёна васеъ мекарданд.

Тӯй яке аз муҳимтарин рӯйдодҳо дар зиндагии на танҳо оила, балки тамоми авлод ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, либоси арӯсии анъанавӣ дар миёни тоҷикон унсурҳои умумӣ ва хосси вобаста ба минтақаҳои гуногуни зиндагии тоҷикон дорад. Арӯсро пеш аз омадани домод шустушӯйи маросимӣ, ки «саршуйён» ном дошт, анҷом дода, либоси ҷашнӣ мепӯшонданд ва мӯйҳои ӯро ороиши анъанавӣ дода, дар нӯги мӯйҳояш пахта мебофтанд, ки рамзи бахти сафедро ифода мекард. Либоси арӯс махсус барои маросимҳои арӯсӣ ва асосан аз матоъҳои сафеду сурх дӯхта мешуданд. Аз болои курта калтача мепӯшонданд. Аз пӯшишҳои ҳатмии арӯсӣ сарандоз – матоъи калони сафед буд, ки ба сари арӯс мепӯшонданд ва он бояд рӯй, пеши бар, китфҳо ва тамоми пушти арӯсро мепӯшонид. Арӯс онро пас аз шаби аввали никоҳ дар хонаи домод аз сари худ мегирифт. Дар вақти ба хонаи домод бурдани арӯс маъмулан ба рӯи ӯ фаранҷӣ меандохтанд, аммо аз миёнаи солҳои 30-юми асри XX дигар он истифода намешуд.

Шумораи ороишот зиёд мешуд, аммо онҳо ҳамоно духтарона буданд. Барои арӯс пойафзори тӯйона кафш ва маҳсии дароз буд. Барои хонаводаҳои сарватманди тоҷик пойафзол аз кимхоби сафён, кемухт, моҳут ва бахмал омода шуда, бо гулдӯзиҳо ва нақшҳо аз чарм оро дода мешуд. Чунин тамоил то даҳсолаҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ пойбарҷо буд.

Ивазшавии либоси духтарона ба занона пас аз омадани арӯси ҷавон ба хонаи шавҳар ва шаби аввали никоҳ сурат мегирифт [188, с.

12]. Арӯс либоси занона пӯшида, сарпӯши духтаронаи дорои унсурҳои занона ба сар мекард, ҷавоҳироти тӯйона ба гӯшҳо, дастон ва гардан андохта, ороиши мӯйи худро аз духтарона ба занона тағйир медод. Дар либоси арӯси навхонадоршуда тағйирот ба амал меоянд, ки хосси либоси занона мебошанд. Акнун арӯси ҷавон ду-се ё баъзан бештар аз он либос мепӯшид. Пироҳани таҳ ҳатман аз матои сафед дӯхта шуда, куртаи бахти сафед номида мешуд. Аз боло куртаи дилхоҳ ранги баландро пӯшидан мумкин буд. Куртаҳои занона буриши дӯхти гиребонии тамоман дигар доштанд, ки буриши дарозу амудӣ то миён дошт. Ин гуна куртаи тагпӯшро *"куртаи пешкушо",* яъне куртаи аз пеш кушода меномиданд. Маводди мардумшиносӣ имкон медиҳад тартиби умумии дӯхтани либос муайян карда шавад [188, с. 21]. Ҳамин тариқ, дарозии куртаи қариб тамоми занон то кафи пой тӯл кашида, остинҳо аз панҷаи дастон хеле дарозтар (10–20 см) ва шакли умумии курта васеъ дӯхта мешуд. Остинҳои куртаи болоӣ каме кӯтоҳтар буданд, ки имкон медод остинҳои куртаи таг дида шавад. Мардумшиносон натавонистанд навгониеро дар либосҳои тӯйонаи тоҷикон ба қайд гиранд. Либоси тӯйонаи духтари тоҷик мисли пешина боқӣ монд, фақат барои дӯхтани куртаҳо аз матоъҳои наву замонавӣ истифода мешуд. Дар охири солҳои 40-ум дар миёни зиёиёни шаҳрӣ «тӯйҳои сурх» маъмул шуда, дар онҳо арӯс куртаи сафеди аврупоӣ ва домод костюми сиёҳ бо куртаи сафед мепӯшиданд. Бо омадан ба хонаи домод, арӯс либоси анъанавӣ мепӯшид ва пас аз он маросимҳои лозимро амалӣ мекарданд.

Дар Кӯлоб ҳам дар давраҳои пеш ва дар охири асри XX либосҳои расмӣ ва арӯсӣ баъзан васеъ буданд. Бари матои истеҳсоли саноатӣ то 65 см-ро ташкил медод. Н.А. Кисляков дар мақолаи худ «Жилище горных таджиков бассейна реки Хингоу» ба ин масъала таваҷҷуҳ намуда, қайд менамояд, ки «дарозии остинҳо аксаран баробар ба

андозаи бари матои саноатӣ буд, яъне 60–65 см. Остинҳо рост, васеъ нисбат ба ҳамаи дигар ноҳияҳо то 30-35 см буданд. Дар либосҳои зебои идона паҳноии остинҳо аз 40 см зиёд буд. Тирезҳои паҳлӯӣ мисли пироҳанҳои тоҷикони кӯлобӣ қариб ду баробар васеъ мешуданд, яъне аз 10–13 см. дар боло ва то 21–24 см дар поён» [88, с. 43]. Муҳаққиқи дигар З.А. Широкова қайд мекунад, ки буриши пироҳанҳои занона дар Кӯлоб дар охири асри XIX – нимаи аввали асри XX аз пироҳанҳои занонаи ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон фарқ мекунанд. Қад 60 см ва ё каме зиёдтар буда, остинҳо тақрибан ҳамин андоза дарозӣ доштанд. Баъзан аз матои истеҳсоли саноатӣ, ки бараш 54–60 см буд, қадро танг мекарданд.

Остинҳо аз 30–35 см-ро ташкил мекарданд. Дар деҳаи Лангари ноҳияи Муъминобод, З.А. Широкова пироҳани занона харид, ки ба соли 1895 тааллуқ дошт. Қади ин пироҳан то 35 см ва остинҳояш васеъ, то 38 см буд. Сари остини ин пироҳан то 15 см мерасид. Аз сокинони деҳае дар лаби дарёи Ёхсу дар баробари пироҳанҳои занона, ки остинҳои васеи рост доштанд, муҳаққиқ як пироҳани карбосӣ бо остинҳои дароз харид, ки қадаш то 33 см расида, дар банди панҷаҳои даст танг карда шуда, то 26 см мерасид. З.А. Широкова қайд мекунад, ки «пироҳанҳои дорои остинҳои нисбатан танг (камтар аз 15 см) дар Кӯлоб ба қайд гирифта нашудааст» [202, с. 29].

З.А. Широкова менигорад, ки «Дар Қаротегин пироҳанҳои аз матои саноатӣ дӯхташуда дар солҳои 30-юм пайдо карда нашуд. Инҷо мисли Дарвозу Кӯлоб дар солҳои 20-уми асри XX таъсири мӯди Бухоро ҳис мешуд» [202, с. 30].

Пироҳанҳои занона, ки солҳои 20-ум харидорӣ шуда, ки дар фондҳои Осорхонаи антропология ва мардумшиносии ба номи Пётри Кабир дар шаҳри Санкт-Петербург нигоҳдорӣ мешаванд, аз рӯи дарозӣ ба пироҳанҳои дарвозӣ наздиканд [13; 14; 16]. Дарозии остинҳои

пироҳанҳо аксаран ба андозаи пурраи матои дар дастгоҳи саноатӣ бофташуда, яъне то 65 см баробар буд (60–65 см). Остинҳо рост, васеъ (васеътар аз пироҳанҳои ноҳияҳои дигар), яъне 30–35 см-ро ташкил мекарданд. Дар либосҳои зебои идонаи васеии остинҳо бештар буда, 40 см-ро ташкил медод. Тирезҳои паҳлӯӣ мисли пироҳанҳои занони кӯлобӣ тақрибан ду баробар васеъ буданд: аз 10–13 см дар боло то 21–24 см дар поён [196, с. 99]. Аз рӯи дарозӣ пироҳанҳои қаротегинӣ тақрибан то миёнаи соқи по мерасиданд.

Тибқи маълумоти З.А. Широкова либоси болои тоҷикзанони Кӯлоб аз рӯи буриш амалан аз либоси болои ҳаррӯзаи занони Қаротегин ва Варзоб фарқ надоранд [196, с. 101]. Либоси занонаи болоӣ аз камзулча ва хилъат – ҷома (дар фасли зимистон) иборат буд. Либоси болопӯши занони ҷануби Тоҷикистон амалан бо либосҳои болоии мардона якхелаанд. Фарқ танҳо дар ранги матоъ ва ё худи матоъ аст. Барои мардон матоъ аз чит, бахмал ё беқасаб истифода мешавад.

Дар Қаротоғ пироҳанҳои идонаро баъзан мисли пироҳанҳои бухороии давраҳои баъдӣ бидуни тирезҳои паҳлӯӣ мебуриданд. Чунин буриш дар матоъҳои васеъ (матоъҳои абрешимии дастбофро дар чунин ҳолат аз ду порча матоъ медӯхтанд) ба мушоҳида мерасид. Матоъро дуқабата рӯи ҳам гузошта, дар қисми болоӣ бари остинро чен намуда, дар пойини онҳо пораи матои фонашакл мебуриданд, ки ба самти доман қатъ мегардид. Ҳамин тариқ, қади пироҳан дар қисмати поён васеъ шуда, як қисми остин ҳар қадар, ки лозим бошад, дароз карда мешавад. [203, с. 88–99].

Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX дар пироҳанҳо дар кӯҳистон ва водиҳои Тоҷикистон ду намуди гиребон вуҷуд дошт: 1) дар шакли чоки амудӣ бидуни гиребони дӯхташуда ва 2) дар шакли чоки уфуқӣ дар китфон. Пироҳанҳо бо гиребони шакли якум «пироҳани

пешкушо» ё «пироҳани пешчок» ном доштанд, яъне пироҳанҳое, ки пеши барашон боз буд, «пироҳани пешак», «пироҳани пешчок» (пироҳанҳое, ки аз пеш чок доштанд), «якчока» – як чок дошт, «пироҳани «камарча», «пироҳани куба» меномиданд.

Тавре З.А. Широкова қайд кардааст: «Дар Кӯлоб, Қаротегин ва Дарвоз барои дӯхтани либоси занона матои сафеди ғафс бофташуда, ки карбос ном дошт, истифода мегардид. Баъзан ин карбос ранги сурх, сиёҳ ва ё кабуд дошт, ки онро алоча ё қаламӣ мегуфтанд. Дар Дарвоз барои пироҳанҳои занона матои сафед бо рахҳои сафед – куртачӣ, бо хатҳои сурх ва хатҳои кабуд, инчунин матои абрешимӣ – доройӣ» [203, с. 19] ё қазин, ки бо усули махсус – гулбаст нақшин карда мешуд, мебофтанд.

Баъди инқилоби соли 1917 ба теъдоди хеле зиёд барои духтарон ва занони ҷавон матоъҳои бахмалӣ, парча ва дигар тикаҳои гаронбаҳо пайдо шуданд. Дар Ҳисор занони ҷавон барои пироҳанҳо ба матоъҳои пахтагини рангоранг бо гулҳои калон афзалият медиҳанд. Бояд қайд кард, ки дар Кӯлоб, Қаротегин ва Дарвоз дӯхтани пироҳан аз матои кабуд ва ё сиёҳ расм нест.

Пироҳанҳои гиребондор дар шакли буриши уфуқӣ пироҳани китифак, пироҳани таёқ ном доштанд. «Пироҳани муллоӣ» ё пироҳани муллоча барои он мегуфтанд, ки чунин гиребонро ҳамеша барои муллоҳо медӯханд. Пироҳани чоки амудӣ доштаро ҳамеша занони шавҳару кӯдак дошта, мепушиданд, аммо пироҳани чоки уфуқӣ доштаро духтарон ва занони ҷавон дар солҳои аввали оиладорӣ ба бар мекарданд. Пироҳанҳои пешчокро асосан занҳои калонсол ба бар мекарданд ва ба он қулфи гиребон, ки аз нуқра ороиш дода мешуд, мечаспониданд.

Барои макондани кӯдакон занҳо дарзҳои паҳлӯиро каме чок намуда, канори онҳоро бо мағзӣ ва ё зеҳи ранга медӯханд. Дар

мавриди мавҷудияти пироҳанҳои духтарона ва занона дар Қаротегин ва Дарвоз ҳанӯз соли 1903 дар асарҳои А.А. Семёнов маълумоти ҷолиб оварда шудааст [186, с. 30]. Солҳои 20-уми асри XX пироҳанҳои духтарона бо гиребони уфуқӣ дар водии дарёи Сурхоб аз ҷониби Е.М. Пешерева ба қайд гирифта шудаанд. Ҳамзамон, М.С. Андреев, ки соли 1927 дар Варзоб таҳқиқот анҷом додааст, оид ба ин масъала ишора намуда [26, с. 219], дар мақолаи дигари худ қайд менамояд, ки «онҳо пироҳанҳои васеъ, аммо кӯтоҳ, аз чоряки зону кӯтоҳтар мепӯшанд» [27, с. 17]. Тафовути ҷиддӣ миёни пираҳанҳои духтарона ва занонаро дар давраҳои пеш дар Кӯлоб А.К. Писарчик[164, с. 53] қайд мекунад. Ба пироҳанҳои қаротегинӣ ва кӯлобӣ пироҳанҳои Қаротоғ ва Ҳисор монанд мебошанд.

Дар ҳаёти рӯзмарра, алалхусус, баъди солҳои 30-юм занони тоҷик ҳамеша пироҳанро озод, бидуни камарбанд мепӯшиданд. Маҳз дар ҳамин давра, чунонки З.А. Широкова қайд мекунад, тағйироти ҷиддӣ дар либоси занони тоҷик дар ҷануби Тоҷикистон ба амал омада, камзӯлча ва остиндорӣ дар ҷойи пайвасти остин дӯхташуда пайдо мешавад [202, с. 71].

Ин воридшавӣ ба ҳаёти нави маишӣ, буриши нисбатан мураккаб буд, ки симои зоҳирии занони тоҷикро хеле тағйир дод. Дар солҳои 30-юм либоси миллии болоии занон, алалхусус дар кӯҳистон хеле тағйир ёфт. Намудҳои нави пироҳанҳои занона, аз ҷумла, камзӯл ё канзӯл, ки шаклу буриши дигар дошт, пайдо шуданд. Аз ин ҷо таъсири Русия, махсусан либоси тоторҳо на танҳо дар либоси тоҷикон, балки дигар халқҳои Осиёи Миёна дида мешавад, ки оид ба ин тағйирот ва воридшавии либос дар байни мардумони ин минтақа О.А. Сухарева маълумот додааст. Тибқи ахбори ӯ «дар либосҳои арӯсии тоҷикон аввалан камзӯл вуҷуд надошт ва он пас аз тӯйи арӯсӣ аз зарлатта (парча) дар хонаи шавҳар дӯхта мешуд» [188, с. 17].

Намуди нави либоси занони қисми ҷануби Тоҷикистон камзӯл буд. Дар ибтидо ин намуди либосро дар Қазон ва Ӯзбекистон мепӯшиданд, аммо баъдан дар миёни тоҷикони ҳамвориҳои минтақаҳои ҷануб ва шимоли Тоҷикистон паҳн шуд. З.А. Широкова дар баробари либосҳои аҳолии калонсолони Тоҷикистон ба либосҳои кӯдакона низ диққат додааст. Аз ҷумла, ӯ дар мақолаи худ «Либоси кӯдаконаи тоҷикон ва урфу одатҳои ба он алоқаманд» [197, с. 76-83] ба истеҳсоли либоси кӯдакони навзод ва маросимҳои ба он алоқаманд ишора мекунад. Нахустин пироҳани навзодро дар охири асри XIX – ибтидои асри XX «пироҳани сагона» меномиданд. Дар солҳои 70-уми асри XX, чунон ки З.А. Широкова қайд мекунад, номи «пироҳани сагона»-ро танҳо калонсолон дар ёд доштанд, аммо ҷавонон пироҳани нахустини ин кӯдаконро аллакай «пироҳани чилрӯзагӣ» меномиданд [197, с. 76–78].

Саҳми З.А. Широкова на танҳо дар омӯзиши либосҳои занонаи миллии тоҷикон, балки дар омӯзиши тоқиҳои мардона ва рӯймолҳои занонаи тоҷикони на танҳо ноҳияҳои ҷануб, балки қисми шимол низ калон мебошад. Каллапӯшҳо – қисми таркиби либосҳои мардонаи тоҷикон буда, аз давраҳои қадим ҳамчун кулоҳ мардони бохтару суғд онро ба сар мекарданд.

Дар таҳқиқотҳои муҳаққиқ намудҳои гуногуни салла ва тоқию тӯппиҳо оварда шудаанд. Ба қавли З.А.Широкова тӯппӣ солҳои 80-уми асри XX дар байни мардони қисми ҷануби Тоҷикистон паҳн гардид. Асосан тӯппиро мардуми қисми шимоли Тоҷикистон ҳамчун «тоқии чустӣ» ва ё «тоқии фарғонагӣ» меномиданд, ки солҳои 40-уми асри XX дар ноҳияҳои Хуҷанд, Ӯротеппа ва Конибодом паҳн гардида, баъдан, дар охири асри XX, дар байни мардумони ноҳияҳои Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг, Данғара паҳн гардид. Тӯппӣ, тибқи таҳқиқотҳои муҳаққиқ, аввал дар байни мардумони Ӯротеппа ба зудӣ

пахн гардида, шакли чоркунҷа дошта, дар ҳар як қисми он гули бодоммонанди абрешими дӯхта шуда, асосан аз матои ранги сиёҳ иборат буд.

Яке аз каллапӯшҳои мардонаи ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон дар нимаи дуюми асри XIX – ибтидои асри XX дар ҳудуди бекигарии Қаротегин, Дарвоз ва Кӯлоб салла буд. Оид ба каллапӯшҳои мардонаи мардумони Бохтару Суғд муаррих Страбон овардааст, ки ҳанӯз дар асрҳои пеш аз мелод аз Египет то ба Ҳинд мардумон ҳар гуна намуди саллаҳоро ба сар мекарданд. Саллаҳоро дар асрҳои то мелод мидиягиҳо, баъдан форсҳо, Сосониён ва ҳатто арманиҳо низ мепӯшиданд. З.А. Широкова пас аз ин таҳқиқотҳо ба хулоса омадааст, ки салларо на танҳо мардумони мусулмон мепӯшидаанд. Ҳамчунин, З.А. Широкова қайд кардааст, ки занҳои Дарвоз низ дар асри XX салла мепӯшиданд, ки он «соба» ном дошт ва он ҳаҷман аз матои аз 3–5-метра иборат буд.

Дар ҳудудҳои Кӯлоб, асосан дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳин мардумони роғӣ зиндагӣ мекунанд, ки онҳо дар натиҷаи муҳоҷират аз деҳаи Роғи Афғонистон ба инҷо омадаанд. Занҳои роғӣ ба дӯхтани тоқӣ, куртаҳои занона ва бофтани ҷӯробҳои пашмин машғул буданд. Ба қавли А.К. Писарчик роғиҳо аз занҳои тоҷик ин ҳунарҳоро ёд гирифтаанд. Дар таҳқиқотҳояш мардумшинос А.З. Широкова овардааст, ки яке аз намудҳои гуногуни тоқӣ – арақчин буд. Арақчин – «ҷамъкунандаи арақи сар» яке аз намудҳои тоқиҳои мардона ба шумор рафта, асосан аз матоъи сабуки сафед дӯхта мешуд, қисмҳои асосии он «тора ва ё таги тоқӣ», «гирда» буд, ки ба ҳар тариқа пар-пар ва ё кунгура ва бибияк дӯхта мешуд. Арақчинро мардони қисми ҷануби Тоҷикистон зиёдтар дар вақти ҳавои гарм аз таги салла ва ё тоқӣ низ мепӯшиданд. Арақчин ва тӯппӣ то ҳол дар байни мардони ноҳияҳои Кӯлоб истифода мешавад. Дар байни занон рӯймолҳои начандон

калони ҳаҷман 90х90 см ташкил медод. Ин рӯймолҳо ранги сафед, сабз ва кабуд доштанд. Ба қавли З.А. Широкова солҳои 50-уми асри XX дар байни мардони Қаротегин ва ҳатто Сталинобод (Душанбе) намуди тоқиҳои «ироқӣ» пайдо шуда буд, ки асосан аз нақшҳои шакли ҷамъ (салиб) бо рангҳои ҳархела иборат буд. Ин намуди тоқиҳоро муҳаққиқ дар байни мардони Дарвоз пайдо накардааст. А.А. Семенов ҳанӯз соли 1903 қайд кардааст, ки занони қисми ҷануби Тоҷикистон сари худро бо матои борик, ки он «пешонибанд» ва «сарбанд» ном доштааст, мепӯшиданд. Ин сарбандҳо аз матои тахминан 50-60 см дарозӣ ва аз 4–10 см паҳноӣ дошт. Ба қавли З.А.  Широкова чунин пешонибандҳо дар байни мардумони ноҳияи Муъминобод дар аввали асри XX паҳн гашта буд ва он асосан аз матое, ки аз ду ва ё се ранг иборат буд, тайёр мешуд. Занони сарватманд бошад, аз матоъҳои қимати бо зар орододашударо истифода мекарданд. Солҳои 50-уми асри XX чунин намуди сарбандҳо ва пешонибандҳо аз байн рафта буд.

Ин пираҳанро ҳамеша аз матои равшан медӯхтанд. Матоъро ба андозаи як даври андом мегирифтанд. Аз чунин тикаи матоъ ду дарозӣ – пешу ақиб бояд ба миён меомад. Аҳаммияти парастиши саг ҳамчун нахустин ҳайвони аз ҷониби инсон ромшуда, тавре Г.П. Снесарёв менависад, «зуҳуроти (падидаи) назми рама, ки ба халқҳои зиёд хос буд, мебошад. Ҳангоме ки кӯдак калонтар мешавад, шуруъ ба дӯхтани шалвор аз ҳамон буриши барои калонсолон истифода мекунанд» [187, с. 320].

Аз қадим то имрӯз фарҳангшиносону мардумшиносон зиёда аз 700 навъи нақши гулдӯзиро маълум намудаанд, ки намунаҳои маъруфаш – аноргул, бодом, барги бед, гулгулак, ислимӣ, каҷак, лола, маҷнунбед, райҳон, себарга, тоҷи хурӯс, булбул, думи товус, парпар, пайи гунҷишк, ҳашттарк, моҳ, ситора, мори ,печон, гулбаст ва ғайра мебошад.

Қайд кардан ба маврид аст, ки тоҷикон ба кӯдак бо муҳаббат ва аҳаммияти хос муносибат мекунанд, аз ин рӯ аз лаҳзаи таваллуд барои кӯдакон либос омода мекарданд. Бо таваллуди узви хурдсоли оила маросимҳои ҳатмӣ баргузор мешуданд, ки ҳаёту саломатии кӯдак ва модарро ҳифз мекарданд. Метавон чанде аз вижагиҳои маънавии тоҷиконро, ки таърих онро муаррифӣ намуда аст, бо далелҳои баҳснопазир нишон дод. Аз ҷумла, аввалин маросими либоспӯшӣ ба тифли навзод, маросими мӯйсаргирон, гаҳворабандон, хатнаи тифл вуҷуд дорад. Ин маънавиёти қавии миллати тоҷик аст, ки асоси бунёди пойдории таърих, тамаддун ва маданияти ин миллат гардид.

Андешае роиҷ буд, ки куртаву шалвори дӯхташуда метавонанд ба қад ва инкишофи кӯдак таъсир расонанд. То чилрӯзагӣ кӯдакро дар матои нарм мепечониданд, ки метавонист курта ё рӯймоли модар ё модаркалонаш бошад. Танҳо пас аз маросими чиллабарой барои кӯдак яктак медӯхтанд ва он ҳам канорҳои поёнии онро надӯхта мегузоштанд ва он куртаи "чиллагаӣ" номида мешуд. Ба андешаи З. А. Широкова «Ин кор барои таъмини дарозумрии кӯдак анҷом дода мешуд. Чунин андеша дар миёни аксари тоҷикони водиҳо ва кӯҳистон роиҷ буд. Мардум фикр мекарданд, ки дӯхтани поини яктак умри кӯдакро кӯтоҳ карда, барои калоншавӣ ва саломатии ӯ монеъ мешавад» [196, с. 203].

Олимон изҳор доштаанд, ки бо барпошавии Ҳокимияти Шуравӣ маросимҳои марбут ба омодасозии аввалин либос барои кӯдакони навзод то давраи ҷанг ва пас аз он идома доштааст. Аммо дар либоси кӯдакони навзод танҳо аз охирҳои солҳои 50-ум навгониҳо – парпечҳо, яктакҳо, фойтунчаҳо ва бозичаҳо маъмул мешаванд. Либосеро, ки аз хилъат, курта ва кулоҳча иборат буд, анъанавӣ номидан мумкин аст ва он пас аз чиллаи кӯдак пӯшонда шуда, асосан ҳадяи модаркалони модарии кӯдак буд. Пӯшидани либоси «калонсолон» барои кӯдак аз синни се-панҷсолагӣ оғоз мешуд. Либоси ин давра хусусиятҳои

синнусолиеро дар бар мегирад, ки бо андоза, услуби дӯхту ороиш фарқ мекунад. Маҷмуи либоси кӯдакона аз куртаи анъанавии кӯдакона, ки буриши пироҳанӣ дошт, остини қатнашаванда дар панҷа ва напӯшандаи ангуштон иборат буд. Домани курта кӯтоҳ буд ва зонуҳоро намепӯшонд. Чунин курта аз самти чапи пеши гиребон чоки кӯтоҳи амудие дошт, ки тавассути тугма маҳкам ва боз мешуд.

Либоси болоии кӯдакон яктаҳе буд, ки аз матои пахтагии дастибоф бо астарӣ ё аз абрешими дорои нақшҳои абрӣ ё зарбофт дӯхта мешуд. Дар яктаҳ тӯмору муҳраҳои гуногун медӯхтанд, ки тибқи боварҳо гӯё кӯдакро ҳифз мекарданд.

Либоси кӯдак ҳамчунин кӯлоҳча дошт, ки онро аз лаҳзаи сари худро дошта тавонистани кӯдак мепӯшонданд. Дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ либоси кӯдакон, чӣ дар миёни аҳолии шаҳр ва чӣ деҳоти водиҳо, аз ҷумла, дар миёни тоҷикони кӯҳистон дучори тағйироти ҷиддӣ нашуд, ба истиснои он ки дар таҳияи либос аз матоъҳои замонавӣ истифода мешуд.

Ҳунармандони кӯҳистон то имрӯз либос, хилъат, камзӯлчаҳои кӯдакона, васкатҳои занона, рӯймоли миён, тоқӣ, дастмол, чойникпӯш ва монанди инҳоро гулдӯзӣ менамоянд, ки аз санъату ҳунари баланд доштани мардуми мо гувоҳӣ медиҳад. Чунин гулдӯзиҳои зеборо дар хонадони ҳар сокини ноҳияҳои Балҷувону Ховалинг, Шамсиддин Шоҳину Темурмалик ва шаҳри Кӯлоб вохӯрдан мумкин аст.

Гулдӯзӣ ҳунар ва санъатест, ки чун воситаи муҳимми зебоипарастиву ороишӣ хизмат мекунад ва аз насл ба насл мегузарад.

Дигар ҳунаре, ки дар байни мардуми минтақаҳои Кӯлоб машҳуру маъруф мебошад, навъе аз кашидадӯзӣ – чакан мебошад. Насли калонсолу миёнасол хеле хуб дар ёд доранд, ки дар минтақаи Кӯлоб ҳеҷ арӯсро бе пироҳани чакан ва чодару дигар намуди кашидадӯзиҳо ба хонаи домод гусел намекарданд. Набудани ин чизҳо барои арӯс айб

буду буданашон ифтихору сари баланд. Нақши чакан бо риштаҳои гуногунранг дар матои рангаш сафед, сурх, сабз ва зард кашидадӯзӣ мешавад.

Нақшҳои чакан мафҳумҳои гуногунро дар бар мегирад. Аз ҷумла, тасвири офтоб, моҳ, ситораҳо, оташ, ҷонварон ва растаниҳо, ки ҳар яки онҳо маънои ба худ хос доранд.

Духтарон дар ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон эзорҳои (поҷома) дароз то буҷулаки по мепӯшиданд, аммо дар шимол онҳо кӯтоҳтар буда, то байни мушакҳои соқи по мерасиданд; дар поёни эзор ба он шероза медӯзанд ва ё гулдӯзӣ мекунанд. Шалвори бачагона кӯтоҳ ва васеъ аст. Либоси болоии бачагона ва духтарона ҷомаи (хилъат) сабук аст. Пӯшидани ҷомаро барвақт сар мекунанд. Агар ҷомаи нахустинро дар вақти чилла медӯхтанд, пас онро дар қиёс бо пироҳани нахустин баъзан «ҷомаи сагона» меномиданд. Аммо ҷомаи нахустинро то кӯтоҳ шуданаш мепӯшиданд. Барои кӯдакон тоқиҳои гулдӯзишуда тайёр мекарданд. Гулдӯзӣ на танҳо тоқиро ороиш медод, балки ҳамчун тӯмор хизмат мекард.

Гулдӯзиҳои тоҷикӣ аз ҷониби ҳунармандон дар муддати 3–4 моҳ дӯхта мешаванд, агар бо шогирдон якҷоя бидӯзанд, метавонанд онро дар муддати 1,5–2 моҳ ба итмом расонанд.

З.А. Широкова соли 1985 дар заминаи маводди дар асnои экспедитсияи Кӯлоб ҷамоварда мақола таҳти унвони «Тоқиҳои мардонаи Кӯлоб» [199, с. 44–48] таҳия намуд, ки дар он ҳолатҳо ва тарзи истифодабарӣ, инчунин тартиби тайёр кардану бо гулдӯзӣ оро додани ин ҷузъи сарулибосро дар минтақаи номбурда тавсиф намуд. Аз ҷониби ӯ нақшу нигори тоқиҳои мардонаи шаклашон мудаввар аз шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои алоҳидаи ин вилоят мавриди таҳлили санъатшиносӣ қарор дода шуданд.

Боиси зикр аст, ки то ибтидои асри XX тоқӣ танҳо дар сарулибоси мардҳо истифода мешуд. Баъдан духтарҳо ва духтарчаҳо, асосан дар ноҳияҳои шимолӣ ва сипас ҷанубу-ғарбии ҷумҳурӣ ба истифодаи он шуруъ намуданд. То миёнаҳои асри XX бошад, тоқӣ ҷузъи муҳимми сарулибоси занона гардид. Тоқиҳои занона аз рӯйи шакл тоқиҳои мардонаро такрор мекарданд, танҳо ороиши онҳо бойтар буд. Ба истиснои ҳолатҳои алоҳида, акнун занҳо танҳо аз тоқиҳои мудаввари гирдаашон баланд истифода намебурданд. З.А. Широкова қайд мекунад, ки «дар Қаротегин, Дарвоз, Кӯлоб ва Варзоб тоқиҳои занона аз ибтидои асри XX то ба ҳол вуҷуд доранд, дар водии Зарафшон бошад, дар солҳои 20-уми асри XX тоқии занона ҳамчун «қалпоқ» ёд карда мешуд, чунки тоқиҳо ва қалпоқҳо пас аз инқилоби 1917 фаранҷиро иваз намуд. Тоқиҳои занона аввал дар қисми марказии Тоҷикистон ва пас аз солҳои 40–50-уми асри гузашта дар ҳудудҳои Тоҷикистони ҷанубӣ пайдо шуд» [202, с. 89].

Аз рӯи маълумотҳои З.А. Широкова дар деҳаҳои ҷудогонаи занони минтақаи Муъминобод, Ховалинг, Даштиҷум дар солҳои 20-уми асри XX куртаҳои занонаи остини танг дӯхташударо ба бар мекарданд. Чунин куртаҳои остинтангро ҳатто занони пиронсол мепӯшиданд ва чунин намуди куртаҳо то имрӯз ба мо омада расидааст.

З.А. Широкова овардааст, ки «дар чил рӯзи аввали баъди таваллуди кӯдак либоси дӯхтааш ҳамчун тилисм кӯдакро аз офатҳо ҳифз ва муҳофизат мекардааст» [197, с. 80]. Чунин ривоятҳо дар байни мардумони қисмати ҷануби Тоҷикистон ва шимоли Тоҷикистон паҳн гардидааст [197, с. 86]. Дар интихоби матое, ки аз он либоси кӯдакона дӯхта шудааст, аҳаммияти калон дода, ҳатто тарзи тайёр кардани махсусро талаб мекунад.

Таҳқиқоти гузаронидаи З.А. Широковаро ҷамъбаст карда, чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст:

1) Дар охири асри XIX – ибтидои асри XX дар ҳудуди ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон пироҳанҳои занона буриши пироҳанмонанд дошта, аз чанд гузина иборат буданд. Муҳаққиқ пироҳанҳои дарвозиро ба гурӯҳи махсус ҷудо мекунад, қади танг, остинҳои дароз аз асос то охир ба таври ҷиддӣ танг мешаванд. З.А. Широкова чунин мешуморад, ки ин пироҳанҳои дарвозӣ пештар дар байни занони Қаротегин мавҷуд буданд.

2) Пироҳанҳои қадашон васеъ бо остинҳои рости дароз дар байни занони Тоҷикистони ҷанубӣ дертар пайдо шудаанд. Чунин пироҳанҳо дар Кӯлоб ва Қаротегин баъди ҳамроҳшавии бекигариҳои Кӯлоб, Балҷувон, Қӯрғонтеппа, Қубодиён ва Қаротегин ба Бухоро ба вуҷуд омаданд.

3) Хусусияти хос ва фарққунандаи либоси занони минтақаҳои ҷануби Тоҷикистон тарзи дӯхти гиребон аст. Дар либоси занони манотиқи водӣ зиндагӣ дошта, фарқияти гиребони пироҳанҳои дӯхташудаи занони калонсол буд. Пироҳанҳоеро, ки гиребонашон чоки амудӣ доштанд, асосан занҳои шавҳардор мепӯшиданд, лекин пираҳанҳои гиребони уфуқдорро духтарони бешавҳар ба бар мекарданд. Баъдан гиребонҳои рости дӯхташуда, ки ҳам барои занони шавҳардор ва ҳам духтарони бешавҳар пешбинӣ шуда буд, пайдо гардид.

4) Тарзи дӯхти тоқиҳои мардонаи мардумони ҷануби Тоҷикистон, хусусан аҳолии Кӯлоб, Муъминобод, Ховалнг, Балҷувон қариб якхела буда, тартиби тайёр кардани он ҳатман бо гулдӯзии хоси ин минтақа ороиш дода шуда, он аз тӯппиҳои мардумони шимол фарқи калон доранд.

З.А. Широкова соли 1969 бо истифода аз маводди ғании дар экспедитсияҳо ҷамъоварда, махсусан намунаҳое, ки дар фондҳои Осорхонаи мардумшиносии ба номи М.С. Андреев маҳфуз мебошанд,

дар ҳаммуаллифӣ бо Н.Н. Ершов «Албоми либоси тоҷикон»-ро аз нашр баровард [195, с. 35]. Асари мазкур арзиши баланди илмӣ дошта, тасвирҳои рангаи он бо сифати баланд аз ҷониби рассомон Ю.П. Гремячинская ва Х.А. Жаба ба иҷро расиданд. Дар албом либоси анъанавии мардонаю занонаи ҳамаи минтақаҳои Тоҷикистон бо тамоми нозукиашон тасвир карда шуда, тавзеҳ дода шудаанд. Албатта, дар доираи як албоме, ки дар он миқдори намунаҳои либоси пешниҳодшуда маҳдуд мебошад (40-то), тамоми гуногунии нигораҳои ҷамъовардашуда ғайриимкон буд. Ба зами ин, як зумра маводи албом ба зеварҳо бахшида шудааст. Дар ин асар либоси кӯдакона, баъзе шаклҳои қадимии либос, ороишоте, ки ба сифати тумор хизмат мекарданд ва ғайра умуман пешниҳод нагардиданд [195].

А.К. Писарчик дар рафти экспедитсияи мардумшиносии Кӯлоб як қатор таҳқиқоти саҳрой оид ба либос анҷом дод. Тавре ӯ қайд мекунад, «дар давраи шуравӣ дар либоси сокинони ин минтақа тағйироти калон ба амал омад. Кӯлоҳи маъмулии тоҷикони вилояти Кӯлоб тоқии гулдӯзишуда ҳисоб мешуд» [158, с. 93]. То солҳои 20-уми асри XX гулдӯзӣ дар тоқиҳо хеле кам ба чашм мерасид. Мардони минтақаи Кӯлоб тоқии сиёҳи гулдӯзишудаи сафеди бодоммонанд мепӯшиданд. Чунин гулдӯзиро дар охири асри XIX танҳо дар Чӯст (шимоли водии Фарғонаи Ӯзбекистон) медӯхтанд, аммо дар 50 соли охир дар тамоми Ӯзбекистон ва ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон паҳн гашта, сипас то ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон расид. Либоси занонаи минтақаҳои ҷануби Тоҷикистон аз поҷома (эзор) ва пироҳани бо чоки амудии кушода дар пеши сина иборат аст. Дар деҳаҳои дурдасти кӯҳистон ҳанӯз пироҳанҳои буриши кӯҳна, ки дар қисми китф чиндор дӯхташудаву 70 сол пеш дар ҳамвориҳо роиҷ буд, боқӣ мондааст.

Дар давраи баргузории таҳқиқот А. К. Писарчик [158, с. 93] муайян кард, ки дар Кӯлоб ва дигар ноҳияҳои вилоят занони ҷавон

пӯшидани пироҳани гиребонростро, ки канори остинҳояш ба таври чиндор (манжет) дӯхта шуда буданду аз пеш бо тугма маҳкам мешуданд, шуруъ карданд. Занони солхӯрда чунин пироҳанҳоро намепӯшиданд. Пироҳанҳо дар қисми китф чиндор дӯхташуда дар Ӯзбекистон ва ноҳияҳои шимолии Тоҷикистон хеле васеъ паҳн шудаанд, аммо дар пойтахт чунин либосҳоро ба таври истисноӣ занони омада мепӯшанд. Барои либоси муосири занон аз байн рафтани тафовути калон байни либоси духтарона ва занона, ки дар гузашта қотеъона риоя мешуд, хос аст. Либоси духтарона бо гиребони уфуқӣ, ки аз як тараф то шона бурида шудааст, дӯхта мешуд. Буришро бо бандакҳо мебастанд, дар ҳамин ҳол аз он китфи урёнро дидан мумкин буд. Дар давраи баъди инқилобӣ, шуруъ аз солҳои 20-уми асри XX чунин пираҳанҳо барои духтарчаҳо дӯхта мешаванд. Духтарони қадрас пироҳанҳои ҳамон буришро ба бар мекунанд, ки духтарони ҷавон мепӯшанд.

Хусусияти хоси либоси занонаи кӯлобӣ, тибқи таҳқиқоти А.К. Писарчик, гулдӯзии он мебошад. Гулдӯзӣ дар сари остинҳо паҳн шудаанд. Қаблан дар тӯйҳо ва умуман дар либосҳои зебои ҷашнӣ қисмати пеш, аз китфҳо (шонаҳо) то доман пурра гулдӯзӣ карда мешуд. А.К. Писарчик мефармояд: «Чунин гулдӯзӣ қатъ гардид ва акнун гулдӯзӣ дар домани пироҳан дар шакли рахи васеъ дӯхта мешавад. Дар Кӯлоб, Дарвозу Рашт ва дар солҳои 70-ум бошад, дар байни бонувони зиёии шаҳри Душанбе пироҳанҳое ба мӯд даромаданд, ки қисми пешашон пурра гулдӯзӣ шудаанд. Гулдӯзии саростинҳо бомаром васеъ гардида, баъзан тамоми дарозии остинро фаро мегирифт. Ғайр аз ин, почаҳои поҷома низ бо нақши гулдӯзӣ оро дода мешуданд» [139, с. 36].

А.К. Писарчик ба ороиши тоқиҳо, тасмаҳои шероза ва ҷӯробҳо, ки дар ноҳияҳои номбурда бонуҳои ҳунарманд тайёр мекарданд, баҳои баланд додааст. З.А. Широкова бошад, дар таҳқиқотҳои худ тарзи дӯхт,

ороиши тоқиҳо ва каллапӯшҳои мардуми қисми ҷануби Тоҷикистон, хусусан вилояти Кӯлобро инъикос намудааст [199, с. 89].

Занон дар сар бештар докаи сафеди шакли росткунҷа мебастанд. Рӯймолакҳои зебои занони ҷавон аз тарафи кӯтоҳаш бо рахи васеи гулдӯзӣ, ки бараш қариб 25–30 см аст, ороиш дода мешуд. Ҳангоми дар сар бастани ин гуна докаҳо як рахи гулдӯзӣ болои сина ва хатти дигараш дар пушт мехобид.

Ҳамин тариқ, масоили матоъҳо ва фарҳанги либоси тоҷикон дар ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистон аз ҷониби муҳаққиқони рус ба таври хеле густурда таҳқиқ шудааст. Хусусан, ин муҳаққиқон дар натиҷаи экспедитсяҳои саҳроии солҳои 1966 ва 1970, ки аз ҷониби Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониши Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд, на танҳо мақолаҳои алоҳида, балки асари дастаҷамъии «Тоҷикони Қаротегин ва Дарвоз» таълиф намуданд. Таҳқиқоти анҷомдодаи мардумшиносон, хусусан Н.А. Кисляков, А.К. Писарчик, А.З. Розенфелд, М.А. Хамидҷонова, О.С. Сухарева, Н.Н. Ершов, Л.А. Неменова, З.А. Широкова дар илми мардумшиносии тоҷик муҳим буда, натиҷаҳои корҳои илмии онҳо на танҳо масоили фарҳанги либоси тоҷиконро баррасӣ карданд, балки дар ҳифз ва нигаҳдории анъанаҳои тоҷикон хизмат хоҳанд кард. Ҳамзамон, натиҷаи экспедитсиҳои мардумшиносии солҳои  1948–1949 дар вилояти Кӯлоб нишон дод, экспедистия маводди пажӯҳишҳои саҳроии хеле боарзиши илмиро дастрас кард, ки он баъдан дар омӯзиши мардумшиносии халқи тоҷик баъзе тағйиротҳо даровард. Хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмии экспдитсияи мардумшиносии Кӯлоб барои дар дигар ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон гузаронидани экспедитсияҳо сабаб гардид.

# БОБИ 3. НАҚШИ МУҲАҚҚИҚОНИ РУС ДАР ОМӮЗИШИ ТАЪРИХИ ЭТНИКӢ ВА ЭТНОГЕНЕЗИ АҲОЛИИ НОҲИЯҲОИ МАРКАЗӢ ВА ҶАНУБИИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Саҳми мардумшиносони рус дар омӯзиши таърихи этникӣ ва этногенези мардуми ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистон

Этногенез калимаи юнонӣ буда, аз ду қисм: «этнос» – мардум, халқ ва «генезис» – пайдоиш иборат аст ва маънои пайдоиши халқ ва мардумро ифода мекунад.

Равандҳои этникӣ дар Тоҷикистон дар солҳои аввали ҳокимияти Шуравӣ хеле мураккаб ва гуногун буд. Дар ҷомеаи шуравии Осиёи Миёна тамоилҳои ихтилофангез вуҷуд доштанд. Ҷомеаи Тоҷикистон бо таҷрибаи хосси зиндагии худ анъанавӣ буд, ки навгониҳоро қабул карда, дар раванди шурависозӣ минбаъд рушд кард ва ба ҷараёни глобалии навсозӣ (модернизатсия) ворид шуд.

Вазъи кишвар дар солҳои 20–30-юм гирифтори муборизаҳои шадиди сиёсӣ буд. Мухолифони ҳокимияти нав кӯшиш мекарданд пешрафти барқароршавии сохти навро боздоранд. Борҳо аз ҷониби онҳо ба намояндагони сохторҳои давлатӣ ҳамлаҳо содир шуда, омӯзгорон қатл ва мактабҳо хароб мешуданд.

Вазифаҳои нав ва муҳим – ташкили ҷомеаи сотсиалистӣ дар пеши мамлакат меистод. Албатта, фарҳанг ва хусусиятҳои зиндагии аҳолӣ омӯхтанашуда буданд, олимон бо мероси таърихии барояшон номаълум дучор шуданд. Аҳолӣ асосан амалҳои анъанавии зиндагиро риоя мекард, ки аз ҷониби ҳокимияти нав ҳамчун боқимондаҳои гуногуни замони гузашта қабул мешуд. Таҳқиқи фарҳанги моддӣ ва маънавӣ танҳо пас аз солҳои 20-уми асри XX оғоз гардид. Мардумшиносон асосан метавонистанд амалияи анъанавии иҷрои урфу

одатҳо ва маросимҳоро ба қайд гиранд. Бо барқарор шудани тартиби нави зиндагӣ марҳалаи омӯзиши раванди навгониҳои дар фарҳанги моддӣ ва маънавии тоҷикон баамаломада оғоз шуд. Олимон ҳолати воқеии зиндагии ҷамъиятӣ ва маишии мардумро дар ин давра собит карданд.

Барои муайян кардани этногенези мардумони на танҳо Осиёи Миёна, балки аҳолии ҷануби Тоҷикистон, бояд таркиби нажодии гурӯҳҳои этникии манотиқи зисти онҳо, маскан ва ҳудуди куҳан ва имрӯзаи онҳо муайян мешуд. Яъне, аз кадом халқу қабилаҳо ташаккул ёфтани онҳо, макон ва ҳудуди зисту зиндагии онҳо дар ҳар як давраи таърихӣ муайян мегардид. Барои ҳамин ҳам, мо бояд аз таҳқиқоти муаррихони асри XIX ва ибтидои асри XXI истифода барем. Ҳамчун муайянкунандаи хусусиятҳои хосси этникии аҳолии маҳаллӣ дар ҳудуди Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ осори муаррихони рус аҳаммияти калон доранд. Таҳқиқотҳо, хулосаҳо ва натиҷаҳои экспедитсияҳо, асарҳо, ёддоштҳо ва таҳлили амиқи муаррихони руси асри XIX барои ҳалли масъалаи этногенези халқи тоҷик нақши ҳалкунанда доранд.

Масоили этникии қисми ҷанубии Тоҷикистон то нимаи дуюми асри XX аз тарафи муҳаққиқон ба таври амиқ мавриди таҳқиқ қарор нагирифта буд.

Халқи тоҷик дар тӯли таърих бар зидди чандин истилогарон – арабҳо, туркҳо, муғулҳо, манғитҳо ва ғ. мубориза бурда, аломатҳои хосси этникии худ – ватани аҷдодӣ, урфу одатҳои қадима, тамаддун, маданият, забони муошират ва дигар аломатҳояшонро то ба ҳол нигоҳ дошта омадааст [80, с. 97].

Дар давраи аввали Ҳокимияти Шуравӣ олимон бо доираи васеи равандҳои шурависозӣ ва навсозӣ дучор шуда, ба душворӣ даст

кашидан аз анъанаҳои пешин ва ҷоришавии заифи маросиму одатҳои навро ба қайд гирифтаанд.

Хидмати шоёнро дар ин самт олимоне карданд, ки тамоилҳои асосии тағйироти дар замони шуравӣ дар самти фарҳанги маънавии тоҷикон: тасаввуроти динӣ, анъанаву маросим, робитаҳои оилавӣ ва ҷашнҳо ба амаломадаро инъикос намуданд.

Қисми ҷануби Тоҷикистон, ки аз водиҳо ва кӯҳдоманҳо иборат аст, бо оби дарёҳои Кофарниҳон, Вахш ва Қизилсу обшор мешаванд. Оид ба масоили этникии аҳолии муқимии қисми ҷануби Тоҷикистон муаррихони маъруфи рус М.С. Андреев [24; 29; 30], А.А. Семёнов [185; 186], А. Шишов [204], В.В. Гинзбург [54; 55], Л.В. Ошанин [144; 145; 146], А.М. Манделштам [110; 111], Н.А. Бернштам [42], Н.А. Кисляков [82; 83; 85; 87; 89], А.К. Писарчик [157; 159; 163], Р.Л. Неменова [125; 132; 133], С.П. Русяйкина [180; 181; 182], З.А. Широкова [195; 200; 201; 202] таҳқиқотҳои зиёд гузаронидаанд.

А.А. Семёнов соли 1898 дар ин минтақа таҳқиқот анҷом дода, муайян менамояд, ки мардуми муқимии минтақаро тоҷикон ташкил медиҳанд [186, с. 54]. Аҳолии қадимаи муқимгаштаи ин музофотҳоро тоҷикони эронизабони аврупоинажод ташкил медиҳанд. Ба қавли академик Б. Ғафуров дар қисми ҷануби Тоҷикистон ва Ӯзбекистон гурӯҳи хурди бо номи «ҳардурӣ» зиндагӣ мекунанд, ки онҳо худро аслан тоҷик мешуморанд ва бо забони тоҷикӣ муошират мекунанд [52, с. 33].

А. П. Шишов бо такя ба маълумоти антропологии профессори рус А.П. Богданов чунин қайд кардааст: «Тоҷикон ягона нажоди шакли навини эронӣ дар ҳудуди Осиёи Марказӣ мебошанд». [204, с. 121] А. Шишов дар асоси далелҳои ба ӯ дастрас дар охири асри XIX таҳқиқотҳои этнографӣ гузаронида, оид ба этногенези тоҷикон маълумоти илмиашро дар асари бунёдиаш «Тоҷикон» инъикос карда,

аз ҷумла, дар он чунин овардааст: «Ориёиҳо, ки дар кишвари Туркистон то ин вақт боқӣ мондаанд, аҳолии аслии муқимии ҳавзаи Аму ва Сирдарё, ҳамчунин Тарим дар Туркистони Шарқӣ маҳсуб меёбанд» [204, с. 101].

Аввалин маротиба доир ба этногенези тоҷикон аз тарафи академики барҷастаи тоҷик Б.Ғ. Ғафуров консепсияи нав таҳия ва дурнамои таҳқиқи он муайян шуда буд.[52, с. 34]

Аз тарафи муҳаққиқони таърихи халқи тоҷик, аз ҷумла, А.М. Манделштам аломатҳои хосси халқият – умумияти забон, ҳудуд ва фарҳанг муайян карда шудааст [111, с. 412]. «Барои муайян кардани аломатҳои хосси тоҷикон, хусусан, ташаккулёбии тоҷикон дар ҳудудҳои мовароуннаҳрии Осиёи Миёна маълумотҳои нодирро пешниҳод кардааст. Хусусан, маълумотҳои ин муаррихи рус дар бораи ягона будани забони муошират, ҳудудҳои зист ва маданияту хоҷагидории умумии тоҷикон барои муайян кардани этногенези на танҳо тоҷикон, балки дигар мардумони Осиёи Миёнаро равшан намуд» [110, с. 408].

Академики тоҷик Н. Неъматов саҳми А.М. Манделштамро дар омӯзиши этногенез ва таърихи этникии халқи тоҷик чунин баҳогузорӣ кардааст: «А.М. Манделштам тамоми матолиби дар миёнаҳои асри XX мавҷударо дақиқкорона ҷамъ карда, бо диққат таҳлил намуда, далел ва хулосаҳояшро дар тарозуи ақл баркашида, дар як вақт назарияи этногенези тоҷикон ва ҳалли онро барои давраи муҳимтарини он, ки марҳилаи анҷоми ташаккули халқи тоҷик мебошад, пешниҳод кард» [122, с. 85]. Ин консепсияи пешниҳодкардаи А.М. Манделштам дар бораи этногенези халқи тоҷик аз тарафи бисёр олимони таърихшиноси Тоҷикистон қабул шуд.

Н. Неъматов дар таҳлилҳои илмии худ, ки осори бебаҳое гузоштааст, ба масъалаи этногенези халқи тоҷик, равшансозии минбаъдаи раванди пайдоиши унсурҳои асосии этникӣ замина ба вуҷуд

овард. Дар асарҳои илмии охирини олим баҳогузорӣ нисбат ба давраҳои алоҳидаи ташаккули таърихи халқи тоҷик дида мешавад [122, с. 84].

Ҳамон соҳаи антропология, ки монандӣ, тафовут ва шабеҳияти этникии гурӯҳҳоро аз ҷиҳати ҷисмонӣ меомӯзад, «антропологияи этникӣ номида» мешавад. Антропологи рус Г.Ф. Дебетс нисбат ба омӯзиши нажоди гурӯҳи этникӣ аз рӯи забони муошират ба чунин хулоса омадааст: «Дар асоси далелҳои антропологӣ аломатҳои хосси забонии гурӯҳи этникиро дақиқ муайян ва ё инкор кардан хеле душвор мебошад» [64, с. 22]. Барои ҳамин антропологҳо дар баробари ин зиёдтар ба муайян кардани ҳудуди зист ва ватани аҷдодии гурӯҳҳои этникӣ ва ё халқияти мардумон таваҷҷуҳи зиёд мекунанд.

Ҳангоми омӯзиши этногенези тоҷикон муаррихи рус А.М. Манделштам дар ҳудуди Мовароуннаҳр чор халқияти бузургро қайд мекунад: суғдиён, бохтариҳо, тахориён ва аҳолии давлати Даван (Фарғона). Ба қавли А.М. Манделштам «Тахориён ҳамчун мардумони ба ҳудудҳои Мовароуннаҳр муҳоҷиршуда ба ҳисоб меравaнд, ки дар ҳудудҳои Тахористон, қисми ҷануби Тоҷикистон ва ҷануби Ӯзбекистони маскун гашта, зиндагӣ кардаанд» [110, с. 431]. Ақидаи муҳоҷирати қабилаҳои туркизабонро ба ҳудудҳои Тахористон А.М. Манделштам дар таҳқиқотҳояш ба сарчашмаҳои хитойӣ, аз ҷумла, Суан-Тзян, Тан-Шу ва Хой-чао овардааст [110, с. 428], ки дар асри VIII дар Хуттал, Кумед, Ахарун ва Шумон қабилаҳои туркизабонҳо муҳоҷират намуданд, муқоиса намуда, ақидаи онҳоро дар хусуси пайдо шудани қабилаҳои туркӣ дар Зарафшон, Усрушан, Даван (Фарғона) ва Қашқадарё рад мекунанд.

Яке аз масъалаҳои асосии омӯзиши этногенези мардумони қисми ҷануби Тоҷикистони омӯзиши ҳудуди этникӣ, урфу одатҳои қадима, фарҳангу маданият ва забони муошрати аҳолии муқимӣ мебошад.

Ҳамчунин, муайян кардани дараҷаи таъсири мардумони дигар – мардумони аз аҳди қадим сокин буда ва ё дар натиҷаи муҳоҷират ба ин ҳудудҳо омада ва ба мардумони муқимӣ мубаддал гардидани онҳо лозим аст.

Соли 1932 дар Тоҷикистон экспедитсияи ҷомеи мардумшиносӣ таҳти роҳбарии Самвел Матвеевич Абрамзон таъсис дода шуд, ки он аз ду гурӯҳ – шарқӣ ва ҷанубӣ иборат буд. Ба гурӯҳи шарқӣ С.М. Абрамзон, Е.В. Крючков, А.З. Розенфелд ва антрополог В.В. Гинзбург шомил буданд. Ба гурӯҳи дуюм – ҷанубӣ Д.С. Комиссаров, А.Н. Кондауров, Х. Межеритская, А.К. Смирнова дохил шуда буданд. Гурӯҳи дуюми экспедисия дар ҳудудҳои ҷануби Тоҷикистон фаъолияти худро оғоз кард. Мақсади асосии экспедитсия омӯзиши боқимондаҳои расму ойинҳои оилавӣ ва ҳатто аломатҳои хосси ҷисмонӣ, ки то ба ҳол дар байни мардум боқӣ мондаанд, иборат буд. Ин масъалаҳои душвори антропологӣ ба зиммаи яке аз аъзои экспедитсия Вулф Вениаминович Гинзбург (1904–1969) вогузор шуда буд.

Соли 1940 тибқи нақша натиҷаҳои таҳқиқотҳои саҳроии экспедитсия барои навиштани китоби дастаҷамъии «Тоҷикон», ки дар он хулосаҳои таҳқиқотҳои мардумшиносӣ ва антропологӣ ҷамъ оварда шуда буданд, асос гардид. Тибқи супориши сардори экспедитсия А.Н. Кондауров охири соли 1940 бобҳои «Фаъолияти хоҷагидорӣ», «Шуғлҳои асосии тоҷикони кӯҳистон», «Чорводорӣ», «Деҳа ва манзили зисти тоҷикон», «Дигар машғулиятҳои тоҷикони кӯҳистон»-ро тайёр кард. Ҳатто дар соли 1941 бо супориши И.И. Зарубин корҳо барои чопи китоби «Тоҷикон» идома дошт ва А.Н. Кандауров боби «Фаъолияти хоҷагидории тоҷикони водиҳо»-ро ба итмом расонд. Сабаби асосии ба чоп нагардани китоби «Тоҷикон» оғози ҷанг буд, ки худи А.Н. Кандауров дар шаҳри Ленинград барои чопи китоб камар баста, моҳи декабри соли 1941 онро барои чоп супорид. Моҳи феврали соли 1942

А.Н. Кандауров дар ш. Ленинград, ки дар иҳотаи душман буд, аз гуруснагӣ вафот намуд. То ба ҳол китоби «Ҷамоаи падарсолории ҷамоаҳои Яғноб» ва китоби «Тоҷикон»-и ӯ, ки 4 боби онро А.Н. Кандауров навишта ба итмом расонида буд, ба чоп нарасидааст [16, с. 879].

Пас аз Инқилоби соли 1917 оид ба муайян кардани таркиби этникии аҳолии қисми ҷанубу ғарби Тоҷикистон аз тарафи муҳаққиқони рус И. Магидович [103, с. 231] ва Н.Г. Маллитский [108, с. 61] таҳқиқот анҷом дода шуд.

В.В. Гинзбург тамоми таҳқиқоти антропологиашро нисбати тоҷикони қисми ҷанубии Тоҷикистон дар китоби «Тоҷикони кӯҳистон» инъикос кардааст, ки дар он, асосан, натиҷаҳои таҳқиқоти антропологии тоҷикони ноҳияҳои Ш. Шоҳин, Даштиҷум ва Муъминободи вилояти Кӯлоб ва вилояти Ғарм (Рашт) баён шудааст [54, с. 275]. Ӯ соли 1935 дар шаҳри Ленинград рисолаи номзадӣ таҳти унвони «Тоҷикони кӯҳистон» ва соли 1944 дар шаҳри Самарқанд дар асоси ин маълумотҳо рисолаи докторӣ дифо намуд.

Натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқоти антропологии В.В. Гинзбург оид ба тоҷикони қисми ҷануби Тоҷикистон бо хусусиятҳои антропологии хос - омӯзиши косахонаи сари тоҷиконро дар зиёда аз 80 ҷадвалу диаграмма ба таври муқоиса инъикос кардааст [54, с. 210–245]. Бино ба таҳқиқи ӯ «Аломатҳои хоси антропологии косахонаи сари тоҷикон баробар ба 83,4 см ва диаметри тули он баробар ба 175,1 см мебошад... Паҳнои миёнаи рӯй васеъ буда, он камонҳои зигоматикӣ дошта, ба 131,3 см баробар мебошад, ки бо ин аломатҳо тоҷиконро дар ин ҷадвал ҳамчун лептопрозоп (шакли рӯйест, ки дарозтар аз паҳноияш аст) номидаанд, ки ин индекси физиогномии рӯй баробар ба 80,0 см мебошад» [54, с. 210–112].

Олимон ва муаррихон бар он ақидаанд, ки ин минтақаҳо ватани аҷдодии мардумону халқҳои бо забонҳои ҳиндуаврупоӣ муошират дошта мебошанд.

Шароитҳои алоҳидаи тараққиёти ҷамъиятии мардумони ноҳияҳои баландкӯҳ аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар инҷо навъи нажодии мардумони муқимии сарзамин назар ба доманакӯҳҳо ва, хусусан, дар водиҳои байни Осиёи Миёна хубтар нигоҳ дошта шудаанд.

Дар қатори мардумоне, ки то ҳол урфу одат, маданияти қадим ва забону лаҳҷаи худро нигоҳ доштаанд, яғнобиҳо мебошанд. Яғнобиҳо дар болооби дарёи Зарафшон зиндагӣ карда, забони бостонии худро то ба ҳол нигоҳ доштаанд.

Этногенези тоҷикон аз дигар мардумони Осиёи Миёна фарқ дорад, чунки онҳо ягона мардуме мебошанд, ки бо забони оилаи эронӣ муошират мекунанд. Таъсири тоҷикони типи асосии эрониён, ба ақидаи Л.В. Ошанин ба шакли нажодии тоҷикони «хуросонӣ» монандӣ доштааст [92, с. 67]. Н.А. Кисляков ба автохон (бумӣ)-и аҳолии Эрони Шарқӣ, ки дар ҳамин ҳудуҳо ташаккул ёфта, унсурҳои гуногуни этникиро аз замонҳои қадим бо ҳам пайваста, дар ин минтақаҳо зиндагии худро идома додаанд, таъкид мекунад.

Ба ақидаи Л.В. Ошанин ва В.Я.Зезенкова [94, с. 197] «дар давраи ба ҳайати давлати Ҳахоманишиниҳо дохил гардидани Осиёи Миёна мардумони Осиёи Ғарбӣ, ки дар ҳайати лашкари бузурги Ҳахоманишиниҳо (550-330), ба музофотҳои шарқӣ омада, як қисми онҳо маскун гаштаанд. Аломатҳои антропологиии истилогарон ба нажоди тоҷикон осори калон гузошта наметавонист, зеро онҳо ба навъи аломатҳои антропологии худ кавказии кӯтоҳқад мансуб буда, қисми ками онҳо баъдан муқимӣ шуданд» [146, с. 42]. Эрониҳо, ки дертар ба ҳудуди сукунати суғдиён омада буданд, дар давоми садсолаҳо бо

мардумони маҳаллӣ пайвастанд, шумораи ками онҳо дар ин сарзамин маскан гирифта, як умр дар ин сарзамин сукунат кардаанд.

Навъи нажоди «хуросонӣ», ки бештари муҳоҷирони баъдӣ аз Эрон ба он мутааллиқ будаанд, аз мардумони навъи нажоди Осиёи Пеш танҳо бо аломатҳои антропологии худ, дарозии сар аз дигар мардумон фарқ мекарданд ва ин аломати антропологӣ, ки ретсессивӣ (бартаридошта) аст, дар навъи ба таври назаррас ва ба осонӣ дар байни ин мардумон бо мурури замон ҳазм мешавад.

Мардумшиноси рус Н.А. Кисляков зиёда аз 40 сол ба омӯзиши таърих, урфу одат, маданият, тарзи зисту зиндагӣ, ҳаёти оиладории тоҷикон машғул буд. Тибқи таҳқиқотҳои ӯ макони ташаккулёбии тоҷикони қисми марказӣ ва ҷануби Тоҷикистон, ҳамчунин минтақаҳои қисми шимоли Афғонистон ва ҷануби Ӯзбекистонро дар бар мегирифт. Аз лиҳози забони муошират низ, ба ақидаи ин мардушинос, забони тоҷикони ин музофотҳо дар гузашта шабоҳат доштааст.

Дар таҳқиқотҳои Н.А. Кисляков тарзи сохти манзили зист, урфу одатҳо, ҷашнҳои арӯсӣ, ҳаёти оиладории на танҳо тоҷикони Дарвозу Ғарм, балки тоҷикони Кӯлоб, Исфара, Сох ва ҳатто тоҷикони Хитой низ ба риштаи таҳқиқ кашида шудаанд [82, с. 45; 83, с. 130; 85, с. 223; 88, с.156: 89, с. 34]. Ба қавли ин мардумшиноси рус дар асри II пеш аз мелод дар ҳудудҳои ҷануби Тоҷикистон, аниқтараш дар ҳудудҳои Дарвоз ва Қаротегин омехтагии этникӣ бо дигар қабилаҳои истилогар дида мешуд. Тибқи маълумотҳои таърихӣ, дар ин давра қабилаҳои юэйҷӣ ва тохарҳо дар натиҷаи муҳоҷирати маҷбурӣ ба ин ҳудудҳо тавассути Помир ворид гардида буданд, ки ин ба давраи оғози таназзули давлати кушониён рост меояд. Ин ақидаро муаррихи дигари рус Н.А. Аристов, ки оид ба муносибатҳои этникии мардуми Помир маълумоти зиёд овардааст, дар таҳқиқоташ қайд кардааст [32, с. 67]. Аммо маълумоти солҳои охири бостоншиносии ба дастомада, аз ҷумла, навиштаҷоти

сиккаҳои кушонӣ ин андешаи муҳаққиқонро рад карда, балки нишон медиҳанд, ки шоҳони кушонӣ форсзабон буданд.

Н.А. Кисляков барои омӯзиши этногенези тоҷикон таҳқиқоти зиёд гузаронида, нақшаи навиштани китоб оид ба этногенез ва таърихи этникии тоҷиконро дошт, лекин марги бармаҳал риштаи ҳаёти ӯро канда кард. То ба ҳол дар бойгонии шаҳри Санкт-Петербурги Федератсияи Россия муқаддима ва мундариҷаи китоби нотамоми «Тоҷикон»-у маҳфуз аст [34, с. 79]. Дар натиҷаи таҳқиқоти чандинсолаи Н.А. Кисляков оид ба этногенез ва таърихи этникии тоҷикон ба чунин хулоса омадааст:

1. Этногенези тоҷикони шимол ва ҷануби Тоҷикистон аз аҳди қадим на дар якҷоягӣ, балки бо роҳҳои гуногун ташаккул ёфта, то ба имрӯз омада расиданд. Дар шимол ин раванд бо таъсисёбии мардумони суғдӣ алоқамандӣ дошта бошад, пас пайдоиш ва ташаккулёбии тоҷикони қисми ҷануби Тоҷикистон дар гузашта бо таърихи пайдоиши тохарҳо алоқаманд мебошад.

2. Дар баробари омӯзиши этногенези тоҷикон, ба хусус, мардумони қисми ҷануби Тоҷикистон ҷараёни муҳоҷиршавии мардумон, ки ҳам таҳқиқоти таърихӣ ва ҳам мардумшиносӣ дар ривоятҳои сершумори дар байни аҳолӣ мавҷудбуда тасдиқ мекунанд.

3. Раванди этногенези тоҷикони ҷануби Тоҷикистон дар сарзамини паҳновари Точикистони имрӯза ва шимоли Афғонистон, ки дар аҳди кадим ҳудуди ягонаи фарҳангиро ташкил мекарданд, муоширати ягонаи забонӣ дар ин ҳудудҳо паҳн гардида буд.

Агар ба маълумоти дар болоовардаи Н.А. Кисляков [7] таваҷҷуҳ кунем, маълум мешавад, ки он бо таҳқиқотҳои антропологии Л.В. Ошанин [143, с. 53] оид ба пайдоиш ва ташаккулёбии тоҷикони ҷануби Тоҷикистон монанд аст. Л.В. Ошанин нисбат ба хушандом ва ба нажоди аврупоӣ мутааллиқ будани тоҷикони қисми ҷануби Тоҷикистон

ишора намудааст. Ин ақидаи Л.В. Ошанинро Н.А. Кисляков дар мақолаи ба чоп нарасидааш қайд кардааст [3].

Дар адабиётҳои илмӣ (В.В. Гинзбург, Т.П. Кияткина, Л.В. Ошанин) роҷеъ ба ҷараёни этногенези тоҷикон маълумоти зиёд овардаанд, ки тоҷикон ягона нажоде мебошад, ки аз рӯи аломатҳои антропологӣ ба нажоди аврупоиҳо шабеҳияти наздик доранд [55, с. 474; 91, с. 185; 145, с. 67].

Солҳои 1947–1948 муаррихони рус, аз ҷумла, А.Ю. Якубовский ва М.М. Дяконов [71, с. 255] аз ҷануби Тоҷикистон дар мавзеи Тӯпхонаи ноҳияи Ҳисор ду косахонаи сари порашударо пайдо карданд, ки он ба ҳазорсолаи II пеш аз милод тааллуқ дошта, аз рӯи шакл косахонаҳо аврупоӣ мебошанд. Муҳаққиқи дигари рус Т.П. Кияткина дар ҳудудҳои гӯрхонаҳои ҷануби Тоҷикистон, аз ҷумла, Бешаи Палангон косахонаҳои зиёдро пайдо кард. Ин бозёфтҳо ба муҳаққиқ асос дод, ки онҳоро ба нажоди шарқии баҳримиёназаминӣ мансуб донад [91, с.10].

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидаи антропологҳо ва мардумшиносони рус чунин хулосагирӣ кардан мумкин аст, ки сокинони аслӣ ва муқимии ҷануби Тоҷикистонро тоҷикон ташкил медиҳанд, ки аз давраҳои қадим дар ин сарзамин сукунат доштанд, ки дар илми таърих бо номи бохтариён шинохта шудаанд.

Ҳамин тариқ, масоили этникии аҳолии ноҳияҳои ҷанубӣ ва марказии Тоҷикистон дар таҳқиқотҳои В.В. Бартолд, И.И. Зарубин, А.Н. Кандауров, А.Ю. Якубовский ва М.М. Дяконов, В.В. Гинзбург, Л.В. Ошанин, В.Я. Зезенкова, Т.П. Кияткина, Н.А. Кисляков Н.А. Дубова, А.П. Пестрякова ва дигарон ба таври васеъ инъикос шуда, ахбори онҳо дар хусуси мардуми қадима ва муқимии минтақа будани тоҷикон ҳақиқати бебаҳс мебошад. Ҳамзамон, муҳаққиқон ба хулоса меоянд, ки тоҷикон аз мардуми қадим ва муқимии қисми ҷанубии

Ӯзбекистон, ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ва Афғонистон мебошанд. Ин андешаи онҳоро таҳқиқотҳои антропологӣ тасдиқ намудаанд.

### 3.2. Омӯзиши антропологии аҳолии Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ дар таҳқиқоти антропологҳои рус

Пас аз ҳамроҳшавии Осиёи Миёна ба ҳайати Руссияи подшоҳӣ олимон ва мутахассисони ҳукумати подшоҳӣ ба омӯзиши масоили гуногуни таъриху ҷуғрофиё, этникиву этнографӣ ва дигар соҳаҳои Осиёи Миёна, хусусан, Тоҷикистони имрӯза машғул шуданд. Маҳз дар ҳамин давра аз ҷониби антропологони рус таҳқиқи антропологии тоҷикон ва дигар халқҳои Осиёи Миёна нахустин бор сурат гирифт, ки аниқтараш ба асри XIX рост меояд. Аз аввалин муҳаққиқон, ки ба ин масъала даст заданд, К.Е. Уйфалви, А.И. Федченко, В.А. Благовешенский, С.Д. Масловский, Н.В. Богоявленский ва дигарон ба шумор меравнад. Ин муҳаққиқон асосан ба нажоди ориёӣ бештар таваҷҷуҳ намуда, кайд кардаанд, ки дар минтақаи кӯҳистонӣ зиндагӣ мекарданд ва қадимтарин сокинони минтақа ба ҳисоб меравнад. Хусусан, Н.А. Аристов дар мақолаи худ «Этнические отношения на Памире и в прилегающих странах по древним, преимущественно китайским, историческим известиям» фармудааст: «Дар қисми шарқии Осиёи Марказӣ нажоди махсус вуҷуд дорад, ки ба таҳқиқоти антропологҳо онҳо дарозсар буда, пӯсти равшан, мӯйи равшан ва чашмони сабз ё кабуд доштанд» [32, с. 57]. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки пеш аз инқилоб, яъне пас аз ҳамрохшавии Руссияи подшоҳӣ ба Осиёи Миёна таваҷҷуҳи олимон ба омӯзиши на танҳо масоили таърихиву этнографӣ, балки ба масъалаи антропологии мардуми Осиёи Миёна, хусусан, тоҷикон зиёд буда, дар ин бора таҳқиқоти муҳим анҷом шудааст. Аммо ин марҳилаи омӯзиш бо усулҳои махсуси давраи

худ сурат гирифтааст. Пас аз Инқилоби Октябр, яъне дар солҳои аввали Ҳокимияти Шуравӣ омӯзиши масъалаҳои ҷуғрофӣ, этникӣ, антропологӣ ва этнографии мардуми Осиёи Миёна, хусусан, ҳудуди Тоҷикистони имрӯза ва тоҷикони он таваҷҷуҳи олимони шуравиро ҷалб намуда, дар ин соҳаҳо таҳқиқоти муҳим анҷом дода шуд. Бино бар таҳқиқоти муҳаққиқи рус А.П. Пестряков пас аз Инқилоби Октябр тадқиқоти антропологии аҳолии Тоҷикистон ва дигар минтақаҳои Осиёи Марказӣ аз ҷониби антропологҳои шуравӣ, аз ҷумла, В.В. Бунак (1925), С.Э. Тсиммерман (1925), Б. Н. Вишневский (1926), Г.И. Петров (1927), А.Ф. Коровников (1928), А.И. Ярхо (1928–1931), В.К. Ясевич (1930–1932), В.В. Гинзбург (1931–1937) ва дигарон сурат гирифт. Хусусан, ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон яке аз минтақаҳои муҳимми омӯзиш ба ҳисоб мерафт. Бинобар ин, аз ҷониби ҳукумати шуравӣ аввалин экспедитсияҳои этнографиву анропологӣ ташкил шуда, масоили антропологии тоҷикон мавриди баррасӣ қарор дода шуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки доир ба таърихи пайдоиши халқи тоҷик адабиёти зиёди илмӣ ба чоп расидааст, аммо таърихи пайдоиши аҳолии Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ ба пуррагӣ зери таҳқиқоти амиқ қарор нагирифтааст. Бо вуҷуди ин, аввалин муҳаққиқону антропологҳои рус, ба мисли В.В. Гинзбург, Л.В. Ошанин, Т.П. Кияткина, В.Я. Зезенкова оид ба тоҷикони минтақаҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон маълумотҳои зиёд оварда, ба риштаи таҳқиқ кашидаанд. Аз ҷумла, В.В. Гинзбург таҳқиқоти антропологии худро аз водии Ҳисор сар карда, дар ҳудуди ноҳияҳои вилоятҳои Кӯлобу Рашт то Дарвоз ба итмом расонидааст. Дигар антропологи рус Л.В. Ошанин, ки ба Тоҷикистон барои гузаронидани таҳқиқоти антропологӣ дар ҳайати экспедитсияҳои АИ ҶШС Тоҷикистон даъват шуда буд, маълумоти зиёди антропологиро оид ба тоҷикони Кӯлоб, Қаротегин ва Дарвоз ҷамъоварӣ карда, натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқоташро ба чоп

расонидааст. Хулоса ва натиҷаҳои таҳқиқотҳои антропологҳои рус ба этногенез ва таърихи этникии халқи тоҷик равшанӣ андохта, таърихи халқи тоҷикро пурра ва ғанӣ гардонидааст.

Соли 1926 антропологҳои рус Л.В. Ошанин ва В.Я. Зезенкова дар байни тоҷикони Рашт таҳқиқоти антропологӣ анҷом доданд. Аммо бо сабабҳои номаълум натиҷаи ин таҳқиқоти онҳо танҳо соли 1953 ба чоп расид [146, с. 197]. То ин муддат масоили антропологии аҳолии қисми ҷанубу ғарби Тоҷикистон аз тарафи муҳаққиқони то ин давра тамоман омӯхта нашуда буд.

Муҳаққиқи дигаре, ки дар самти антропологии тоҷикони ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубӣ таҳқиқоти муҳим анҷом додааст, муҳаққиқи рус, антропологи машҳури шуравӣ В.В. Гинзбург мебошад. Ӯ тамоми таҳқиқоти антропологиашро нисбати тоҷикони қисми ҷанубии Тоҷикистон дар китоби «Тоҷикони кӯҳистон» инъикос карда, натиҷаҳои таҳқиқоти антропологии тоҷикони ноҳияҳои Ш. Шоҳин, Даштиҷум ва Муъминободи вилояти Кӯлоб ва вилояти Ғарм (Рашт) баён шудааст [54, с. 275]. В.В. Гинзбург аввалин таҳқиқоти антропологии нисбат ба сокинони Қаротегин ва Дарвозро солҳои 30-юм анҷом дод, ки бо ин восита нахустин маводди антропологии вобаста ба масъалаи этногенези тоҷикон ва халқҳои Осиёи Миёна ҷамъоварӣ шуданд. Натиҷаҳои таҳқиқи ӯ дар шакли китоб бо номи «Тоҷикони кӯҳистон» нашр шуда, унсурҳои тағйироти ҷузъии аломатҳои антропологии маҳаллиро муайян ва ҷудо намуд. Ӯ нахустин муҳаққиқ буд, ки изҳор дошт маводди ба дастомада мавҷудияти навъи аврупоӣ ва ҳавзаи баҳри Миёназаминро собит мекунанд, ки мутааллиқ ба наслҳои бевоситаи аҳолии нисбатан қадим ҳастанд, ки бо аҳолии Осиёи Пеш ва ҷануби Осиёи Миёна ҳамтаборанд. Ба ин сабаб илман андешаи бумӣ будани тоҷикон дар ин минтақа ва ҳамчун сокинони таҳҷоии Осиёи Миёна будани онҳо аз дидгоҳи комилан нави илмӣ тасдиқ шуд.

Таъсири аломатҳои антропологии мардумони ҳинду-афғонӣ, ки дар он тарафи Ҳиндукуш умр ба сар мебурданд, ба сокинони муқимии ин сарзаминҳо, ки тоҷикон буданд, наметавонист дар иртиботи ин мардумон ягон монеаи ҷиддӣ биёрад. Аз ин рӯ, дар нишебиҳои шимолии ин қаторкӯҳ (Ҳиндукуш) халқҳое умр ба сар мебурданд, ки аз рӯи аломатҳои антропологии навъи нажодӣ косахонаи сари онҳо кӯтоҳ буда, дар минтақаҳои ҷанубии он халқҳо ва мардумони нажоди навъи дарозсар зиндагӣ мекунанд. Танҳо дар байни аҳолии Дарвози шарқӣ метавонад таъсири навъи дарозпаҳлӯро дар муқоиса бо тоҷикони дигар ҷойҳо дар шакли андаке паст шудани шохиси сар мушоҳида кард. Дар байни халқҳои Помири Ғарбӣ шохиси сар на танҳо кам намешавад, балки ҳатто дар самти Дарвоз ба ҷануб ҳам меафзояд. Ин афзоиш дар нишондод аз робитаи гузаштаи аҳолии Помири Ғарбӣ бо Бадахшони Афғонистон, ки ба аҳолии он ҳам шакли сари мудаввар хос аст, гувоҳӣ медиҳад.

Дар мавзеи Тӯпхонаи водии Ҳисор В.В. Гинзбург зиёда аз 20 косахонаи сари одамонро амиқ таҳқиқ намуда, аз ин миқдор 3 косахонаи сар каме аломатҳои муғулинажодро доштааст. Ин косахонаҳо ба асрҳои I–VIII мелодӣ тааллуқ доранд. Лекин В.В. Гинзбург пайдоиши қабилаҳои муғулинажодро дар ин минтақа дар ин асрҳо ба пуррагӣ инкор мекунад.

В.В. Гинзбург таҳқиқоти таърихӣ ва этнографии худро оид ба тоҷикони Тоҷикистони ҷанубӣ гузаронида бо инобати натиҷагирии олимон чунин хулосагирӣ кардааст:

1. Дар асрҳои VI–VIII ин ҳудуд ба давлати Бохтар мутаалиқ буданд ва онҳо аз рӯи аломатҳои антропологӣ мутааллиқи навъи нажоди аврупоии мовароуннаҳрӣ ва монанди мардумони Суғд мебошанд;

2. Тоҷикони вилояти Кӯлоб ва водии Ёвон ба намуди нажоди аврупоии мовароуннаҳрӣ мутааллиқ мебошанд ва дар ин мардумон ягон аломатҳои нажоди муғулӣ дида намешавад. Тоҷикони қисми ҷанубу ғарби Тоҷикистон ва ҷанубу шарқи вилояти Сурхандарёи Ӯзбекистон низ ба ин навъи нажодӣ тааллуқ дошта, дар муқоиса бо тоҷикони Кӯлоб ягон дигаргунӣ дар онҳо дида намешавад. Дар таҳқиқоти гузаронидаи антропологи ӯзбек К. Наҷимов [224, с. 24] оид ба ин мардумон ягон тағйирот ва дигаргунӣ муайян карда нашудааст [56, с. 56].

3. Тоҷикони ноҳияҳои ҷанубу ғарби Тоҷикистон ва ҷанубу шарқи Ӯзбекистон дар ҳақиқат аз дигар мардумони водиҳо бо кӯҳҳои баланд иҳоташуда, аз муомилоти доимӣ дар як муддати тӯлонӣ эмин монда, забони муошират ва навъи нажоди худро аз омехтагиҳо бо дигар мардумон нигоҳ доштаанд. Ин тоҷикон намояндагони бевоситаи Бохтари қадим ба шумор мераванд.

4. Тоҷикони ҳудуди ноҳияҳои ҷануби Тоҷикистон дар байни дигар мардумони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ аз ҷиҳати антропологӣ ба пуррагӣ омӯхта ҳисобида шудаанд.

Натиҷаҳои ба дастовардаи антропологии В.В. Гинзбург оид ба тоҷикони Тоҷикистони Ҷанубӣ дар зарфи 4 соли таҳқиқоташ мебошад, ки ӯ аз соли 1932 то соли 1936 дар ин минтақа ба корҳои саҳроӣ машғул шуда, баъдан хулосаҳои хешро пешниҳод кардааст, ки аз тарафи олимон дастгирӣ ёфтанд.

Ғайр аз ин, муҳаққиқи дигари машҳури шуравӣ Л.В. Ошанин [146, с. 130] соли 1935 дар ноҳияи Кӯлоб гурӯҳи тоҷикони аз Балҷувон ва Муъминобод муҳоҷиршударо пайдо карда, зери таҳқиқоти антропологӣ қарор дод.

Минбаъд, дар баробари омӯзиши масоили этникии тоҷикони ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон масоили антропологии онҳо

мавриди омӯзиш ва таҳқиқи муҳаққиқони рус қарор гирифт. Хусусан, экспедитсияи мардумшиносии Кӯлоб солҳои 1948–1949 бо мақсади муайян намудани этногенези тоҷикон роҳандозӣ гардид. Солҳои 1952–1953 отряди махсус таъсисдодаи ин экспедитсия ба омӯзиши антропологиву мардумшиносии тоҷикон дар ноҳияҳои ҷанубии Тоҷикистон кори худро оғоз намуд. Ин таҳқиқот аз ҷониби Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии АИ ҶШС Тоҷикистон сурат гирифт. Бо мақсади гузаронидани таҳқиқоти антропологӣ солҳои 1952–1953 дар ҳудуди ҷануби Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо Институти таърих ва бостоншиносии АИ ҶШС Ӯзбекистон экспедитсияи муштарак таъсис дода шуд. Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти антропологӣ дар ноҳияҳои вилояти Кӯлоб беш аз 2,5 ҳазор тоҷик мавриди таҳқиқ қарор гирифтанд.

Корҳои экспедитсионӣ зери роҳбарии Л.В. Ошанин, сардори отряд В.Я. Зезенкова, ҳамчунин Н.Ҳ. Нурҷонов ва гурӯҳи донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна доир гардиданд. Аз натиҷаи таҳқиқоти онҳо бармеояд, ки гурӯҳҳои этникие, ки дар натиҷаи муҳоҷират ба ҳудудҳои ҷануби Тоҷикистон ворид гардиданд ва дар ин минтақаро макони зист намуданд, дар таърих ҳамчун «ҳудудҳои этникӣ» -и тоҷикон эътироф гардидааст ва ба тамаддуни мардумони муқимӣ –тоҷикон мутобиқ шуда, баъзе урфу одатҳо ва тарзи зиндагии худро тағйир додаанд.

Солҳои 1948–1950 Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон экспедитсияи таҳқиқотиро барои гузаронидани таҳқиқоти этнографӣ дар байни аҳолии ҷануби Тоҷикистон омода намуд, зеро то он замон аҳолии ҷануби Тоҷикистон аз ҷиҳати антропологӣ омӯхта нашуда буд. Барои ҳамин, Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии Академияи илмҳои Тоҷикистон бо ҷалби кормандони Институти

таърихи Академияи илмҳои Ӯзбекистон соли 1951–1952 экспедитсияи муштараки этнографӣ-антропологиро барои гузаронидани таҳқиқоти антропологиву этнографии аҳолии ҷануби Тоҷикистон – тоҷикон равона кард. Роҳбари умумии ин экспедитсияи муштаракро доктори илмҳои биология ва антропология Л.В. Ошанин (1884–1962) ва роҳбарии корҳои экспедитсионӣ ба ӯҳдаи дотсенти кафедраи антропологияи шаҳри Тошканд, ки гурӯҳи дуюми экспедитсияи антропологиро В.Я. Зезенкова, ки ба экспедитсияи Ғарм солҳои 1952–1953 роҳбарӣ мекард, ба уҳда доштанд [146, с. 197].

Баҳори соли 1952 профессор-антрополог Л.В. Ошанин бори дигар аз Ӯзбекистон ба Сталинобод омада, дар якҷоягӣ бо мардумшиносони Тоҷикистон барои ҷиҳозонидани экспедитсия камар баста, роҳҳои сафари экспедитсия ва ноҳияҳои зери таҳқиқот қарор додашударо муайян кард. То соли 1952 мардумшиносони Тоҷикистон як қатор корҳои таҳқиқотӣ-мардумшиносиро ба сомон расонида буданд, барои ҳамин ин ибтикор экспедитсияи муштарак номида шуд.

Барои таҳқиқи ҷануби Тоҷикистони якбора ду экспедитсияи таҳқиқотии антропологӣ омода карда шуд, ки ба яке дотсенти кафедраи антропологияи Университети давлатии Осиёи Миёнаи шаҳри Тошканд В.Я. Зезенкова [146, с. 197] роҳбарӣ мекард ва он тобистони соли 1952 кори худро оғоз кард. Ба ҳайати ин экспедитсия барои ҷамъоварии маводди антропологӣ лаборантон ва донишҷӯёни курси 5-уми Донишгоҳи давлатии Осиёи Миёна Астафева, Кияткина, Носакина ва Степаненко ҷалб шуданд. Тибқи муқаррарот дар байни мардони синнашон аз 20 то 60 сола таҳқиқоти антропологӣ гузаронида шуд.

Тобистони соли 1953 дар якҷоягӣ бо Институти таърихи Ӯзбекистон таҳқиқоти антропологӣ дар вилояти Кӯлоб гузаронида шуд, ки ба он дотсент В.Я. Зезенкова роҳбарӣ мекард. Дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти антропологӣ дар ҳудуди Кӯлоб, ноҳияҳои

Шамсиддин Шоҳин ва Муъминобод муайян карда шуд, ки аҳолии ин минтақаҳо тоҷикон мебошанд.

Дар нақшаи тартибдодаи Л.В. Ошанин ва З.Я. Зезенкова [146, с. 54] оид ба тоҷикони Дарвоз, водии дарёи Хингоб, водии Панҷ, Ёхсу, тоҷикони ҷанубу ғарби Тоҷикистон бо 9 аломатҳои хосси антропологии мардону занони аз 20 то 60-сола тартиб дода шудааст, ки дар он муқоисаҳои антропологии В.В. Гинзбург соли 1932 ва Н.В. Богоявленский, ки солҳои 1898–1901 дар ин музофотҳо гузаронидаанд, пешниҳод карда шуда буд.

Соли 1955 экспедитсияи В.Я. Зезенкова ҳудуди дигари Тоҷикистони ҷанубӣ – водии Ҳисорро низ зери таҳқиқоти антропологӣ қарор дод. Ҳамин тариқ, солҳои 1952–1953 дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти антропологӣ дар ноҳияҳои Данғара, Ш. Шоҳин ва Муъминободи вилояти Кӯлоб хусусияти антропологии тоҷикон муайян карда шуд.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидаи экспедитсия бо аломатҳои сохти антропологии тоҷикон, аз рӯи симои зоҳирӣ, сохти бинӣ (паҳн, баланд) ва шакли чашмон муқаррар карда шуд, ки онҳо дар худ аломатҳои аврупоиро дороянд.

Дар ҷануби Тоҷикистон, аниқтараш дар мавзеи Бешаи Палангон, дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ косахонаи сар пайдо карданд, ки ба одамони шакли аврупоии долихокранӣ мутааллиқ будааст. Пайдоиши аврупоиҳои рӯяшон пастро дар ҷануби Тоҷикистон В.В. Гинзбург [56, с. 153] ва Т.А. Трофимова пайдо карданд. Дар натиҷа ба хулоса омаданд, ки ин ҷараёни муҳоҷират бо ҳаракати одамони андроновӣ дар ҳазорсолаи II пеш аз мелод алоқаманд мебошанд.

Муҳаққиқи дигари рус Т.П. Кияткина дар омӯзиши масоили этнографиву антропологии тоҷикони ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон нақши муҳим гузоштааст. Ӯ дар масаъали косахонаҳои

сари аз Бешаи Палангон ёфтшуда андеша баён доштааст: «Тафовути ҷиддӣ дар аломатҳои антропологии одамони гӯронидашудаи дар қабрҳои алоҳида хобидаи Бешаи Палангони ҷануби Тоҷикистон (қабри 1, 2, 3, 4) нест. Косахонаи сари мардон ва заноне, ки дар Бешаи Палангон пайдо гардидаанд, аломатҳои антропологии якхела – долихокреанӣ (шакли сари дароз ва ё нисбатан кӯтоҳ) мебошанд» [91, с. 22]. Таҳқиқоти Т.П. Кияткина аз давраи неолит то асрҳои миёна – давраи муттаҳид гардидани гурӯҳҳои этникӣ дар давраи Сомониёнро дар бар мегирад. Ин гурӯҳҳои этникӣ, ки асосан тоҷикон иборат буданд, забони муоширaт ва забони адабии дошта, ҳудуди таъсисёфтаи давлатдорӣ ва соҳиби маданияти пешрафта буданд. Натиҷаи ин таҳқиқот ба ҳодисаҳои таърихӣ равшанӣ андохта, барои муайян кардани ҷараёни этногенези мардумони Осиёи Миёна кумак мекунад. Масалан, омӯзиши маълумоти антропологӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқоти Н.Т. Кияткина [91, с. 174] ба даст омадааст, дар давраи аҳди биринҷ мардумони дар ҳудуди ҷануби Тоҷикистон зиндагӣ дошта, ба мардумони аврупоинажод тааллуқ доштаанд. Аз ҷиҳати генетикӣ шакли нажодии аҳолии замони сакоиҳо бо эҳтимоли зиёд ба даврaи биринҷӣ рафта мерасад.

Дар ҷилди якуми асари дастаҷамъии «Этногенез ва таърихи этникии халқи тоҷик», ки соли 2021 нашр шудааст, қайд мегардад: «Мадракҳои антропологии гӯрхонаҳои Тулхори ҷануби Тоҷикистони ба Т.П. Кияткина имконият доданд, ки дар доираи муайянкунии нажодию генетикӣ таҳқиқоти васеъ гузаронад. Ин таҳқиқотҳо нишон доданд, ки шуруъ аз давраҳои ибтидоии маскуншавии одамон дар ҳудуди Тоҷикистони имрӯза, аҳолии ин ҷо шакли баҳримиёназаминии нажоди аврупоиро тааллуқ доштанд. Фаъолияти бевосита бо мадракҳои антропологӣ исбот месозад, ки онҳоро аврупоинажод метавон донист» [211, с. 845].

Қайд кардан ба маврид аст, ки Т.П. Кияткина чунин меҳисобад: ҷудошавии нажодӣ дар Осиёи Марказӣ дар ҳафриётгоҳҳо собит гашта, дар фонди шуъбаи бостоншиносӣ намунаҳои зиёди мадракҳои креаниологии давраи васеи замони ҳазорсолаи VI то милод – ҳазорсолаи II милодӣ ҷамъ оварда шаванд (зиёда аз 600 адад косахонаҳои сари аҳди қадимтарин).

Аз замони маданияти Ҳисор низ нахустин бозёфтҳои антропологӣ ба даст омаданд, ки Т.П. Кияткина дар хусуси онҳо таҳқиқотҳои муҳим анҷом дода, андешаашро чунин баён кардааст: «Сокинони Тутқавул ба шакли ҳанӯз ҷудонашуда (дифферентсиянашуда)-и нажоди аврупоии ибтидоӣ дохил мешаванд [91, с. 52]. Ӯ бозёфтҳои Қӯрғон-Оқсойи I-ро баррасӣ карда, ин бозёфтҳо мансуб ба сакоиҳо медонад. Мувофиқи таҳқиқоти ӯ гӯрхонаҳои Лахш I ва Лахш II (V–VI милодӣ) ба он ишора мекунанд, ки сокинони қадими қисми болооби Вахш аврупоисимо, яъне, эронизабон будаанд. Т.П. Кияткина гӯрхонаи Чатрсангро кушода, чандин ҷасади шаклашон аврупоиро пайдо кард.

Дар асоси омӯзиши мадракҳои антропологии маданияти Ҳисор, муаллифи мазкур мулоҳизаи муҳим изҳор доштааст, ки таъсири равандҳои муҳоҷират ба ташаккули нажоди баҳримиёназаминӣ дар Осиёи Марказӣ, эҳтимол, муболиға шудааст, зеро як қатор вариантҳои шакли шарқии баҳримиёназаминии антропологӣ метавонист дар худи ҳамин ҷо инкишоф ёбад. Дар ин маврид бозёфтҳои Ҳисор далели аз ҳама қадимӣ баъди бозёфтҳои палеолитии антропологии Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад [91, с. 176].

Ба ғайр аз корҳои дақиқи техникӣ ва барқароркунӣ аз тарафи Т.П. Кияткина таҳқиқоти ҷиддии илмӣ анҷом дода шуд, ки дар асарҳои калонҳаҷми чопшудааш инъикос ёфтаанд. Дар онҳо ҳамаи мадракҳои антропологии аз ҳудуди Тоҷикистон дастрасшуда коркард ва ба манзури илмон гузошта шуданд [90, с. 10].

Яке аз соҳаи алоҳидаи антропология, ки ба омӯзиши умумият ва тафовути гурӯҳҳои этникӣ машғул аст, ҳамчун «антропологияи этникӣ» маъруф гаштааст, дар тули таърих дар баробари омӯзиши этногенези мардум то ба ҳол рушд намудааст. Ҷараёнҳои этникӣ моро вазифадор мекунанд, ки маълумоти ба даст овардаи антропологҳоро ҳангоми муҳокима бо масъалаҳои этникӣ дар якҷоягӣ баррасӣ намоем.

Забон ва фарҳанг ҳамчун рукни нажодҳоянд. На танҳо маълумоти таърихӣ, балки забоншиносӣ ва антропологӣ дар тули таърих барои инъикоси ҳама ҷанбаҳо ва марҳилаҳои таъриху фарҳанги гузаштаи халқҳою мардумон равшанӣ меандозад. Бинобар ин, дар ҳалли масъалаҳои этногенези халқҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи этникӣ ба ғайр аз аломатҳои антропологӣ, бояд таҳқиқоти дигар соҳаҳо, аз ҷумла, мардумшиносӣ, бостоншиносӣ ва забоншиносӣ низ дар назар бошанд.

«Аҳаммияти маводди антропологӣ бо афзоиши хеле қадимӣ будани равандҳои этногенетикии таҳқиқшаванда рӯз аз рӯз меафзояд. Ҳодисаҳои таърихии садсолаҳои охир набояд аз маркази диққати антропологҳо дур монад. Аввалан, онҳо ба тағйироте, ки дар таркиби антропологии аҳолӣ мушоҳида мешавад, дар натиҷаи муҳоҷирати қабл аз масири таърих дур намондаанд» [64, с. 25]. Дуюм, рӯйдодҳои таърихии начандон дур маъмулан бо тамоми ҷуъзиёташон маълуманд ва имкон медиҳанд хусусиятҳои хос ва таркиби антропологии мардумони музофоту минтақаҳо ҷиддӣ ва дақиқ омӯхта шаванд. Чунин раванд барои дақиқ кардани заминаҳои назариявии истифодаи маводди антропологӣ ва коркарди маводҳои этногенетикӣ аҳаммияти калон дорад.

Баъзе воқеаҳои таърихӣ, ки дар дастнависҳо ва манобеи дигари таърихӣ муфассал инъикос шудаанд, одатан ба омӯзиши антропологӣ зарурат надоранд. Аммо, ҳар қадар ин рӯйдодҳо аз замони муосир дуртар бошанд, натиҷаҳои таҳқиқоти антропологӣ ҳамон қадар нақши

бештар доранд. Алалхусус, дар муносибат ба равандҳои этногенез, ки дар шароити сохти ғуломдорӣ ва феодалӣ ба амал омада буданд.

Кашфи маълумоти нави илми таърих на танҳо тавассути манобеи хаттӣ ва дигар сарчашмаҳои таърихӣ сурат мегирад. Тағйирёбии намуд ва шаклу симои зоҳирии одамон дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ ҳамчун манбаи боэътимод, сарчашмаи таърихӣ мебошанд. Ин маълумот алоқаи миёни мардумони муқимӣ ва таҳҷоии ин сарзаминҳоро бо мардумони муҳоҷиршуда муайян намуда, имкон медиҳанд, то муҳоҷирати инсониятро аз аҳди қадим дар давраҳои муайяни таърихӣ инъикос намояд. Фарзияҳо роҷеъ ба пайдоиши макон, ватани аҷдодӣ ва нажоди тоҷикон дар илми таърих зиёд мебошад. Дар асоси таҳқиқоти онҳо навъи нажодҳо, ки ба таври густурда дар охири асри гузашта муҳаққиқон ва муаррихон, антропологҳо амалӣ намуданд, ақидаҳои илмии худро пешниҳод карданд. Дар симои тоҷикон аҳолии муқимиро дида, муҳаққиқон тахмин мекарданд, ки онҳо муҳоҷирони аз Эрон, Афғонистон, Ҳиндустон, Осиёи Пеш ва ҳатто Аврупо омада мебошанд [23, с. 484] Дар замони ҳозира эътироф шудааст, ки тоҷикон аз насли бумӣ, муқимии қадимаи ин кишваранд. Гузаштагони онҳо дар аҳди куҳан суғдиҳо мебошанд, ки дар ҳазорсолаи II–I қабл аз милод дар қисмати ҷануби Осиёи Миёна то қаторкӯҳҳои ҷануби Ҳисор сукунат мекарданд. Аз ҷануби қаторкӯҳҳои Ҳисор то Ҳиндукуш аҷдодони тоҷикон, зоҳиран тохариҳо буданд, ки бар хилофи суғдиҳо дар бораашон маълумоти кам аст.

Дар асарҳои В.В. Гинзбург [54, с. 275; 57, с. 248] масъалаҳои бозсозии равандҳои этногенетикӣ дар асоси маълумоти антропологӣ, ки дар он ин маълумотҳо таҳлил карда шудаанд, инъикос гардидаанд.

Тавре ки В.В. Бартолд қайд кардааст «аҳолии муқимии маскуншудаи минтақа танҳо дар охири ҳазорсолаи I номи тоҷиконро соҳиб шуд. Дар ибтидо арабҳои истилогарро бо номи яке аз

қабилаҳояшон тоҷик мегуфтанд, аммо баъдтар тамоми афродеро, ки исломро қабул карда буданд, аз ҷумла, ҳам истилогарон ва ҳам аҳолии бумиро тоҷик ном мебурданд. Ин этнонимро ба форсҳое, ки дар ҳудуди Осиёи Миёна пайдо мешуданд, нисбат медоданд, пасон туркон этноними «тоҷик»-ро ба тамоми аҳолии бумии эронӣ мансуб медонистанд» [38, с. 45].

Минтақаҳои кӯҳистонӣ ба он мусоидат мекард, ки аҳолии ноҳияҳои мухталифи тоҷикнишин бо истилогарон дар дараҷаҳои гуногун дар тамос шаванд. Чунин муносибат дар водиҳо ва доманакӯҳҳо нисбат ба ноҳияҳои баландкӯҳ мушкилтар буд. Дар байни аҳолии водиҳо ва мардумони дараҳои дур воқеъбуда тараққиёти гуногуни маданияту фарҳанг бештар дида мешуд.

«Дар натиҷа рушониҳо, шуғниҳо, вахониҳо ва дигар халқҳои Помири Ғарбӣ, инчунин, яғнобиҳо дар иҳотаи кӯҳҳои баланд хусусиятҳои хосси зиндагӣ ва ҳатто лаҳҷа ва гӯйишҳои худро аз истилогарон ҳифз карданд» [54, с. 45–46]. Чунин ҳолат водор месозад хулоса намоем, ки дар ноҳияҳои кӯҳӣ дар сатҳи камтар нисбат ба водиҳо аҳолӣ бо унсурҳои бегона омезиш меёфтанд, дар дараҳои дурдасте, ки лаҳҷаҳо боқӣ мондаанд, робита камтар сурат мегирифт. Маҳалли будубоши яғнобиҳо қариб, ки дар маркази Суғд воқеъ буда, вазъи ҷуғрофӣ, забони қадимии ин мардумро, ки дар он унсурҳои суғдӣ мавҷуд мебошад, нигоҳ доштанд.

А.Н. Кондауров (1906–1942) намояндаи насли нави этнографони шуравӣ буд, ки таҳсилоти худро дар Донишгоҳи давлатии Ленинград гирифтааст. Ихтисоси ӯ - этнографияи халқҳои Осиёи Миёна - самти асосии фаъолияти минбаъдаи илмии ӯро муайян намуд. Таҷрибаҳои саҳроии аввалини ӯ, аз ҷумла дар Карелия ва Тоҷикистон дар ташаккули малакаҳои таҳқиқотии ӯ нақши муҳим бозиданд. Фаъолияти касбии ӯ дар муассисаҳои илмии Ленинград, аз ҷумла Институти

омӯзиши халқҳо (минбаъд Институти антропология ва этнография) ба рушди минбаъдаи таҳқиқоти этнографӣ мусоидат намуд. Аз соли 1932 сар карда, ӯ таҳқиқоти худро дар ҳудуди Тоҷикистон пайваста идома дода, ба омӯзиши аҳолии кӯҳистон, махсусан яғнобиҳо машғул шудааст.

Оид ба яғнобиҳо мардумшинос ва антропологи рус А.Н. Кондауров соли 1934 таҳқиқоти этнографӣ ва антропологӣ гузаронидааст [16, лл. 1–23]. Пӯсти бадани яғонобиҳо аз рӯи пигментатсия бо тоҷикони кӯҳистон монанд буда, бо дигар аломатҳои антропологӣ бисёртар бо мардуми Қаротегин наздикӣ доранд. Ба он аломатҳои забоние, ки то ба ҳол дар яғнобиҳо нигоҳ дошта шуда, то замони мо омада расидаанд, онҳо тавонистанд забони муоширати аҳди куҳани худро то ба даврони мо нигоҳ доранд. Аз рӯи дигар аломатҳои антропологии яғнобиҳо мардумони шакли куҳани автохтонии кӯҳистонӣ буда, ба мардумони тоҷикони кӯҳистон шабеҳият доранд. Ба қавли А.Н. Кондауров «аҳолии қисми чап ва рости дарёи Яғноб аломатҳои якхелаи антропологӣ доранд ва байни онҳо тафувути калон вуҷуд надорад» [16, лл. 1–13]. Аз ин лиҳоз А.Н. Кондауров ин мардумро ҳамчун мардумони навъи «назди Помир» ва аз намуду шакл ва андоми зоҳирӣ ба аврупоиҳо монанд кардааст. Ин ақидаро этнографи рус Л.Ф. Моногарова [117, с. 174] низ дар таҳқиқоташ қайд кардааст.

Яке аз дастовардҳои муҳими илмии Кондауров омӯзиши ҳамаҷонибаи яғнобиҳо ҳамчун гурӯҳи этникии камомӯхташуда мебошад. Ӯ бо такя ба маълумоти забоншиносӣ ва этнографӣ нишон медиҳад, ки яғнобиҳо ворисони бевоситаи аҳолии суғдӣ буда, забони онҳо унсурҳои муҳими забони қадимаи суғдиро нигоҳ доштааст (ниг. Бартольд, 1963; Кондауров, 1940). Ин хулосаи муҳаққиқон барои фаҳмиши равандҳои этногенетикӣ дар Осиёи Миёна аҳаммияти назаррас дорад. Таҳқиқоти Кондауров дар ноҳияи Варзоб хусусияти

муқоисавӣ дошта, ба омӯзиши гурӯҳҳои муҳоҷири яғнобӣ равона карда шуда буд. Ӯ таъсири муҳити этникӣ ва иҷтимоии тоҷиконро ба тарзи зиндагӣ ва фарҳанги ин гурӯҳҳо таҳлил намуда, ба тағйироти фарҳангӣ дар шароити ҳамзистии этникӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст. Дар ин замина, истифодаи манбаъҳои шифоҳӣ ҳамчун сарчашмаи таърихӣ яке аз вижагиҳои методологии таҳқиқоти ӯ ба ҳисоб меравад.

Ҳамин тариқ, фаъолияти илмии А.Н. Кондауров дар рушди этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ саҳми назаррас гузошта, барои омӯзиши минбаъдаи равандҳои этникӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии минтақа заминаи устувори илмӣ фароҳам овардааст.

Мо бояд муайян намоем, ки то кадом андоза намуди нажоди қадимаи тоҷикон дар маҳалли будубоши аслии онҳо ҳифз шудааст. Аммо, мутаассифона, оид ба ҳалли ин масъала маводҳои антропологӣ ҳоло кам аст.

Таҳқиқоти ҷараёнҳои этникӣ, ки дар тули садсолаҳо мардумон ва халқиятҳо ташаккул ёфтаанд, имрӯз барои илми этнографияи Тоҷикистон як шохаи алоҳидаи таърих ба ҳисоб меравад. Қисми ҷануби Тоҷикистон аз ҷиҳати ҳайати этникӣ то нимаи дуюми асри XX аз тарафи мардумшиносон ба тариқи амиқ зери риштаи таҳқиқ қарор нагирифта буд. Дар ҳақиқат, ҳудуди ҷануби Тоҷикистони то ба ҳол ба пуррагӣ аз ҷониби мардумшиносон омӯхта нашудааст.

Тибқи маводди антропологии муҳаққиқон ва антропологҳои рус хулосагирӣ кардан мумкин аст, ки тоҷикон намояндагони навъи нажоди қадимаи аз ҷиҳати аломатҳои антропологӣ ба худ хос буда, дар ин ҳудудҳо ва дар ноҳияҳои кӯҳистон ин шакли нажодӣ хубтар аз омехтагиҳои этникӣ ҳифз шудааст, зеро аҳолии ин ноҳияҳо камтар зери таъсири истилогарон монда, камтар бо онҳо омехта шудаанд. Беҳуда нест, ки дар ин ҷойҳо аз аҳди қадим боқимондаҳои дини зардуштӣ дар

ҳар шакл то ба даврони мо омада расидааст, ки яке аз онҳо ин «аловхона», яъне хонаҳои дар назди масҷидҳо боқӣ мондаанд, ки дар он мардон дар атрофи оташ ҷамъ мешудаанд [84, с. 88].

Шабоҳати наздики тоҷикони кӯҳистон бо эронитаборони доманакӯҳи Помир ин натиҷаи рушди бо ҳам монанди аҳолии Суғду Бохтар мебошад. Аҳолии ҳарду минтақа ба таъсири ҳадди ақал аз ҷониби истилогарон гирифтор шуданд. Дар бораи шабоҳати тоҷикони кӯҳистони Қаротегин бо яғнобиҳо ва ин таъсири эҳтимолӣ бо истинод ба асари В.В. Гинзбург – «Тоҷикони доманакӯҳҳо» дар боло зикр гардида буд [54, с. 66].

Шабоҳати тоҷикони кӯҳистонӣ бо яҳудиёни Осиёи Миёна, ки ба ин минтақа дар ҳазорсолаи I ва II милодӣ омаданду ҳамеша дар инзиво мезистанд, аз он вобастагӣ дошт, ки дар типи нажодии тоҷикон унсурҳои Осиёи Пеш ва ё унсурҳои монанди он қадимӣ мебошанд. Онҳо на танҳо дар натиҷаи таъсири ишғолгарони Форсу Юнон миёнаҳои ҳазорсолаи I то милод аз Осиёи Пеш, балки хеле қаблтар аз ин пайдо шудаанд, зеро суғдиён ба типи брахикефалии аврупоӣ мансуб буда, аз кӯҳҳои Алп то Помир паҳн мешаванд.

Дар этногенези тоҷикон нуқтаи ҷолиб ин воқеият аст, ки ба типи нажодии онҳо типи нажодии дарозсарҳо, ки ба эрониҳо, ҳинду афғонҳо ва туркманҳо хос аст, ҳеҷ таъсире надошт.

Л.В. Ошанин қайд менамояд, ки «Таъсир ба навъи нажодии тоҷикон – навъи асосии эрониҳо, сарфи назар аз он, ки Эрон хеле пеш бо фарҳанги аҳолии бумии инҷо алоқа дошт ва минбаъд ҳам иртиботи он бо Эрон ҳеҷ гоҳ канда нашудаву ҳамеша дар ин минтақа касоне мезистанд, ки аслан аз ғарби Эрон буданд, мушоҳида намешавад» [145, с. 37]

Ин ҷо чунин тахмин кардан мумкин аст, ки ҳангоми истилои Осиёи Миёна аз ҷониби эрониҳо, ба инҷо асосан унсурҳои Осиёи Пеш,

ки қаблан дар артиши калони Ҳахоманишиниҳо (550–330 п.аз.м) хизмат мекарданд, омаданд. «Ин унсурҳо наметавонистанд осори зиёд дар типи нажодии тоҷикон боқӣ гузоранд, зеро худашон низ ба типи аврупоии аз нигоҳи антропологӣ кӯтоҳсарон тааллуқ доштанд. Аз ҷониби дигар, теъдоди ками онҳо дар Осиёи Миёна боқӣ монданд» [57, с. 253].

Эрониҳое, ки дар давраҳои нисбатан дер бо ҳар мақсад (истило, муҳоҷират) ба қаламрави Суғд ворид шуданд, дар тули асрҳо инҷо муқимӣ гардиданд ва эҳтимол дорад, ки теъдодашон кам будааст.

Навъи нажоди «хуросонӣ», ки ба он эҳтимолан аксарияти эрониҳои каме дертар ба ин музофотҳо омада муқимӣ шудаанд, тааллуқ дошта, аз шакли Осиёи Пеш бо аломатҳои дарозии сари худ – бракихефалия фарқ мекарданд. Азбаски ин нишонаи ретсессивӣ буд, метавонист ба осонӣ дар миёни гурӯҳи кӯтоҳсарон, ки аз лиҳози теъдод бартарӣ доштанд, паҳн шаванд. Братсихефалия – ин шакли сари одам аст, ки бо кӯтоҳ шудани он дар самти пеш ва дар самти кундалӣ васеъ шуда, ба сар шакли мудаввар ё ҳатто ҳамвор медиҳад.

Бинобар ин, ба алоқаҳои тулонии Эрон нигоҳ накарда, ин дар навъи нажодии тоҷикон қариб, ки инъикоси худро наёфтааст. Ба ҳар ҳол, эрониҳо, ки аз замонҳои дур дар қаламрави Осиёи Миёна будубош мекарданд, бо аҳолии маҳаллӣ омехта нашуда, аз рӯи аломатҳои физикӣ бо тоҷикон комилан монанд буда, танҳо бо қади баландтар фарқ мекарданд.

Таъсири ҳинду-афғонҳо ба мардумони қисми ҷануби Тоҷикистон зиёд шуда наметавонист, зеро Ҳиндукуш барои омезиши назарраси онҳо бо тоҷикон монеаи хеле ҷиддӣ ба ҳисоб мерафт. Бинобар ин, дар нишебиҳои шимолии ин қаторкӯҳ навъи нажодии халқҳои кӯтоҳсар будубош мекарданд, аммо дар минтақаҳои ҷануби он, баръакс, дарозсарҳо мезистанд.

Танҳо дар чеҳраи аҳолии Дарвози Шарқӣ таъсири типи дарозсарҳоро дар шакли каме паст шудани аломати сар дар муқоиса бо тоҷикони дигар музофотҳо эҳсос кардан мумкин аст. Дар мардуми ғарбӣ аломати сар на танҳо хурд намешавад, балки дар ҷанубтари Дарвоз меафзояд [54, с. 117].

Аз ҳар қишлоқ то қишлоқи дигар ин таҳқиқот муфассал аниқ карда шуда, ба тариқи анкетапуркунӣ гузаронида шуд. Дар ин муддат В.В. Гинзбург зиёда аз 350 анкетаи антропологиро бо дасти худ оид ба ҳар нафар аз аҳолии муқимии ин ҳудудҳо пур карда, оҳиста-оҳиста аҳолии 8 қишлоқи вилоятҳои Ғарм ва Кӯлобро омӯхт [8, лл. 1–94; 55, с. 474]. В.В. Гинзбург тамоми маълумоти антропологии аҳолии ин ҳудудҳоро ҷамъ карда, дар китоби худ «Тоҷикони кӯҳистонӣ» (Горные таджики) ба чоп расонид [55, с. 275].

А. П. Пестряков дар мақолаи худ «Антропологическое исследование некоторых групп населения Таджикистана и Узбекистана» дар асоси маводди экспедитсиҳои солҳои 1970, 1971 ва 1973, ки дар тамоми минтақаҳои Тоҷикистон гузаронида шуд, тоҷикони ноҳияҳои ҷанубиро ба тоҷикони ноҳияҳои шимоли Тоҷикистон муқоиса намуда, хусусиятҳои фарқкунандаи онҳоро инъикос менамояд. Мувофиқи таҳқиқоти ӯ «аз ноҳияи Восеъ, дар ҷараёни миёнаи дарёи Яхсу, дар баландии 600-700 метр аз сатҳи баҳр (қишлоқҳои Нонҷемес, Пушиёни Поён, Пушиёни Миёна, Пушиёни Боло) ғайр аз сокинони маҳаллӣ муҳоҷироне аз болооби дарёҳои Ёхсу ва Қизилсу зиндагӣ мекунанд, ки комилан тоҷик буда, бо дигар халқҳо омехтагӣ надорад» [147, с. 317].

Ҳамзамон, ба андешаи вай мардуми деҳаҳои Сармайдон, Дебаланд, Кӯлчашма, Навобод ва Кӯлоб, ки дар шарқи ҷараёни миёнаи дарёи Яхсу ҷойгир шудаанд, пурра тоҷик мебошанд. А.П. Пестряков вобаста ба аломатҳои антропологӣ чунин фарқиятҳоро дар

тоҷикони ҷанубӣ ва шимолӣ баён доштааст: «Тоҷикони шимолӣ дар муқоиса бо тоҷикони ҷанубӣ саркалонтаранд, чеҳраашон паҳн ва баландтар аст, пешонӣ андаке паҳн, диаметри ҷоғи поён калон, бинӣ каме калон ва борик мебошад. Тоҷикони ҷануби Тоҷикистон аз рӯи ҳамаи нишонаҳо сархурдтаранд ва дар миёни гурӯҳҳои аз ҷониби мо таҳқиқшуда дар ин қаламрав муқобили тоҷикони шимолӣ баҳисоб меравaнд. Аз рӯи бисёр аломатҳо ба тоҷикони ҷанубӣ тоҷикони кӯҳистонии вилояти Сурхандарё шабоҳат доранд» [147, с. 323].

Ин таҳқиқоти анҷомдодаи ӯ ба андешаи мо ба ҳақиқат наздик буда, дар масъалаи тоҷик будани аҳолии минтақаҳои зикршуда ҳақиқати раднопазир мебошад.

А.П. Пестряков ба хулосае меояд, ки «дар байни тоҷикон ду варианти нажоди Мовароуннаҳрии Осиёи Марказӣ вуҷуд дорад: шимолӣ ва ҷанубӣ, ки аз рӯи бисёр аломатҳои антропометрӣ ва антропоскопӣ аз ҳамдигар каме фарқ мекунанд» [147, с.325].

Дар натиҷаҳои таҳқиқотҳои антропологҳои рус, аз ҷумла, В.В. Гинзбург, Л.В. Ошанин, В.Я. Зезенкова, Т.П. Кияткина, А.П. Пестрякова чунин натиҷагирӣ кардан мумкин аст, ки истилогарон ба типи нажоди тоҷикони ҷануби Тоҷикистон таъсири камтар расонданд, зеро дар инҷо теъдоди ками онҳо муқимӣ гардид ва худи онҳо аз рӯи тип қисман ба аҳолии маҳаллӣ шабоҳат доштанд. Гурӯҳҳое, ки аз рӯи типи маҳаллӣ монанд нестанд, масалан эрониҳо аҳди бостон низ ба нажоди аврупоӣ тааллуқ дошта, танҳо бо бархе аз хусусиятҳои антропологӣ фарқ мекунанд, аз ҷумла, бо сохти бинӣ, рушди зиёди мӯйи сар, аммо тафовути онҳо асосан шакли сари дароз мебошад. Инҳо бо аҳолии маҳаллӣ он қадар омехта шудаанд, ки ҳоло муайян кардани таъсири эрониҳои аҳди бостон ба типи физикии тоҷикон душвор аст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидаи антропологҳо ва мардумшиносони рус чунин хулосагирӣ кардан мумкин аст, ки

сокинони аслӣ ва муқимии ҷануби Тоҷикистонро тоҷикон ташкил медиҳанд, ки аз давраҳои қадим дар ин сарзамин сукунат доштанд ва дар илми таърих бо номи бохтариён шинохта шудаанд.

Ҳамин тариқ, масоили антропологии тиҷикони ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон аз ҷониби антропологҳои рус – В.В. Гинзбург, Л.В. Ошанин, В.Я. Зезенкова, Т.П. Кияткина, А.П. Пестряков сурат гирифта, натиҷаҳои ба дастовардаи онҳо боиси эътимод мебошад. Аммо, муатаассифона, дар замони соҳибистиқлолӣ оид ба ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон таҳқиқоти антропологӣ анҷом дода нашудааст. Аз ин сабаб таҳқиқоти антропологони руси замони шуравӣ манбаи муҳим ҷиҳати таҳқиқи масоили антропологии ноҳияҳои марказӣ ва ҷанубии Тоҷикистон мебошад.

## ХУЛОСА

### 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Ҳамин тариқ, аз натиҷаи баррасии масъалаи муайян намудани саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ метавон чунин хулоса баровард:

1. Саҳми муҳаққиқони рус дар омӯзиши этнография ва антропологияи Тоҷикистони марказӣ ва ҷанубӣ дар солҳои 1920–2000 яке аз масъалаҳои муҳимми мардумшиносӣ буда, ба маврид таҳқиқ шудааст.

2. Фарҳанги моддии сокинони Кӯлоб, Муъминобод, Ховалинг ва минтақаи Рашт аз ҷониби муҳаққиқони рус ба таври васеъ таҳқиқ шуда, осори онҳо ҷиҳати омӯзиши масоили этнографӣ дар ин минтақаҳо аз манбаҳои муҳим – аввалин таҳқиқотҳои этнографии минтақаҳо ба ҳисоб меравaнд.[11-М, 7-М]

3. Гузаронидани корҳои таҳқиқотии мардумшиносон дар вилоятҳои Кӯлоб ва Ғарм боиси ба даст овардани далел ва маълумоте гардиданд, ки таърихи халқи тоҷик дар давоми чанд садсолаи охир ноил нагардида буд.

